Inter-Parliamentary Union
For democracy. For everyone.

UNHCR
The UN Refugee Agency

# Шањрвандї ва њолатњои бешањрвандї

**Рањнамои № 22**

**барои вакилони парлумон**



## Мундариља


Арзи сипос....................4
Пешгуфтор....................5
Муќаддима....................7
Чањорчўбаи њуќуќи байналмилалї оид ба њуќуќ ба шањрвандї ва коњиши њолатњои бешањрвандї....................9
Муайян кардан ва њимояи шахсони бешањрванд....................19
Пешгирии њолатњои бешањрвандї....................32
Наќши Комиссари Олии Созмони Милали Муттањид оид ба гурезагон....................47
Чї тавр вакилони парлумон метавонанд муфид бошанд?....................54
Замимаи 1: Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд....................63
Замимаи 2: Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандї....................66
Замимаи 3:
Санади намунавї барои њамроњ шудан ба Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд....................68
Санади намунавї барои њамроњ шудан ба Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандї....................68
Маълумоти мухтасар оид ба ИБП ва КОСММГ....................69

# Арзи сипос

Раҳнамои мазкур дар ҳамкорӣ бо Кумитаи Иттиҳоди Байнипарлумонӣ оид ба тавсеаи эҳтиром нисбат ба ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона таҳия шудааст.

### Таҳқиқот ва таҳлил:

Нашри якум (2005): Карол Батчерол ва Филипп ЛеКлерк (КОСММГ)

Нашри дуюм (2005): Марк Мэнли ва Ранда Говил (КОСММГ)

**Муаллиф:** Мэрилин Ачирон, иловаҳо аз ҷониби Ранда Говил

### Ҳайати таҳририя барои нашри дуюм

**КОСММГ:** Марк Мэнли, Ранда Говил, Ҷенис Л. Маршал ва Хосе Риера

**ИБП:** Андерс Б. Ҷонсон, Карин Ҷабре ва Нора Бейбик

**Забони аслии нашр:** англисӣ

Тарҷи муқова аз ҷониби Импримери Сентрал, Люксембург таҳия гардидааст.

# Пешгуфтор

Аз рўзи нашри якуми Раҳнамои мазкур (соли 2005) то ҳол вакилони парлумон барои рушди бесобиқаи чораҳои сатҳи љаҳонї нисбат ба масъалаи бешаҳрвандї саҳми назаррас мегузоранд. Дар ин давра љараёни ҳамроҳшавї ба ду Конвентсияи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) оид ба бешаҳрвандї сермаҳсул суръат гирифт ва раванди ислоҳоти қонунгузорї оид ба шаҳрвандї дар кишварҳои алоҳида бо мақсади пешгирии қазияҳои нави бешаҳрвандї ва ҳалли ҳолатҳои мављудаи бешаҳрвандї  равнақ ёфт. Инчунин, саъю кўшишҳо дар самти бақайдгирии вазъи шаҳрвандї ва такмили низоми ҳуљљатгузории шаҳрвандї бештар гардиданд.

Аммо мушкилоти бешаҳрвандї ҳануз љой дорад ва тибқи омори Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон (минбаъд КОСММГ) ҳадди ақал 10 миллион нафар дар саросари дунё аз он имрўз зарар мебинанд. Аз сабаб*и* шахси бешаҳрванд будани волидайни онҳо ҳар сол даҳҳо ҳазор кўдакон ҳамчун шахсони бешаҳрванд ба дунё меоянд. Бешаҳрвандї метавонад дар натиљаи табъиз ва худсарона маҳрум кардани шахс аз шаҳрвандї, ҳолатҳои ташаккулёбии давлатҳои ворисї ҳуқуқї, бақайдгирии нодурусти вазъи шаҳрвандї, мушкилот дар самти гирифтани ҳуљљатҳои тасдиққунандаи шаҳрвандї ва норасоиҳо дар қонунгузории миллї ба вуќўъ ояд.

Шахси бешаҳрванд нафаре мебошад, ки шаҳрванди ягон кишвар дониста намешавад. Бешаҳрвандї таъсири љиддї ва харобкунанда ба ҳаёти шахсони алоҳида, оилаҳои онҳо ва љомеа мерасонад. Шаҳрвандї на танҳо ба одамон ҳисси ҳуввият ва мансубият ба љомеаи муайян мебахшад, балки он инчунин барои ҳифзи пурраи шахс аз љониби давлат ва таъмини ҳуқуқҳои инсон, аз љумла ҳуқуқ ба таҳсилот, хизматрасонии тиббї, шуғли қонунї, молу мулк, иштирок дар ҳаёти сиёсї ва озодии ҳаракат нақши муҳим мебозад. Ба ғайр аз ин, аҳамияти воқеии ҳуқуқ ба шаҳрвандї дар Моддаи 15-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва як қатор аҳдномаҳои ҳуқуқи инсон, ки аз љониби аксари давлатҳо ба тасвиб расонида шудаанд, муқаррар карда шудааст. Дар ҳолати ҳалли худро наёфтани он, бешаҳрвандї метавонад боиси нооромї дар љомеа ва коҳиш ёфтани тадбирҳо дар самти рушди иқтисодї ва иљтимої гардад ва ҳатто ба низои мусаллаҳона ва тағйири макони зист оварда расонад.

Гарчанде баъзе аз шахсони бешаҳрванд маљбур мешаванд паноҳгоҳ љўянд ва гуреза шаванд, аксари онҳо дар кишварҳое, ки ба дунё омадаанд ва тамоми умр он љо зиндагї мекунанд, боқї мемонанд. Аз ин лиҳоз, бояд бештар тадбирҳо баҳри беҳтар намудани вазъи онҳое, ки дар ҳолатҳои фарогир ва дунболадори бешаҳрвандї бо оқибатҳои љиддї ба ҳуқуқҳои онҳо қарор доранд, андешида шаванд. Иродаи сиёсї ва амалҳои муттафиқона аз љониби давлатҳо калиди ҳалли ин мушкилот аст.

Чопи ин Раҳнамо ба даҳсолагии маъракаи иттилоотии КОСММГ оид ба хотима бахшидан ба бешаҳрвандї рост меояд. Барои расидан ба ин ҳадафи сертакаббур кўшишҳои вакилони парлумон нақши асосиро хоҳанд бозид. Вакилони парлумон бо қабули қонунгузории миллии бо қонунҳои байналмилалї мутобиқ метавонанд ба хотима бахшидан ба бешаҳрвандї мусоидат кунанд. Қонунҳо дар бораи шаҳрвандї бояд беасос аз шаҳрвандї маҳрум нагардидани шахсони алоҳида, баробарии зан ва мард дар доираи масъалаҳои шаҳрвандї ва додани шаҳрвандї ба кўдаконро дар ҳолатҳое, ки онҳо бидуни он метавонад ба шахсони бешаҳрванд табдил ёбанд, таъмин намоянд. Вакилони парлумон метавонанд инчунин ба раванди ҳамроҳ гардидани давлати худ ба ду Конвентсияи СММ оид ба бешаҳрвандї, ки заминаи мусоид барои чораҳои мутаффиқонаи байналмилалї дар ин самт пешкаш мекунанд, мусоидат намоянд.

Рањнамои мазкури иловагардида ва ислоњшуда оид ба шањрвандї ва њолатњои бешањрвандї, ки дар натиљаи њамкории муштараки Иттињоди Байнипарлумонї (минбаъд ИБП) ва КОСММГ тањия шудааст, сарчашмаи бои маълумот оид ба љабњањои гуногуни масъалаи бешањрвандї, омилњои рушди аќоиди њуќуќи байналмилалї, намунањои таљрибаи пешрафта ва роњњои эњтимолии њалли ин масъаларо пешкаш менамояд. Он њамчунин барои вакилони парлумон, шахсони мансабдор, ташкилотњои љомеаи шањрвандї ва дигар ашхоси ба он марбут як ќатор чорањоеро тавсия менамояд, ки метавонанд барои бартараф кардани мушкилоти бешањрвандї истифода гарданд. Мо мутмаинем, ки ин Рањнамо метавонад њамчун воситаи муфид барои аз байн бурдани мушкилоти бешањрвандї ва бартараф кардани оќибатњои харобкунандаи он барои миллионњо занон, мардон, писарон ва духтарон истифода гардад.

| | |
|---|---|
| Андерс Љонсон | Антонио Гутеррес |
| Дабири кули | Созмони Милали Мутањњид |
| Иттињоди Байнипарлумонї | Комиссари Олї оид ба гурезагон |

# Муқаддима

Онҳое, ки дар байни мо шаҳрванди кишваре ҳастанд одатан ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоеро, ки мақоми шаҳрвандӣ ба мо медиҳад ҳамчун чизи муқаррарӣ ва худ аз худ вуҷуддошта мепазиранд. Аксари мо метавонем кӯдакони худро ба мактаб диҳем, ба духтур ҳангоми бемор шудан муроҷиат кунем, ҷои кор, агар лозим ояд, пайдо намоем ва барои интихоби намояндагони худ дар ҳукумат ва мақомоти давлатӣ овоз диҳем. Мо ҳис мекунем, ки худ дорои мавқеи муайян дар кишваре, ки зиндагӣ мекунем, ҳастем ва мансубияти амиқеро ба чизи бузургтар аз шахсияти худ эҳсос менамоем.

Вале зиндагии шахсоне, ки шарҳвандӣ надоранд ва бешаҳрванд ҳастанд, чи гуна аст? Бидуни шаҳрвандӣ шахс наметавонад барои овоздиҳӣ дар кишвари истиқомати худ номнавис шавад, ӯ наметавонад барои гирифтани ҳуҷҷати зарурӣ барои сафар муроҷиат кунад ва ҳатто наметавонад ақди никоҳи худро ба қайд гирад. Дар баъзе ҳолатҳо, шахсоне, ки берун аз кишвари аслии худ ва ё кишвари истиқомати қаблиашон қарор доранд, дар мавриди рад гардидани вуруди такрорӣ ба ҳудуди он кишвар метавонанд ба муддати дароз ба ҳабс гирифта шаванд. Аксари вақт ҳатто аз ҳама ҳуқуқҳои асосӣ, ба мисли ҳуқуқ ба таҳсил, ба хизматрасонии тиббӣ ва шуғл ба шахсоне, ки наметавонанд мансубияти миллии худро ба кишвари истиқоматашон исбот кунанд, рад мегардад.

Ягон минтақаи ҷаҳон аз мушкилоте, ки ба бешаҳрвандӣ оварда мерасонад эмин нест. Аммо, шумораи амиқи шахсони бешаҳрванд дар ҷаҳон имрӯз муайян нест. Давлатҳо баъзан хоҳиши пешкаш намудани маълумоти дақиқ ё қобилияти ҷамъоварӣ ва пешкаш кардани онро надоранд. Танҳо дар баъзе аз кишварҳо механизмҳои бақайдгирии шахсони бешаҳрванд вуҷуд доранд, вале аз тарафи дигар шахсони бешаҳрванд аз сабаби надоштани макони зисти боэътимод худ тарафдори дарёфт карда шудан нестанд. Новобаста аз ин, шумораи зиёди кишварҳо бо КОСММГ дар самти муайян намудани миқдори шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди худ ҳамкорӣ менамоянд. Тибқи арзёбии КОСММГ миллионҳо нафар дар саросари дунё бидуни шаҳрвандӣ зиндагӣ мекунанд.

Бешарҳвандӣ, ки худ ҳамчун мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ якумин маротиба дар нимаи аввали асри XX эътироф гардид, метавонад дар натиҷаи норасоиҳо дар қонунгузории кишварҳо оид ба шаҳрвандӣ, ташаккулёбии давлатҳои ворисӣ ҳуқуқӣ, маҳдуд кардани гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа дар муддати тӯлонӣ ё маҳрум кардани шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида аз шаҳрвандӣ ба вуқӯъ ояд. Бешаҳрвандӣ одатан

> **«Аз шаҳрвандӣ маҳрум гардидан ба мисли маҳрум шудан аз дунёи муосир аст; ин ба мисли бозгашт ба ҷои бедолу дарахт ба ҳайси одами мағоранишину ваҳшист... Шахсе, ки касе нест, нафарест ҳамаи он хислатҳое, ки ба дигарон имконият медиҳанд то ӯро ҳамсони худ донанд, аз даст дода... Чунин шахсон ба ин дунё меоянду бидуни ягон нишоне, бидуни саҳме ба ҷаҳони калом боз мераванд».**
>
> **Ҳанна Арендт,** ***Асосҳои тоталитаризм***

ба давраҳои тағйироти ҷиддӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мансуб дониста мешавад. Аз нав муайян кардани сарҳадҳои байналмилалӣ, таҳрифи низоми сиёсии кишварҳо аз тарафи пешвоёни миллӣ бо ҳадафҳои шубҳаноки сиёсӣ ва ё маҳрум кардани одамон аз бешаҳрвандӣ бо мақсади маҳдуд ё истисно кардани ақалиятҳои нажодӣ, динӣ ё миллӣ дар натиҷа сабаби пайдо шудани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ дар тамоми минтақаҳои дунё гардиданд. Дар давоми 20 соли охир шумораи зиёди одамон аз шаҳрвандӣ маҳрум гардиданд ё, ки натавонистанд, ки ба шаҳрвандии давлате қабул гарданд. Агар пеши роҳи ин ҳолатҳо гирифта нашавад, ҳисси бештари маҳрум шудан аз тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ байни одамони дар ин ҳолат қарордошта метавонад оқибат ба иваз кардани ҷои зист ва ҳатто ва вуқӯъ омадани низоъ оварда расонад.

Ин Раҳнамо бо мақсади ба таваҷҷӯҳи вакилони парлумон пешкаш намудани шарҳи васеъ ва фарогири меъёрҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ таҳия шудааст. Давлатҳо дар мавриди муайян намудани доираи асосии шаҳрвандон ва шартҳои гирифтан ва нигоҳ доштани шаҳрвандӣ, маҳрум карда шудани шаҳрвандӣ ваколатҳои калон доранд. Лекин, меъёрҳои ҳуқуқи башар, ки дар давоми асри XX-ум таҳия ва такмил ёфтанд, дар ҳолати ба бешаҳрвандӣ оварда расонидани онҳо ва ё ба тарзи табъизомез истифода шудани онҳо метавонанд ин ваколатҳоро маҳдуд гардонанд.

Гарчанде давлатҳо барои ҳалли мушкилотҳои марбут ба бешаҳрвандӣ ҳамкорӣ ва дар якҷоягӣ чораҳо андешида истодаанд, миллионҳо нафар дар саросари дунё ҳануз шаҳрвандӣ надоранд. Раҳнамои мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони бешаҳрвандро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва хусусан Конвентсияи соли 1954 оид ба мақоми шахсони бешаҳрванд ҳифз шудаанд, мавриди баррасӣ қарор хоҳад дод. Он инчунин сабабҳои асосии падидаи бешаҳрвандиро қайд намуда, оид ба чӣ тавр пешгирӣ намудани окибатҳои тасодуфии муқаррароти қонунгузории миллиро, ки метавонанд сабаби бешаҳрвандӣ гарданд, таклифу пешниҳодҳо мекунад.

КОСММГ яке аз ташкилотҳои СММ мебошад, ки бо мусоидат ба коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва дастгирӣ намудани шахсони бешаҳрванд дар гирифтани шаҳрвандӣ вазифадор карда шудааст. Раҳнамои мазкур инчунин фаъолияти КОСММГ-ро дар робита ба ин вазифаҳо шарҳ медиҳад. Инчунин дар он барои вакилони парлумони қадамҳои амалӣ дар самти коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ, аз таҳрир ва дар мавриди зарурӣ аз нав дида баромадани қонунҳои кишвари худ дар бораи шаҳрвандӣ, ҷалби ҳукумати кишвар барои эътирофи қонунҳои байналмилалӣ оид ба бешаҳрвандӣ то баланд бардоштани огоҳинокии ҷомеа оид ба мушкилиҳои марбут ба бешаҳрвандӣ, пешниҳод мегарданд.

Ба ғайр аз ин, дар Раҳнамое, ки дар даст доред намунаҳои таҷрибаҳои беҳтарин оид ба чӣ тавр ҳал намудани ҳолатҳои доманадори бешаҳрвандӣ, ки ба шарофати иродаи сиёсии давлатҳои дахлдор, саъю кӯшишҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба даст омадаанд, дарҷ меёбанд. Ин «таҷрибаҳои беҳтарин» аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи талошҳои якҷояи ҳукуматҳо, ҷомеа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ шахсони бешаҳрванд метавонанд ниҳоят «ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ» пайдо кунанд.

# Чањорчўбаи њуќуќи байналмилалї оид ба њуќуќ ба шањрвандї ва коњиши њолатњои бешањрвандї



Якчанд њазор роњингяњои бешањрванд дар ќисмати назди канори соњил дар шањраки Шалмапури Банлгадеш зиндагї мекунанд. Ќисми зиёди онњо дар асорати ќарзї дар назди соњибони завраќњо азият мекашанд ва ќарзи онњо сол аз сол афзун мегардад.

© КОСММГ/ Грег Константин, 2010

Бешаҳрвандӣ масъалаи нозукест, зеро он истиқлолият ва ҳуввияти давлатро ифода мекунад. Тааҷҷубовар нест, ки баҳсҳо дар атрофи масъалаи шаҳрвандӣ метавонанд сабаби ихтилофу низоҳои дохилӣ ва байнидавлатӣ гарданд. Дар давоми асри XX шумораи ҳолатҳои бешаҳрвандӣ афзуд ва ҳамзамон огоҳинокӣ оид ба он ва масъалаҳои марбути ҳуқуқи инсон баланд гардид. Ҳамин тариқ ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба масъалаи шаҳрвандӣ дар ду самт инкишоф ёфт: (1) ҳимоя ва дастгирии онҳое, ки аз пеш шахсони бешаҳрванд буданд ва (2) талошҳо барои бартараф кардан ё ҳадди ақал коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ.

### Кӣ муайян мекунад, ки шахс шаҳрванди ягон давлат аст ё не?

Дар маҷмӯъ масъалаи шаҳрвандӣ ба доираи ҳуқуқи миллии ҳар як давлат дохил мешавад. Аммо, иҷроиши қарорҳои дохилии давлат метавонад бо амалҳои марбути давлатҳои дигар ва доираи ҳуқуқи байналмилалӣ маҳдуд гардад.

Дар хулосаҳои машваратии Палатаи доимии суди байналмилалӣ оид ба қарорҳои Тунис ва Марокаш дар бораи шаҳрвандӣ аз соли 1923 омадааст:

> *«Тааллуқ доштани ин ё он масъала танҳо ба доираи ҳуқуқи миллӣ худ аслан масъалаи нисбӣ аст ва аз рушди муносибатҳои байналмилалӣ вобастагӣ дорад. »*

Феълан, Палатаи доимии суди байналмилалӣ муқаррар намуд, ки масъалаҳои шаҳрвандӣ умуман ба доираи ҳуқуқи миллӣ тааллуқ доранд, вале ҳамзамон давлатҳо бояд ӯҳдадориҳои худро дар назди дигар кишварҳо тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иҷро кунанд.

Ин бархурд ҳафт сол пас дар Конвенсияи Гаага оид ба баъзе ҷабҳаҳои ихтилоф дар қонунҳои шаҳрвандӣ (Конвенсияи Гаага аз соли 1930) таъкид гардид. Аз сабаби ба омодагиҳои Конвенсияи Гаага тааллуқ доштани он, дар ҳақиқат, бисёри давлатҳо назари худро оид ба хулосаҳои машваратии Палатаи доимии суди байналмилалӣ аз соли 1923 иброз намуданд. Аксари давлатҳо ин Хулосаи машваратиро ҳамчун маҳдудият нисбат ба қобили амал будани қарорҳои дохилии давлат оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ берун аз марзи он, хусусан ҳангоми дар мухолифат будани онҳо бо қарорҳои марбути давлатҳои дигар, маънидод карданд.

Конвенсияи Гаага аз соли 1930, ки дар доираи Маҷмааи умумии Иттифоқи миллатҳо (Лигаи миллатҳо) қабул гардид, кӯшиши аввали байналмилалӣ дар самти таъмини шаҳрвандӣ ба ҳамаи одамон буд. Моддаи 1-уми Конвенсияи мазкур муқаррар мекунад:

> *«Ҳар як давлат дар доираи қонуни худ кӣ будани шаҳрвандони худро муайян мекунад. Ин қонун аз ҷониби дигар давлатҳо дар он ҳолат эътироф мегардад, ки он дар мувофиқат бо конвенсияҳои байналмилалӣ, таомули байналмилалӣ ва принсипҳои умумӣ ва эътирофгардидаи ҳуқуқ оид ба шаҳрвандӣ бошад».*

Ба тарзи дигар гӯем, татбиқи хуқуқи давлат ба муайян намудани шаҳрвандони худ бояд тибқи муқарраროти дахлдори меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сурат гирад.

Моддаи 15-уми Эъломияти умумии ҳуқуқи башар (минбаъд ЭУҲБ) аз соли 1948 муқаррар мекунад, ки:

> *«Ҳар як инсон ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ дорад. Ҳеҷ касро худсарона аз шаҳрвандӣ ё аз ҳаққи тағйири шаҳрвандӣ маҳрум кардан мумкин нест».*

Ин њуќуќ ба мављудияти алоќаи дахлдор байни инсон ва давлат асос меёбад. Соли 1955 Суди байналмилалии СММ шањрвандї ва чунин алоќаро дар рафти баррасии ќазияи Ноттебом ба тарзи зерин шарњ дод:

> *«Мутобиќи таљрибаи давлатњо, ќарорњои њакамњо ва судї ва аќидаи муаллифон шањрвандї алоќаи њуќуќие мебошад, ки асосњои онро воќеияти мансубияти иљтимоиї, хусусияти аслии њастї, манфиат ва аќидањо, ва мављудияти њуќуќу ўњдадорињои мутаќобил ташкил мекунанд».*

Алоќаи муносиб, ки асоси њуќуќ ба шањрвандї мегардад, бо таваллуд, макони зист ва/ё нажод ифода меёбад ва айни њол дар ќонунгузории аксари кишварњо дар бораи шањрвандї ва меъёрњои навтари байналмилалии марбут ба шањрвандї, ба монанди Конвентсияи Аврупої оид ба шањрвандї (минбаъд КАШ) аз соли 1997, дарљ гардидааст.

Шањрвандї инчунин аз љониби Суди панамерикої оид ба њуќуќи инсон њамчун -

> *«..алоќаи сиёсї ва њуќуќие, ки инсонро ба давлати муайян алоќаманд мекунад ва ўро бо риштаи ихлосу вафодорї, ки ба ў њуќуќ ба њимояи дипломатї аз љониби ин давлат медињад, ба он мепайвандад..» (Кастилло-Петрусси ва дигарон, Ќарор аз моњи майи соли 1999, СПЊИ [сер. С] № 52, 1999)*

- таърифшудааст.

## Чи тавр њуќуќњои гурезањо ва шахсони бешањрванд њимоя мегарданд?

Гарчанде тибќи Моддаи 15-уми ЭУЊБ њар як инсон њуќуќ ба шањрвандї дорад, он шањрвандии муайянро, ки ба он инсон њаќ дорад, мушаххас намекунад. Барои таъмини њуќуќњои аќалии марбут ба шањрвандї љомеаи байналмилалї ду њуљљати калидї тањия намудааст: Конвентсияи соли 1951 оид ба маќоми гурезањо (минбаъд Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезањо) ва Конвентсияи соли 1954 оид ба маќоми шахсони бешањрванд (минбаъд Консенсияи соли 1954).

## Оё байни Конвентсияи соли 1951 оид ба маќоми гурезањо ва масъалаи бешањрвандї алоќае вуљуд дорад?

Баъд аз љанги дуюми љањон яке аз масъалањои таъљилї барои давлатњои аъзои Созмони навтаъсиси Милали Муттањид њалли мушкилоти миллионњо нафар одамони баъд аз љанг гурезашуда ва бешањрвандимонда буд. Ќатъномаи Шўрои иќтисодї ва иљтимоии (минбаъд ШИИ) СММ соли 1949 Кумитаи махсусеро таъсис дод, ки бо тањия намудани конвентсия оид ба маќоми гурезањо ва шахсони бешањрванд ва баррасси роњњои аз байн бурдани бешањрвандї вазифадор гардид.

Дар нињоят аъзоёни ин Кумита Конвентсия оид ба маќоми гурезањо ва протоколи иловагї ба ин конвентсия бахшида ба шахсони бешањрвандро тањия намуданд. Аз сабаби он, ки Комиссияи навтаъсис оид ба њуќуќи байналмилалї (минбаъд КЊБ) бояд бо масъалаи бартарафкунии бешањрвандї бевосита кор мегирифт, Кумитаи номбурда ин масъаларо ба пуррагї баррасї накард.

Дар давраи аз ин пеш њам гурезањо ва шахсони бешањрванд аз тарафи созмонњои байналмилалї оид ба гурезањо, ки пеш аз таъсиси КОСММГ вуљуд доштанд, дастгирї мешуданд. Яке аз њадафњои протоколи иловагї оид ба бешањрвандї ифода намудани ин алоќа байни гурезањо ва шахсони бешањрванд буд. Аммо ниёзњои таъљилии гурезањо ва барњамёбии эњтимолии Созмони

байналмилалии гурезаҳо маънои онро дошт, ки барои таҳлили муфассали вазъи шахсони бешаҳрванд дар рафти Конфронси вакилони мухтор соли 1951, ки барои баррасии ҳарду масъала ташкил гардид, вақти кофӣ мавҷуд набуд. Аз ин сабаб, Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезаҳо дар рафти Конфронс қабул гардид ва қабули Протокол оид ба масъалаҳои шахсони бешаҳрванд ба давраи минбаъда гузошта шуд.

Тибқи Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезаҳо шахсони бешаҳрванд низ метавонанд ҳуқуқ ба ҳимоя гардидан дошта бошанд. Бо назардошти он, ки худсарона маҳрум кардани шаҳрвандӣ аз сабаби нажод, дин, миллат, аъзогӣ дар гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ метавонад нишонае барои гуреза эътироф шудани инсон гардад, гурезаи бешаҳрванд низ ҳамчун гуреза ҳимоя карда мешавад.

## Конвентсияи соли 1954 чӣ пешбинӣ мекунад?

Протокол оид ба шахсони бешаҳрванд, ки ҳамчун замима ба Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезаҳо таҳия шуда буд, ҳамчун Конвентсияи алоҳида соли 1954 қабул гардид. Конвентсияи соли 1954 ҳуҷҷати аввалиндараҷаи байналмилалие мебошад, ки бо мақсади назорат ва беҳтар намудани мақоми шахсони бешаҳрванд ва таъмин намудани дастрасии онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои асосии худ бидуни ягон табъиз таҳия ва қабул гардидааст. (барои номгӯи давлатҳои аъзои Конвентсияи соли 1954 ба замимаи 1 нигаред).

Муқаррароти Конвентсияи соли 1954 аз бисёр ҷиҳатҳо ба муқаррароти Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезаҳо хеле монанд мебошад. Ҳамзамон ҳамроҳ шудан ба Конвентсияи соли 1954 наметавонад ҳамчун чораи баробар бо додани шаҳрвандӣ ба шахсоне, ки дар ҳудуди давлати ҳамроҳшаванда ба дунё омада, он ҷо тамоми умр зиндагӣ мекунанд, ҳисоб ёбад ё бар ивази он сурат гирад. Новобаста аз чӣ қадар фарогир будани ҳуқуқҳои ба шахси бешаҳрванд додашуда, ин ҳуқуқҳо наметавонанд бо қабул шудан ба шаҳрвандӣ баробарарзиш дониста шаванд.

Моддаи 1 (1) Конвентсияи соли 1954 мафҳуми дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи шахси бешаҳрвандро муқаррар мекунад. Тибқи он шахси бешаҳрванд -

> *«нафарест, ки шаҳрванди ягон кишвар тибқи қонунгузории амалкунандаи он дониста намешавад».*

Он шахсоне, ки ба доираи Моддаи 1 (1) Конвентсияи 1954 дохил мешаванд, баъзан шахсони расман (тибқи қонун) бешаҳрванд номида мешаванд. Бар хилофи ин, дар Санади ниҳоӣ шахсони амалан (феълан) бешаҳрванд низ зикр гардидаанд. Мафҳуми шахсони амалан бешаҳрванд дар ягон санади байналмилалӣ таъриф нашудааст ва ягон муқаррароти шартномавӣ оид ба ин гурӯҳи одамон вуҷуд надорад. Мафҳуми шахсони амалан бешаҳрванд, ки КОСММГ дар фаъолияти худ истифода мекунад, ба шахсоне таалluқ дорад, ки берун аз ҳудуди кишвари худ қарор доранд ва наметавонанд ё ин, ки бо сабабҳои асоснок намехоҳанд аз ҳимояти дипломатии ин кишвар баҳраманд гарданд.

### Шаҳрванд кист? Шахси бешаҳрванд кист?

Тибқи қонуни амалкунанда шаҳрванд дониста шудан маънои онро дорад, ки шахс худ ба худ мувофиқи шартҳое, ки давлат дар санадҳои ҳуқуқии марбут ба шаҳрвандӣ муайян менамояд, шаҳрванд ҳисоб меёбад ё ин, ки ба шахси мазкур шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ дода мешавад. Аксари одамон танҳо тибқи қонуни як давлат шаҳрванд дониста мешаванд – одатан ин қонуни давлатест, ки он шахс дар ҳудуди он ба дунё омадааст (ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар асоси принсипи хокӣ) ё қонуни давлатест, ки

воладайни шахси мазкур њангоми ба дунё омадани ў шањрванди он мебошанд (њуќуќи шањрвандї дар асоси принсипи хунї / шањрвандии волидайн).

Њангоме, ки тартиботи муќарраршуда барои додани шањрвандї имконият медињад, номзадњо барои гирифтани шањрвандї то анљом ёфтани баррасии аризаи худ, тасдиќ шудани он ва дода шудани маќоми шањрвандї дар давлати баррасикунанда тибќи ќонун шањрванди он кишвар њисобида намешаванд. Шахсоне, ки тибќи ќонун барои супоридани ариза барои гирифтани шањрвандї њуќуќ доранд, вале аризаи онњо рад гардидааст, шањрванди он давлат мувофиќи ќонуни он дониста намешаванд.

*Рањнамои КОСММГ оид ба њимояи шахсони бешањрванд* ба давлатњо, КОСММГ ва дигар созмону муассисањо дар бораи чї тавр маънидод кардани Моддаи 1(1) Конвенсияи соли 1954 ва муайян намудани роњи муносиби таъмини манфиатњои шахсони ба он тааллуќдошта таклифу тавсияњо пешнињод мекунад.

Гарчанде Конвенсияи соли 1954 таърифи мафњуми дар сатњи байналмилалї эътирофшудаи «шахсони бешањрванд» ва меъёрњои муносибат бо чунин одамонро муќаррар менамояд, он ягон механизми мушаххас барои муайян намудани шахсони бешањрванд пешбинї намекунад. Аммо, дар матни Конвенсияи соли 1954 зимнан дар назар дошта шудааст, ки давлатњо бояд шахсони бешањрвандро дар доираи њуќуќи худ муайян кунанд, то ин, ки манфиатњои онњоро дар асоси ўњдадорињои худ, ки аз Конвенсия сарчашма мегирад, таъмин намоянд. *Рањнамои КОСММГ оид ба њимояи шахсони бешањрванд* ба давлатњо ва КОСММГ дар самти тањияи низоми муайян намудани бешањрванд будан ё набудани шахс дар сатњи миллї таклифу пешнињодњо мекунад. Дар мавриди зарурї КОСММГ омода аст, ки тавассути намояндагињо ё хизматрасонињои сардафтари худ оид ба чи тавр тањия кардан ва ба роњ мондани чунин тартибот машварат дињад.

### Оё шахси бешањрванд њамзамон гуреза буда метавонад?

Гарчанде ќариб аксари шахсони бешањрванд дар саросари дунё дар кишваре, ки он љо таваллуд ёфтаанд, истиќомат мекунанд, шумораи зиёди онњо бо маќсади наљот ёфтан аз таъќиб дар асоси нажод, дин, миллат, аъзогї ба гурўњњои алоњидаи иљтимої ва аќидаи сиёсї аз кишвари худ фирор кардаанд. Чунин шахсон гурезањои бешањрванд мебошанд.

Тибќи мафњуми гуреза, ки дар Конвенсияи соли 1951 оид ба гурезањо омадааст, маќоми бешањрвандї худ дар маљмўъ наметавонад дар асоси таъќиб шудан ба вуљуд ояд, балки он дар якљоягї бо дигар омилњо бешањрвандї метавонад танњо як ќисми таъќиб гардад. Худсарона мањрум кардани шањрвандї дар асоси намудњои гуногуни табъиз метавонад худ сабаби хуб барои њарос аз таъќиб шудан, хусусан ваќте ки он бо бешањрвандї анљом меёбад, гардад.

Муаллифони Конвенсияи соли 1951 оид ба гурезањо ва Конвенсияи соли 1954 ба хулоса омаданд, ки ду доираи гуногуни њуќуќї бояд барои њимояи гурезањо ва шахсони бешањрванд тањия гардад. Конвенсияи соли 1951 гурезањо ва њамчунин гурезањои бешањрвандро дар бар мегирад ва муќаррароти Конвенсияи соли 1954 бошад, бевосита ба шахсони бешањрванде, ки гуреза нестанд тааллуќ дорад.

Аксари њуќуќњое, ки барои шахсони бешањрванд дар Конвентсияи соли 1954 пешбинї шудаанд, њуќуќњое мебошанд, ки дар Конвентсияи соли 1951 барои гурезањо муќаррар шудаанд. Вале боназардошти вазъи махсуси гурезањо Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезањо муќарраироти мушаххас оид ба таъин нашудани љазои љиної барои њузур ё вуруди ѓайриќонунї ва принсипи рад шудани бозгардонидани маљбурї ба кишварї аслиро (репатриатсия) пешбинї менамояд. Ин принсипњо дар Конвентсияи соли 1954 пешбинї нашудаанд. Агар вазъи нафари баррасишаванда ба маќоми њам гуреза ва њам шахси бешањрванд мутобиќат кунад, давлат бояд муќаррароти бештар муносиби Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезањоро нисбат ба ў истифода кунад.

## Конвентсияи соли 1961 оид ба коњиши њолатњои бешањрвандї чї пешбинї мекунад?

Азбаски давлатњо бархурди гуногун нисбат ба масъалаи гирифтан ва аз даст додани шањрвандї доранд, баъзе одамон то њол љабрдидаи заволу ихтилофњои андармиён шуда, ба шахсони бешањрвандї табдил мегарданд. Аз ин лињоз, ќоидањои умумї барои баррасии чунин ихтилофу камбудињо заруранд.

Соли 1950 КЊБ раванди тањияи њуљљатеро оѓоз кард, ки соли 1961 њамчун Конвентсия оид ба коњиши њолатњои бешањрвандї (минбаъд Конвентсияи соли 1961) эътироф гардид. Конвентсияи соли 1961 ягона санади байналмилалие мебошад, ки кафолатњои мушаххас, аниќ ва муфассал барои пешгирї кардан ва андешидани чорањои одилона ва муносиб нисбат ба њолатњои бешањрвандї пешбинї мекунад.

Муќаррароти моддањои Конвентсияи соли 1961 оид ба пешгирии бешањрвандї аз таваллуд ва дар марњилањои минбаъдаи њаёт равона гардидаанд, аммо онњо на мањрум кардани шањрвандиро манъ мекунанд ва на аз давлатњо талаб мекунанд, ки ба њамаи шахсони бешаҳрвандро ба шаҳрвандї ќабул кунанд. Конвентсияи соли 1961 инчунин маќомоте таъсис медињад, ки манфиатгирандагони ин Конвентсияи метавонанд ба он барои азназаргузаронии аризаи худ мурољиат кунанд ва дар супоридани ариза ба маќомоти дахлдор аз љониби он дастгирї карда шаванд. Маљмааи умумии СММ дар натиља КОСММГ-ро барои иљроиши ин вазифа ваколатдор намуд. (барои номгўи давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1961 ба замимаи 2 нигаред.)

Барои коњиш додани њолатњои бешањрвандї Конвентсияи соли 1961 аз давлатњои аъзо ќонунгузориеро дар бораи шањрвандї талаб мекунад, ки дар он меъёрњои барои гирифтан ва мањрум кардани шањрвандї пешнињодшуда дарљ ёбанд. Дар њолати ба миён омадани ихтилоф оид ба тафсир ва амалкарди муќаррароти

**«Рўзе ман дар байни ду сарњад ќарор доштам ва вориди ягон кишваре аз њарду шуда натавонистам. Ин аз њама лањзаи фаромўшнашавандаи њаёти ман гардид! Маро на ба кишваре, ки аз онљо омадаам роњ доданд, ва на ба кишваре, ки онљо таваллуд ёфтам, бузург шудам ва тамоми умр зиндагї кардам! Ман аз куљоям ва ба куљо тааллуќ дорам? Ин њиссиёти худро гум кардан дар фурудгоњ њељ аз ёдам намеравад.**

Лара, шахсе, ки ќаблан бешањрванд буд

Конвентсия байни давлатњои аъзо ва њалли худро наёфтани онњо бо дигар воситањо, тарафњои дахлдор метавонанд ба Суди байналмилалии СММ муроїиат кунанд.

*Рањнамои КОСММГ оид ба њимояи шахсони бешањрванд* ба њукуматњо, КОСММГ ва дигар муассисаву созмонњои дахлдор оид ба чи тавр маънидод кардан ва истифода бурдани Моддањои 1-4 ва 12 Конвентсияи соли 1961, ки ба пешгирии бешањрвандї байни кўдакон бахшида шудаанд, тавсияњо пешнињод мекунад.

## Чи тавр меъёрњои њуќуќи байналмилалї оид ба њуќуќи инсон њуќуќ ба шањрвандиро муќаррар мекунанд?

Як ќатор асноди дигари байналмилалї њуќуќ ба шањрвандиро баррасї мекунанд. Тибќи Моддаи 15-уми ЭУЊБ њар як инсон њуќуќ ба шањрвандї дорад ва њеї кас набояд худсарона аз шаҳрвандї маҳрум карда шавад.

Њуќуќи њар як кўдак ба шањрвандї инчунин дар Паймонаи байналмилалї оид ба њуќуќњои граждані ва сиёсї (минбаъд ПБЊГС) муќаррар шудааст. Дар Моддаи 24-и он омадааст:

> *«Ҳар як кӯдак, бидуни ягон навъи табъиз аз рӯи нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ ё таваллуд ба чунин тадбирҳои ҳимоя ҳақ дорад, ки ба ӯ ҳамчун кӯдаки хурдсол заруранд ва аз тарафи оилаи вай, ҷамъият ва давлат таъмин мегарданд.»*
> *«Ҳар як кӯдак бояд баъди таваллуди ӯ бетаъхир ба қайд гирифта шавад ва ном дошта бошад.»*
> *«Ҳар як кӯдак ба дарёфти шаҳрвандӣ ҳақ дорад.»*

Ба ғайр аз ин, Моддаи 26-уми ПБЊГС банди алоњида оид ба табъиз нашуданро дар бар мегирад, ки он ба доираи васеи масъалањо, аз їумла ба ќонунгузорї оид ба шањрвандї ва тарзи татбиќи он таалluќ дорад:

> *«Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ягон навъи табъиз ба ҳимояи баробари қонун ҳуқуқ доранд. Дар ин мавридҳар гуна табъиз бояд тавассути қонун манъ карда шавад ва қонун бояд ба ҳамаи ашхос ҳимояи баробар ва муассирро аз табъиз дар асоси нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ ва дигар ақидањо, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, таваллуд ё ҳолати дигар кафолат диҳад.»*

Конвентсияи соли 1964 дар борaи барњам додани њамаи намудњои табъизи нажодї (минбаъд КБТН) давлатњоро ўњдадор мекунад, ки «њуќуќи њар як касро новобаста аз нажод, ранги пўст, асли миллї ё ќавмї кафолат дињанд ва баробарии њар як инсонро дар назди ќонун», хусусан дар татбиќи якчанд њуќуќњои асосии инсон, аз їумла њуќуќ ба шањрвандї, таъмин намоянд (Моддаи 5).

Моддаи 9 Конвентсияи соли 1979 оид ба рафъи тамоми шаклњои табъиз нисбати занон (минбаъд КРТНЗ) сабаби асосии бешањрвандиро, ки табъиз нисбат ба занон дар доираи ќонунгузорї оид ба шањрвандї мебошад, баррасї мекунад. Тибќи ин модда:

> *«Давлатҳои аъзо ба занон ҳуқуқи баробар бо мардонро нисбати гирифтан, тағйир додан ё нигоҳ доштани шаҳрвандии онҳо фароҳам меоранд. Онҳо, аз ҷумла онро таъмин менамоянд, ки на бастани ақди никоҳ бо шахси хориҷӣ, на тағйир ёфтани шаҳрвандии*

*шаҳвар ҳангоми aқди никоҳ боиси худ аз худ тағйир ёфтани шаҳрвандии зан гардад, ӯро ба шахси бешаҳрванд табдил надиҳанд ва натавонанд ӯро маҷбур созанд, ки шаҳрвандии шаҳвари худро қабул кунад.»*
*«Давлатҳои аъзо ба занон ҳуқуқҳои баробар бо мардонро нисбати шаҳрвандии кӯдакони онҳо фароҳам меоранд.»*

Конвентсияи соли 1989 оид ба њуќуќи кўдак (минбаъд КЊК), ки ќариб њамаи давлатњо онро ба тасвиб расонидаанд, се моддаи муњим оид ба шањрвандї дорад:

Тибќи Моддаи 2 –

*«Давлатҳои аъзо тамоми ҳуқуқҳои дар ин Конвентсия пешбинигардидаро нисбати ҳар як кӯдаке, ки дар доираи ҳуқуқии онҳо қарор дорад, бидуни ягон табъиз, сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, вазъи саломатӣ ва таваллуди кӯдак, волидайн ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар эҳтиром ва таъмин менамоянд.»*

Моддаи 7 Конвентсия муќаррар мекунад, ки –

*«Кӯдак фавран пас аз таваллуд ба қайд гирифта мешавад ва аз лаҳзаи таваллуд ба ном ва гирифтани шаҳрвандӣ ҳақ дорад, ҳамчунин, ба қадри имкон, ҳақ дорад волидайни худро донад ва ба ғамхории онҳо ҳуқуқ дорад.»*

Тибќї Моддаи 8 (1) ин Конвентсия:

*«Давлатҳои аъзо ӯҳдадор мешаванд ҳуқуқи кӯдакро ба нигоҳ доштани фардияти худ, аз ҷумла шаҳрвандӣ, ном ва робитаи оилавӣ, тавре ки дар қонун пешбинӣ мегардад, бидуни дахолати ѓайриқонунӣ эҳтиром намоянд.»*

Дар Моддаи 29 Конвентсияи соли 1990 оид ба њифзи њуќуќњои њамаи коргарони муњољир ва аъзоёни оилаи онњо омадааст:

*«Њар як кўдаки коргари муњољир ба ном, ќайди таваллуд ва шањрвандї њуќуќ дорад»*

Моддаи 18 Конвентсияи соли 2006 оид ба њуќуќи маъюбон меъёрњои зеринро муќаррар мекунад:

*«1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи маъюбонро ба озодии њаракат, озодона интихоб намудани ҷои зист ва њуќуќи онњо ба шаҳрвандиро баробар бо дигарон эътироф мекунанд, аз ҷумла бо роҳи ба маъюбон таъмин намудани:*
*а) ҳуқуқ ба дарёфти шањрвандї ва иваз намудани шаҳрвандӣ, ва ҳуқуқи ба худсарона ё бо сабаби маъюбӣ маҳрум нашудан аз шањрвандї;*
*2. Кӯдакони маъюб баробари таваллудашон ба қайд гирифта мешаванд ва аз рӯзи таваллуд ҳуқуқ ба ном ва гирифтани шаҳрвандӣ, инчунин ба дараҷаи имконпазир, ба донистани падару модари худ ва ҳуқуқ ба нигоҳубин аз љониби онњоро доранд.»*

## Оё ягон аҳдномаи минтақавӣ ҳуқуқ ба шаҳрвандиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад?

Санадҳои минтақавӣ асоси қонунии ҳуқуқ ба шаҳрвандиро мустаҳкам мекунанд. Моддаи 20 Конвентсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон на танҳо ҳуқуқ ба шаҳрвандиро муқаррар менамояд, балки инчунин кафолати муҳимро барои пешгирӣ кардани бешаҳрвандии кӯдакон аз лаҳзаи таваллуд пешбинӣ мекунад:

> *«Ҳар як инсон ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ дорад. Ҳар як инсон ба шаҳрвандии давлате, ки дар ҳудуди он ба дунё омадааст ҳуқуқ дорад, агар ӯ ба ягон намуди дигари шаҳрвандӣ ҳуқуқ надошта бошад. Ҳеҷ кас набояд аз ҳуқуқи шаҳрвандии худ ё ҳуқуқ ба иваз кардани он худсарона маҳрум карда шавад.»*

Ин меъёрҳо дар натиҷа дар қарорҳо ва доираи коркарди ҳуқуқии Суди Панамерикоӣ эътироф гардидаанд. Гарчанде Суди мазкур тасдиқ намуд, ки шартҳои додани шаҳрвандӣ дар доираи ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад, он инчунин муқаррар кард, ки –

> *«Ҳарчанде одатан пазируфта шудааст, ки додан ва эътироф кардани шаҳрвандӣ масъалаи дохилии ҳар як давлат аст, омилҳои рушди ҳуқуқи муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ба ваколати васеи давлат дар ин самт маҳдудият ворид менамояд ва тарзи баррасии масъалаҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби давлат наметавонад минбаъд танҳо дар доири ҳуқуқи миллии давлат дониста шавад.» (Суди Панамерикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Хулосаи машваратӣ, «Иловаҳо ба муқарароти Сарқонуни Коста Рика оид ба таъмини ҳуқуқҳои шаҳрванд», бандҳои 32-34; матн дар МҲҲИ, № 5, 1984)*

**«Баъзан ман худро тоқати дидан надорам. Ман худро чунон ҳис мекунам, ки гӯё ман инсон набошам. Дӯстони ман ҳаёти табиӣ доранд. Ман надорам. Агар ман ҳатто маблағе дошта бошам, ки онро бихарам, он ҳеҷ гоҳ бо номи ман намешавад. Ман орзу дорам, ки ба шавҳар бароям, лекин як мард аз сабаби бешаҳрванд будани ман маро рад кард. Ман худро мисли зиндонӣ эҳсос мекунам. Ҳуҷҷати лубнонӣ аз тилло ҳам қимматар меистад, шахс метавонад миллионҳо пардохт кунад, аммо ҳануз наметавонад онро бигирад. Дидани духтарони лубноние, ки шаҳрвандӣ ва ҳуҷҷат дар даст доранд, хусусан вақте онҳо аз вазъи ҳуқуқии худ ба таҳсил ва кор кардан, амалӣ кардани орзуҳое, ки ман мехостам дар ҳаёти худ амалӣ гардонам, вале наметавонам чунин кунам, истифода намекунанд, бароям хеле аламовар аст.»**

Зайнаб, зани бешаҳрванде, ки дар Лубнон ҳаёт ба сар мебарад

Ба тарзи дигар гӯем, давлатҳо оқибатҳои байналмилалии қонунгузории миллии худ оид ба шаҳрвандиро, хусусан агар татбиқи ин қонунгузорӣ тавонад сабаби бешаҳрвандӣ гардад, бояд ба инобат гиранд.

Боназардошти он ки Конвентсияи соли 1930 ба масъалаи ихтилофҳо дар қонунҳо дар бораи шаҳрвандӣ бахшида шуда буд, КАШ, санади мантақавии аз тарафи Шӯрои Аврупо таҳиягардида, ниҳоят дар асоси эътирофи зарурат барои як матни умумие, ки ҳамаи омилҳои рушди қонунҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба шаҳрвандиро дар бар мегирад, омода гардид. Бар хилофи аҳдномаҳои қаблие, ки дар Аврупо қабул гардиданд, КАШ инчунин бисёршаҳрвандиро барои шахсони бо дигар миллат издивоҷкарда ва фарзандони онҳо пешбинӣ мекунад. Конвентсияи мазкур ҳамчунин масъалаҳои гирифтани шаҳрвандӣ, нигоҳ

доштан, аз даст додан ва барќарор кардани шањрвандї, њуќуќњои мурофиавї, шањрвандї дар давлатњои ворис и њуќуќї, ўњдадорињои њарбї ва њамкорї байни даъватњои иштирокчиро дар бар мегирад. Аксари муќаррароти он ба пешгирии њолатњои бешањрвандї равона гардида, мафњуми шахси бешањрванд дар он аз Конвентсияи соли 1954 сарчашма меёбад. Таљрибаи ташаккулёбии давлатњои меросї дар Аврупо чанде пеш боиси дарки он шуд, ки шумораи зиёди одамон дар назди хавфи шахси бешањрванд шудан ќарор доранд, зеро онњо метавонанд шањрвандии кунунии худро дар ин њолат пеш аз гирифтани шањрвандии дигар аз даст дињанд. Барои пешгирии њолатњои бешањрвандї аз сабаби ташаккулёбии меросии давлатњо (давлатњои вориси њуќуќї), ки метавонад дар натиљаи аз як ба дигар давлат гузаштани порчаи замин ё њудуди муайян, якљояшавии давлатњо, пош хўрдани давлат ва ё људошавии як ќисме ё ќисмњои њудуди давлат рух дињад, Шўрои Аврупо Конвентсия оид ба пешгирии бешањрвандї дар мавриди ташаккулёбии меросии давлатњо ќабул намуд. Ин Конвентсия, ки 15 марти соли 2006 ќабул гардид, аз ќоидањои мушаххас оид ба шањрвандї дар њолатњои ташаккулёбии меросии давлатњо иборат аст. 22 моддаи он принсипхои коркарди амалиро оид ба масъалаи ўњдадорињои давлати вориси њуќуќї ё давлати собиќ (аслї), ќоидањои овардани далел, пешгирии бешањрвандї аз таваллуд ва мусоидат ба гирифтани шањрвандї аз љониби шахсони бешањрвандро пешбинї мекунанд.

Соли 1999 Созмони Иттињоди Африќо (айни њол Иттињоди Африќо) Оиннома оид ба њуќуќњо ва некўањволии кўдак ќабул намуд. Ин Оиннома, ки дар асоси КЊК тартиб дода шудааст, баъзе аз принсипњои асосии ин ањдномаи ќаблї, аз љумла принсипњои табъиз нашудан ва авлавияти манфиатњои бењтарини кўдакро дар бар мегирад. Дар Моддаи 6 ин Оиннома, ки ба масъалаи ном ва шањрвандї бахшида шуда, кафолатњои калидиро барои пешгирии бешањрвандї байни кўдакон пешбинї менамояд, омадааст:

- Њар як кўдак аз лањзаи таваллуд ба ном њуќуќ дорад;
- Њар як кўдак баъд аз таваллуд бояд бетаъхир сабти ном карда шавад;
- Њар як кўдак ба гирифтани шањрвандї њуќуќ дорад; ва
- Давлатњои аъзои Оиннома бояд чорањои зарурї бањри дар ќонунгузории конститутсионии онњо эътироф гардидани принсипњое, ки мувофиќи онњо кўдакон дар њолати ба онњо дода нашудани шањрвандии дигар давлат аз таваллуд тибќї ќонунгузории он, шањрвандии давлатеро, ки дар њудуди он ба дунё омадаанд, мегиранд, андешанд.

Паймона оид ба њуќуќњои кўдак дар Ислом дар иљлосияи 32-юми Вазирони корњои хориљии Конфронси Исломї моњи июни соли 2005 ќабул гардид. Он муќаррар мекунад, ки-

- Њар як кўдак аз лањзаи таваллуд ба ном њуќуќ дорад;
- Њар як кўдак ба сабти ном шудан њуќуќ дорад;
- Давлатњои аъзои Паймон бояд њамаи чорањоро бањри њал намудани масъалаи бешањрвандї барои њар як кўдаки дар њудуди марзи онњо ба дунёомада ва ё барои њар як шањрванди худ, ки берун аз њудуди марзи онњо ќарор дорад, андешанд; ва
- бачањои партов ба ному насаб ва шањрвандї њуќуќ доранд.

# Муайян кардан ва њимояи шахсони бешањрванд



Њазорњо кўдакони муњољирони бешањрванд дар Сабоњ шањрвандии Малайзияро аз таваллуд ва шањодатномаи шахсї гирифта наметавонанд. Аз сабаби роњ наёфтан ба мактаб дар Малайзия онњо оќибат барои музди ночиз дар чунин бозорњо ба монанди ин бозор дар Кота Кинабалг кор мекунанд.

© КОСММГ / Грег Константин, 2010

Новобаста аз талошҳо барои коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ тавассути қонунҳои миллӣ оид ба шаҳрвандӣ ва татбиқи Конвенсияи соли 1961 ва дигар санадҳои байналмилалӣ, тибқи ҳисоботҳои КОСММГ миллионҳо одамон дар саросари дунё ҳанӯз шаҳрвандии ягон давлатро надоранд. Конвенсияи соли 1954 кӣ будани шахсони бешаҳрвандро муқаррар мекунад, ба гирифтани мақоми ҳуқуқӣ аз ҷониби чунин шахсон мусоидат менамояд ва бидуни ягон табъиз риоя шудани ҳуқуқу озодиҳои асосии чунин нафаронро кафолат медиҳад.

### Шахси бешаҳрванд кист?

Конвенсияи соли 1954 зери истилоҳи шахси бешаҳрванд «шахсеро дар назар дорад, ки шаҳрванди ягон давлат тибқи қонунгузории амалкунандаи он дониста намешавад» (Моддаи 1). Ин таърифи ҳуқуқии ин истилоҳ аст. Он ҳуқуқҳои шаҳрвандон, тарзи дода шудани шаҳрвандӣ ва ё пайдо кардани дастрасӣ ба шаҳрвандиро муқаррар намекунад. Муайян намудани он ки оё шахс тибқи конунгузории амалкунандаи давлат шаҳрванди он дониста мешавад ё не таҳлили дақиқи татбиқи қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандиро дар ҳолатҳои алоҳида ва арзёбии қарорҳо дар асоси шикояти аз болои қарори суд овардашуда, ки метавонад ба мақоми шахси дахлдор таъсир расонад, талаб мекунад.

Барои дарёфти далели бешаҳрвандӣ давлатҳо бояд қонунгузории ба шаҳрвандӣ дахлдори кишварҳоеро, ки бо онҳо шахси баррасишаванда алоқа дорад (ба монанди алоқа тавассути давраи таваллуд, макони зисти қаблӣ, давлатҳое, ки завҷа ё кӯдакони ин нафар шаҳрвадии онҳоро доранд, давлате, ки волидайни шахси баррасишаванда шаҳрвандии онро доранд), аз назар гузаронанд ва маълумоти мавҷударо оид ба татбиқи ин қонунгузорӣ дар амалия, аз ҷумла нисбати шахсон ва аҳолии марбут таҳлил намоянд. Дар ҳолати зарурӣ мақомоти бо ин кор машғулбуда, метавонад бо ин давлатҳо машварат кунад ва дасхости расмӣ барои пешниҳод намудани далелҳо ба онҳо ирсол намояд. Шахсони алоҳида ӯҳдадоранд, ки то ҳадди имкон маълумоти пурра ва дурустро оид ба вазъи худ ва инчунин тамоми далели мавҷударо пешниҳод кунанд. КОСММГ метавонад барои машваратҳо байни давлатҳо мусоидат кунад ва дар асоси дархост маълумоти техникӣ оид ба қонунҳои марбут ва татбиқи онҳо дар кишварҳои гуногун пешкаш намояд.

**«Мо кори доими пайдо карда наметавонем, мо аз як ҷой ба ҷои дигар рафта наметавонем, мо мисли завроқем, ки бандар надорад. Дастрасӣ ба таҳсил ва хизматрасониҳои тиббӣ инчунин мушкилоти мост. Ман натавонистам, ки мактаби миёнаро хатм кунам ва ба мактаби касбӣ равам. Ман танҳо ба духтури беморхонаи шахсӣ метавонам муроҷиат кунам, аммо на беморхонаи давлатӣ.»**

Абдуллоҳ, шахси бешаҳрванд, ки дар Аморати Муттаҳидаи Араб иқомат дорад.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлатӣ фиристодашуда, ки шаҳрванди ин давлат набудани шахси дахлдорро тасдиқ мекунанд, одатан далели кофӣ барои бешаҳрвандист. Аммо чунин далел на ҳама вақт метавонад дастрас бошад. Мақомоти дахлдори давлати аслӣ ё давлати қаблии истиқомати расмӣ метавонад додани ҳуҷҷати расмие, ки шаҳрванди ин кишвар набудани шахсро тасдиқ мекунад, рад кунад ё метавонанд ба дархост умуман ҷавоб нагардонад. Мақомотҳои баъзе давлатҳо қайд намудани шахсонеро, ки бо кишвари онҳо робитаи ҳуқуқӣ дар асоси мақоми шаҳрвандӣ надоранд, ӯҳдадории худ намешуморанд. Хулосаҳо оид ба ҷой надоштани посух ба дархости расмӣ бояд танҳо баъд аз гузаштани муҳлати мусоид бароварда шаванд. Агар давлат сиёсати умумии ҷавоб нагардонидан ба чунин дархостҳо дошта бошад, хулосае танҳо дар асоси набудани ҷавоб набояд бароварда шавад. Баръакс, агар давлате бошад, ки ҳамеша ба чунин дархостҳо ҷавоб мегардонад ва аз ҷониби он ҷавобе наояд, набудани ҷавоб метавонад дар маҷмӯъ ҳамчун тасдиқи ҷиддӣ оид ба шаҳрванд набудани шахси дахлдор пазируфта шавад.

### Оё шахси алоҳида метавонад аз доираи ҳуқуқии амалкарди Конвентсияи соли 1954 хориҷ гардад?

Муқаддимаи Конвентсияи соли 1954 бори дигар тасдиқ мекунад, ки масъалаи гурезаҳои бешаҳрванд дар доираи Конвентсияи соли 1951 оид ба гурезаҳо баррасӣ мешавад ва аз ин сабаб муқаррароти Конвентсияи соли 1954 онҳоро дар бар намегирад.

Ба ғайр аз муайян намудани гурӯҳи одамоне, ки зери истилоҳи «шахсони бешаҳрванд» дар назар дошта шудаанд, Моддаи 1 Конвентсияи соли 1954 инчунин гурӯҳи шахсонеро муқаррар мекунад, ки новобаста аз ба истилоҳи номбурда дахл доштанашон (яъне новобаста аз шахси бешаҳрванд буданашон) доираи ҳуқуқии Конвентсияи мазкур нисбат ба онҳо амалӣ намегардад. Ин метавонад бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла аз сабаби ба чунин ҳимояи байналмилалӣ ниёз надоштани онҳо ё барои чунин ҳимоя носазо будани онҳо аз сабаби кирдорҳои шахсиашон, бошад. Ин гурӯҳи одамон шахсони зеринро дар бар мегирад:

- *«шахсоне, ки айни ҳол аз ҷониби шӯъба ва ташкилотҳои Созмони Милали Муттаҳид ба ғайр аз Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо ҳимоя ё дастгирӣ мешаванд ва то он лаҳзае, ки онҳо аз чунин дастгирӣ баҳрамананд...»*

  Ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба кӯмак ва кор бо гурезаҳои фаластинӣ дар Шарқи наздик ягона ташкилоти СММ мебошад, ки ба ин банди Конвентсия марбут аст.
- *«шахсоне, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлате, ки дар он онҳо истиқомат доранд ҳамчун дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ба мақоми шаҳрвандии ин кишвар марбут пазируфта мешаванд»*

  Ин маънои онро дорад, ки агар шахси бешаҳрванд иҷозати расмии истиқомат дар давлат дошта бошад ва ба ӯ ҳуқуқҳои зиёдтар назар ба доираи ҳуқуқҳои Конвентсияи соли 1954, хусусан ҳамаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ҳуқуқҳои шаҳрвандони он давлат баробаранд, таъмин шуда бошанд ва ӯ аз ихроҷ ва бадарға шудан ҳимоя гардида бошад, новобаста аз шахси бешаҳрванд будани ӯ зарурат барои истифода бурдани муқаррароти Конвентсия нисбат ба ин шахс вуҷуд надорад.
- *«шахсоне, ки ҷиноят бар зидди сулҳ, ҷинояти ҳарбӣ ё ҷиноят бар зидди инсоният, ки тибқи санадҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд, содир кардаанд;*

  *шахсоне, ки ҷинояти вазнини хусусияти ғайрисиёсӣ дошта берун аз давлати истиқомати худ пеш аз қабул гардидан ба ин давлат содир кардаанд; ё*

  *шахсоне, ки барои содир кардани кирдорҳои зидди ҳадаф ва принсипҳои Созмони Милал гунаҳгор дониста шудаанд.»*

### Аз кадом лаҳза шахс дигар шахси бешаҳрванд ҳисобида намешавад?

Вазъи бешаҳрвандӣ бо шаҳрвандӣ гирифтани шахси дахлдор анҷом меёбад.

> Тибқи иловаҳои соли 1994 ба Сарқонуни Бразилия кӯдаконе, ки аз волидайни бразилӣ ба дунё омадаанд, агар барои зиндагӣ дар Бразилия барнагарданд, наметавонанд дигар шаҳрвандии Бразилияро соҳиб бошанд. Дар натиҷа тибқи ҳисоботҳои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давоми якчанд сол 200,000 кӯдакон шахсони бешаҳрванд шуданд. Соли 2007 вақте Бразилия ба Конвентсияи соли 1961 ҳамроҳ шуд, Конгреси миллӣ тағйиру иловаҳо ба сарқонуни он ворид намуд ва талаботи истиқоматро бо бақайдгирии консулӣ ҳамчун асос барои гирифтани шаҳрвандӣ иваз кард. Ин тағйиру иловаҳо бо қувваи бозгашт татбиқ гардид ва дар натиҷа ба бисёри кӯдакони бешаҳрванд дар гирифтани шаҳрвандии Бразилия кӯмак расонид.

### Кадом вақт тартиботи муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ чораи муносиб аст?

Тартиботи муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ умуман ба давлатҳо дар иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ дар доираи Конвентсияи соли 1954 мусоидат мекунад. Гарчанде Конвентсияи соли 1954 кӣ будани шахси бешаҳрвандро муқаррар мекунад, он тартиботи муқаррар намудани мақоми шахси бешаҳрвандро пешбинӣ накардааст. Аммо, дар матни Конвентсияи мазкур зимнан дар назар дошта шудааст, ки давлатҳо шахсони бешаҳрвандро бояд дар доираи ҳуқуқии худ муқаррар намоянд, то ин ки нисбат ба онҳо чораҳои муносиб мутобиқи ӯҳдадориҳои худ, ки аз Конвентсия бармеоянд, андешанд.

Хамзамон, истифодаи тартиботи муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ танҳо барои шахсони бешаҳрванде тааллуқ дорад, ки дар вазъи муҳоҷират қарор доранд. Барои шахсоне, ки дар «кишвари худ» истиқомат доранд ё як қисми аҳолии аслӣ он мебошанд тартиботи муқаррар намудан бо мақсади гирифтани мақоми шахси бешаҳрванд аз сабаби алоқаи қавии онҳо, ба монанди истиқомати доимӣ дар давоми давраи тӯлонӣ, барои ин давлатҳо муносиб дониста намешавад. Вобаста аз вазъ ва шарту шароити аҳолии дахлдор, ба давлатҳо тавсия дода мешавад, ки маъракаҳои мақсадноки санҷиши шаҳрвандӣ гузаронанд ва тартиботи муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандиро нисбат ба ин қисми аҳолӣ истифода накунанд.

### Тартиботи муайян намудани бешаҳрванд будан ё набудани шахс аз чи иборат аст?

Танҳо як қисми хурди давлатҳо тартиботи махсус барои ҷараёни муқаррар намудани бешаҳрвандӣ таҳия кардаанд. Аммо, хоҳиши зиёд барои ба роҳ мондани чунин тартибот аз ҷониби дигар давлатҳо ба чашм мерасад. Дар доираи кадом мақомот амалӣ кардани тартиботи муайян намудани бешаҳрвандӣ дар доираи ваколатҳои худи давлат аст ва дар ҳар давлат гуногун мебошад. Вале новобаста аз чаҳорчӯбаи амалишавии тартиботи муайян кардани бешаҳрвандӣ дар доираи низоми ҳуқуқӣ ё маъмурии давлат, муҳим он аст, ки шахсони санҷишгузаронанда малакаи худро дар самти муайян кардани бешаҳрвандӣ тавсеа бахшанд ва дастрасии ин тартиботро ба аҳолии дахлдор таъмин намоянд. Ин мувозинатеро талаб мекунад, ки аз як тараф ба марказикунонии амалкарди тартиботи муайян намудани бешаҳрвандӣ дар чаҳорчӯбаи мақоми салоҳиятноки маъмурӣ ё судӣ, иборат аз мансабдорони махсус омӯзонидашуда, ва аз тарафи дигар ба таъмин намудани шахсони алоҳида бо имконияти супоридани аризаҳо ба мақомоти давлатие, ки дар саросари кишвар намояндагии худро дорад, иҷозат диҳад. Баъзе кишварҳо санадҳои қонуние қабул кардаанд, ки

муассисаҳои махсуси давлатиро – муассисаҳое, ки махсус бо паноҳандагон, гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд кор мегиранд ё, масалан, Вазорати корҳои дохилӣ – барои баррасӣ ва баровардани қарорҳо оид ба аризаҳо дар бораи бешаҳрвандӣ вазифадор менамоянд. Дигар гурӯҳи давлатҳое, ки санадҳои қонунии махсус оид ба тартиботи эътироф намудани мақоми бешаҳрвандӣ надоранд, мақоми маъмурӣ ё судиеро муқаррар кардаанд, ки барои муайян намудани бешаҳрвандӣ будан ё набудани шахс вазифадор шудааст.

Аммо бисёри давлатҳо тартиботи махсус дар ин самт надоранд. Дар чунин давлатҳо масъалаҳои бешаҳрвандӣ дар рафти муқаррар кардани мақоми гуреза ба миён меоянд. Шахсони бешаҳрванд дар чаҳорчӯбаи чунин тартибот, ки ҳимояи хусусияти гуманитарӣ ва иловагӣ доштаро дар бар мегирад, гӯё ки дар бар гирифта мешаванд. Дар ҳақиқат аз сабаби мавҷуд набудани дигар намуди тартиботи махсус шахсони бешаҳрванд метавонанд барои супоридани аризаҳои худ тавассути низоми пешниҳод кардани паноҳгоҳ ӯҳдадор гарданд. Талаботи махфият нисбат ба аризаҳои паноҳгоҳҷӯяндагон новобаста аз макони ҷойгиршавии тартиботи муқаррар намудани мақоми бешаҳрвандӣ бояд риоя шавад.

Баъзе кишварҳо тартиботи махсус барои эътироф кардани шахсони бешаҳрвандро надоранд, вале масъала ҳангоми барои гирифтани иҷозати истиқомат ё ҳуҷҷатҳои сафар муроҷиат кардани чунин шахсон, ё рад гардидани ариза барои гирифтани паноҳгоҳ ва ҷой доштани дархост барои боқӣ мондани шахс дар кишвари паноҳгоҳдиҳанда бо дигар асос, метавонад ба вуқӯъ оянд.

Дар Фаронса тартиботи муқаррар (эътироф) кардани мақоми бешаҳрвандӣ дар доираи ваколати Дафтари фаронсавӣ оид ба ҳимояи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд (манбаъд ДФҲГШБ), ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқӣ ва маъмурӣ барои шахсони бешаҳрванд вазифадор шудааст, амалӣ мегардад. Аризаҳо бояд бевосита ба ДФҲГШБ супорида шаванд.

Дар Филиппин мақоми бешаҳрвандӣ аз тарафи Шӯъбаи марказонидашудаи ҳимояи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд (минбаъд ШҲГШБ), ки дар назди Раёсати адлияи Филиппин фаъолият мекунад, муқаррар карда мешавад. Аризаҳо барои гирифтани мақоми бешаҳрвандӣ метавонанд ба ШҲГШБ ё ба дафтари марказӣ ё шӯъбаҳои Идораи муҳоҷират ирсол гарданд.

Дар Ҷумҳурии Молдова Идораи муҳоҷират ва паноҳгоҳи Вазорати корҳои дохилӣ тартиботи муқаррар намудани мақоми бешаҳрвандиро ба таври марказонидашуда амалӣ мекунад. Аризаҳо метавонанд дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ё расман аз ҷониби шӯъбаи махсуси Идораи муҳоҷират ва паноҳгоҳ пешниҳод гарданд.

Дар Испания Қонун дар бораи хориҷиён муқаррар мекунад, ки Вазорати корҳои дохилӣ мақоми бешаҳрвандиро дар чаҳорчӯбаи тартиботе, ки бо Фармони подшоҳӣ муайян карда мешавад, эътироф менамояд. Аризасупорандагон метавонанд ба шуъбаҳои милитсия ё Дафтари паноҳгоҳ ва гурезаҳо (минбаъд ДПГ) мурољиат кунанд. Баъд аз ба анҷом расидани марҳилаи тафтишотӣ ДПГ дар доираи тартиботи мавҷуда хулосаҳои худро ба Вазорати корҳои дохилӣ равона мекунад.

Гарчанде дар Мексико тартиботи расмӣ оид ба муайян кардани мақоми бешаҳрвандӣ амал намекунад, *Дастурамал оид ба меъёрҳо ва тартиботи муҳоҷират*, ки соли 2010 дар онҷо қабул гардид, муқаррар мекунад, ки шахсони бешаҳрванд метавонанд бо ҳимояи байналмилалӣ дар чаҳорчӯбаи низоми Мексикоии ҳимояи иловагӣ таъмин гарданд. Ин дастурамал ба кӣ тааллуқ доштани истилоҳоти «шахси бешаҳрванд»-ро мушаххас мекунад,

вале тартиботеро нисбат ба муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ дар ҳолатҳои алоҳида пешбинӣ наменамояд.

*Раҳнамои КОСММГ оид ба ҳимояи шахсони бешаҳрванд* барои ҳукуматҳо, кормандони КОСММГ ва дигар муассисаву ташкилотҳои дахлдор маълумоти зарурӣ оид ба шаклҳои намунавии таҳияи тартиботи муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ ва инчунин масъалаи овардани далелҳо, ки дар чунин раванд сар мезананд, пешкаш мекунад.

### Кадом далелҳо бояд оварда шаванд?

Бо назардошти хусусияти ҳолати бешаҳрвандӣ аксари вақт шахсони алоҳида наметавонанд аризаи худро барои гирифтани мақоми шахси бешаҳрванд бо далелҳои воқеӣ дар асоси ҳуҷҷат асоснок кунанд. Бисёри одамон дар бораи зарурати таҳлили воҷиби қонунгузории марбут ба шаҳрвандии давлатҳое, ки бо онҳо алоқае бо таваллуд, нажод, издивоҷ ё истиқомати доимӣ доранд, огаҳ нестанд ё, ки аз ӯҳдаи ин кор намебароянд. Ба ғайр аз ин, робита бо мақомоти давлати хориҷӣ барои дархости маълумоти мушаххас оид ба қазияи шахси алоҳида ё маълумоти умумӣ оид ба қонунгузории ин давлат дар бораи шаҳрвандӣ, аз ҷумла тафсири бандҳои дахлдори қонун ва татбиқи он, барои муайян намудани шахси бешаҳрванд будан ё набудани нафари баррасишаванда бениҳоят муҳим аст. Дар аксари ҳолатҳо давлатҳо ба чунин дархост танҳо дар мавриди аз ҷониби шахси мансабдори давлати дархосткунанда ирсол гардидани он ҷавоб мегардонанд.

Аз ин лиҳоз, тартиботи муқаррар кардани бешаҳрвандӣ бояд мушкилоте, ки дар ҷараёни додани мақоми бешаҳрвандӣ ҷой дорад, ба инобат гирад. Тартиботи муқаррар кардани бешаҳрвандӣ талаб мекунад, ки ҳам аризадиҳанда ва ҳам санҷишгузаронанда дар ҷараёни дарёфти далелҳо ва муайян намудани воқеият, ки ҳамчун бори гарони исбот арзёбӣ мешавад, ҳамкорӣ кунанд. Аз сабаби мушкилоти ҷараёни додани мақоми бешаҳрвандӣ андозаи далелҳое, ки барои муқаррар кардани бешаҳрвандӣ заруранд, бояд начандон баланд бошад. Бинобар ин, ба давлатҳо тавсия дода мешавад, ки он меъёри исботшавие, ки барои муқаррар кардани мақоми гуреза талаб карда мешавад, қабул намоянд ва хулоса дар бораи бешаҳрванд будани шахс ҳангоми «ба дараҷаи кофӣ» муқаррар шудани он, ки шахси марбут шаҳрванди ягон кишвар тибқи қонунҳои амакунандаи он дониста намешавад, бароварда шавад. *Раҳнамои КОСММГ оид ба ҳимояи шахсони бешаҳрванд* оид ба чӣ тавр истифода бурдани меъёрҳои исботкунӣ дар доираи тартиботи муқаррар кардани бешаҳрвандӣ дигар маълумоти заруриро пешниҳод мекунад.

### Кӣ бояд бешаҳрванд будан ё набудани шахсро муайян кунад?

Кормандони ихтисосноке, ки дониши соҳавӣ оид ба бешаҳрвандӣ доранд ва метавонанд беғаразона ва холисона ариза ва далелҳои асосшавандаи онро баррасӣ кунанд, бояд бо муқаррар кардани бешаҳрвандӣ вазифадор карда шаванд. Мақомоти марказии бо ин кор вазифадор кардашуда метавонад хавфи қарорҳои номунтазамро паст кунад, дар дарёфт ва паҳн кардани маълумот оид ба кишварҳои асл бештар таъсирбахш бошад ва бо доштани соҳаи мушаххаси кори худ, метавонад таҷриба ва малакаҳои бештар оид ба масъалаҳои бешаҳрвандӣ ҷамъ оварад. Муқаррар кардани мақоми бешаҳрвандӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили қонунҳо, қарорҳо ва таҷрибаи дигар давлатҳоро талаб мекунад. Ҳатто бидуни мақомоти марказӣ, шахсони қарорқабулкунанда аз ҳамкорӣ бо ҳамкасбоне, ки дониши амиқ оид ба қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ ва масъалаҳои марбут ба бешаҳрвандӣ доранд, ҳам дар дохили ҳукумат ва ҳам аз дигар кишварҳо, баҳраманд мегарданд.

### Чӣ тавр шахсони алоҳида ба тартиботи муқаррар кардани бешаҳрвандӣ дастрасӣ пайдо мекунанд?

Конвентсияи соли 1954 давлатҳоро барои додани иҷозати истиқомат барои шахсони алоҳида дар давраи баррасии аризаи онҳо оид ба эътироф гардидани мақоми бешаҳрвандӣ ӯҳдадор намекунад. Воқеан ҳангоми ба ҳудуди давлат қадам ниҳодани шахс, муайян кардани мақоми шаҳрвандии ӯ метавонад роҳи ягонаи ҳалли ҳолати ӯ гардад.

Ҳангоми супоридани ариза барои эътироф гардидани шахс ҳамчун шахси бешаҳрванд аз ҷониби худи ӯ ё андешидани тадбирҳо барои муайян намудани бешаҳрванд будан ё набудани вай аз тарафи мақомот, ба давлатҳо тавсия дода мешавад, ки аз хориҷ кардани чунин шахс аз ҳудуди марзи худ то ба анҷом расидани раванди муайянсозӣ худдорӣ кунанд.

Тартиботи муқаррар кардани бешаҳрвандӣ дар қонун дар асоси принсипҳои адолат ва ошкорбаёнӣ пешбинӣ мешавад. *Раҳнамои КОСММГ оид ба ҳимояи шахсони бешаҳрванд* номгӯи форогири ҳуқуқҳоеро, ки бояд дар ҷараёни муносиби қонунӣ риоя гарданд, муайян мекунад:

- Дастрасӣ ба мусоҳиба;
- Кӯмаки тарҷумон;
- Дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ;
- Мӯҳлате, ки дар давоми он бояд мақоми бешаҳрвандӣ муқарар гардад ва аз лаҳзаи супоридани ариза оғоз мешавад;
- Ҳуқуқ ба шарҳи хаттии асосҳо барои қарори қабулшуда; ва
- Ҳуқуқ барои овардани шикоят аз болои қарори рад кардани ариза аз тарафи мақомоти марҳилаи аввал.

### Оё шахси бешаҳрвандие, ки иҷозати расмии истиқомат дар ҳудуди давлат надорад метавонад ба ҳабс гирифта шавад?

Гарчанде Конвентсияи соли 1954 аз давлатҳо бевосита додани ҳуқуқи истиқомат барои шахсони бешаҳрванд муқарраршударо талаб намекунад, пешниҳод намудани чунин иҷозати истиқомат ба мақсаду мароми аҳдномаи мазкур мувофиқ аст. Шахсони бешаҳрвандие, ки ҳуқуқи истиқомати расмӣ дар кишвар надоранд, одатан набояд ба ҳабс гирифта шаванд. Шахсони бешаҳрванд аксари вақт ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ба мисли шаҳодатномаи шахсӣ ё шиноснома надоранд. Ҳатто агар кишвари истиқомати қаблӣ муайн гардад, аксари вақт он дарҳол ба қабули такрории шахси марбут розӣ намешавад. Дар чунин ҳолатҳо, баҳабсгирӣ бояд пешгирӣ карда шавад ва танҳо дар мавриди мушаххасан ба қонунгузории миллие, ки бо қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мутобиқат мекунад, асос ёфтани чунин чора, он метавонад истифода шавад. Алтернативаҳои баҳабсгирӣ бояд аввал мавриди баррасӣ қарор гирад, агар далели таъсирбахш набудани чунин чораҳо ба шахси дахлдор мавҷуд набошад.

Шахсони бешаҳрванде, ки бидуни иҷозати расмии истиқомат дар ҳудуди давлат қарор доранд, бояд танҳо баъд аз дида баромадани ҳамаи алтернативаҳои мавҷуда ба ҳабс гирифта шаванд. Ҳангоми қабули қарор оид ба баҳабсгирӣ мақомоти давлатӣ бояд муайян кунад, ки оё баҳабсгирӣ асоснок ва мутаносиб нисбат ба мақсадҳои дар пеш истода мебошад ё не. Агар он аз ҷониби суд зарур дониста шавад, баҳабсгирӣ бояд танҳо бидуни ягон табъиз сурат гирифта, дар асоси қонунгузории миллӣ, аз ҷумла беҳтараш дар асоси маҳдудияти калонтарине, ки барои чунин

намуди баҳабсгирӣ муқаррар шудааст ва мавриди арзёбии даврӣ ва судӣ қарор гирифтани он, таъин карда шавад.

### Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаи баҳабсгирии худсарона

Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон падидаи ташвишовари баҳабсгирии худсаронаро, ки аз соли 1985 инҷониб сол аз сол зиёд мегардад, мавриди баррасӣ қарор дод. Он аз Зеркомиссия оид ба пешгирии табъиз нисбат ба ақалиятҳо ва ҳимояи онҳо дархост намуд, ки ин масъаларо мавриди омӯзиши дақиқ қарор диҳад ва барои коҳиш додани он тавсияҳо пешниҳод намояд. Ҳамзамон таваҷҷӯҳи хоса ба масъалаи кафолатҳои ҳатмӣ барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо қабул гардидани Маҷмӯи принсипҳо барои ҳимояи шахсони мавриди шаклҳои гуногуни баҳабсгирӣ ва аз озодӣ маҳрум шудан қароргирифта аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ моҳи декабри соли 1988 зоҳир карда шуда. Соли 1990 дар асоси тавсияиҳои ҳисоботи дар боло зикргардидаи Зеркомиссия, Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаи баҳабсгирии худсарона таъсис дод. Ин Гурӯҳи корӣ дертар принсипҳои зеринро оид ба баҳабсгирӣ ва маҳрум кардан аз озодӣ қабуд намуд:

#### Принсипи якум

Ҳангоми барои пурсиш дар марз ё дар ҳудуди давлат дар мавриди воруди ғайриқонунӣ боздошт шудани шахсони паноҳҷӯянда ё муҳоҷир онҳо бояд дар бораи хусусият ва сабабҳои қарори рад кардани воруди онҳо ба давлат, ё рад кардани иҷозат барои истиқомати муваққатӣ дар ҳудуди ин кишвар, ки нисбат ба ин шахс қабул шудааст, ҳадди ақал дар шакли шифоҳӣ ва ба забони ба ӯ фаҳмо хабардор карда шаванд.

#### Принсипи дуюм

Ҳар як шахси паноҳҷӯянда ва муҳоҷир ҳангоми дар ҳабс нигоҳ дошта шудан бояд имконияти бо ҷаҳони берунӣ алоқа кардан, аз ҷумла тавассути телефон, факс ва ё воситаҳои электронӣ ва тамос бо вакили дифоъ, намояндаҳои консулгарӣ ва хешовандон дошта бошад.

#### Принсипи сеюм

Ҳар як шахси паноҳҷӯянда ва муҳоҷире, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, бояд бетаъхир ба назди суд ва ё мақомоти дигари дахлдор ҳозир карда шавад.

#### Принсипи чорум

Ҳар як шахси паноҳҷӯянда ва муҳоҷир ҳангоми ба ҳабс гирифта шудан бояд имзои худро дар китоби қайди расмӣ ва рақамгузорӣ кардашуда гузорад ва ё бо кафолатҳои ба ин монанд таъмин гардад, ки шахсияти ӯ, сабабҳои ба ҳабс гирифта шудани вай ва номи мақомоти давлатие, ки чунин қарорро қабуд намуд, инчунин вақт ва рӯзи ба ҳабс гирифта шудан ва аз ҳабс озод гардидани ӯ дар он зикр гардида бошанд.

#### Принсипи панҷум

Ҳар як шахси паноҳҷӯянда ва муҳоҷир ҳангоми ворид гардидан ба муассисаи баҳабсгирӣ бояд оид ба қоидаҳои дохилии муассиса ва, дар ҳолати зарурӣ, қоидаҳои интизомӣ ва имконияти танҳо пушти дарҳои баста нигоҳ доштани ӯ ва кафолатҳои марбут ба чунин чора хабардор карда шавад.

### Принсипи шашум

Ќарорњо бояд аз тарафи маќомоти салоњиятнок ва дорои сатњи лозимии ўњдадорї ќабул гарданд ва ба меъёри ќонунї будан тибќи ќонунгузории амалкунанда асос ёбанд.

### Принсипи њафтум

Мўњлати дарозтарин барои дар њабс нигоњ дошта шудан бояд дар ќонун муќаррар карда шавад ва он наметавонд дар ягон маврид бемањдуд ва ё ба мўњлати аз њад зиёд бошад.

### Принсипи њаштум

Огоњинома оид ба чораи бањабсгирї бояд дар шакли хаттї ва ба забони ба шахси паноњљўянда ё муњољир фањмо дода шавад ва дар он сабабњои ќабул намудани чунин чораи пешгирї нисбат ба ў ва шартњое, ки дар асоси онњо шахси паноњљўянда ва муњољир метавонад барои њимояи судї ба маќомоти судие, ки салоњияти бетаъхир ќонунї будани чораи таъиншударо муайян кардан ва дар мавриди муносиб оид ба озод намудани шахси дахлдор ќарор ќабул карданро дорад, муроҷиат намояд, бояд дарљ ёбанд.

### Принсипи нўњум

Бањабсгирї бояд дар муассисаи давлатие, ки махсус барои чунин њолатњо пешбинї шудааст, сурат гирад; агар бо баъзе сабабњо чунин амал имконпазир набошад, шахси паноњљўянда ё муњољир бояд људогона аз шахсоне, ки дар асоси ќонуни љиноӣ мањкум шудаанд, нигоњ дошта шавад.

### Принсипи дањум

Раёсати КОСММГ, Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (минбаъд КБСС) ва дар мавриди муносиб созмонњои љомеаи шањрвандии салоњиятнок бояд ба љойњои њабс дастрасї дошта бошанд.

## Шахсони бешањрванд эътирофшуда кадом њуќуќ ва ўњдадорињо доранд?

Баъзе њуќуќњои асосии башар ба њамаи инсонњо новобаста аз вазъи њуќуќии онњо ва ё доираи њуќуќие, ки онњо ба он марбут дониста мешаванд, тааллуќ доранд. Масалан, манъ кардани шиканља ва принсипи табъиз нашудан аз љумлаи онњост. Воќеан, Конвентсияи соли 1954 тасдиќ мекунад, ки муќаррароти он нисбат ба њамаи шахсони бешањрванд «новобаста аз нажод, дину мазњаб ва ё кишвари асл» татбиќ мегардад (Моддаи 3).

Њар як шахси бешањрванд ўњдадор аст, ки ќонуну ќоидањои давлате, ки он љо ќарор мегирад, риоя кунад (Моддаи 2). Бо назардошти иљро гардидани ин ўњдадорї Моддаи 7 (1) Конвентсияи соли 1954 сатњи умумии њимояро, ки ба он шахси бешањрванд њуќуќ дорад, муайян мекунад. Он аз љумла муќаррар мекунад, ки ба ѓайр аз њолатњое, ки нисбат ба онњо Конвентсия ба таври равшан муносибати аз ин бењтарро пешбинї мекунад, «Давлатњои ањдкунанда бояд ба шахсони бешањрванд њамон муносибатеро, ки онњо нисбат ба хориљиён дар маљмўъ доранд, таъмин намоянд».

Дар робита ба аксари њуќуќњое, ки дар Конвентсияи соли 1954 зикр гардидаанд, шахсони бешањрванд бояд њадди аќал ба њуќуќњо ва ёрии иљтимое, ки шахсони хориљї ба онњо њаќ

доранд, хусусан нисбат ба шуғли даромаднок (Моддаҳои 17, 18 ва 19), таъмини љои зист(Моддаи 21) ва озодии ҳаракат (Моддаи 26) дастрасї дошта бошанд. Дар робита ба дигар ҳуқуқҳои мушаххас аз Давлатҳои аҳдкунанда талаб карда мешавад, ки ба шахсони бешаҳрванди дар ҳудуди онҳо ба таври қонунї истиқоматкунанда меъёри муносибати баробар бо муносибат ба шаҳрвандони кишвар, хусусан дар қисмати озодии дин (Моддаи 4), ҳуқуқ ба корҳои бадеї ва хусусияти саноатї (Моддаи 14), таҳсилоти ибтидої (Моддаи 22), ёрии давлатї (Моддаи 23) ва қонунгузорї оид ба шуғли аҳолї ва таъминоти иљтимої (Моддаи 24) таъмин намоянд.

*Раҳнамои КОСММГ оид ба ҳимояи шахсони бешаҳрвандї* оид ба меъёрҳои муносибате, ки нибат ба шахсони бешаҳрванд тибқи Конвентсияи соли 1954 ва қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон пешбинї шудаанд, ба ҳукуматҳо таклифу тавсияхо пешниҳод мекунад.

## **Оё шахсони бешаҳрванд эътирофшуда ба ҳуљљатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва ҳуљљатҳои сафар ҳуқуқ доранд?**

Конвентсияи соли 1954 муқаррар мекунад, ки Давлатҳои аҳдкунанда ба шахсоне бешаҳрванде, ки дар ҳудуди онҳо қарор доранд ва ҳуљљати сафари эътибонок надоранд, бояд ҳуљљати тасдиқкунандаи шахсият диҳанд. Моддаи 28 пешбинї мекунад, ки Давлатҳои аҳдкунанда ба шахсони бешаҳрванде, ки ба таври қонунї дар ҳудуди онҳо истиқомат мекунанд, бояд ҳуљљати сафар диҳанд, агар сабабҳои воқеии вобаста ба амнияти миллї ва тартиботи љамъиятї ба ин монеа нашаванд.

Додани ҳуљљати сафар маънои додани мақоми шаҳрвандиро надорад ва вазъи ҳуқуқии шахсро тағйир намедиҳад.

Қисми дуюми Моддаи 28 аз давлатҳо даъват ба амал меорад, ки ба ҳамаи шахсони бешаҳрванди дар ҳудуди онҳо қарордошта, инчунин шахсони бешаҳрванде, ки истиқоматкунандагони қонунї нестанд, ҳуљљати сафар диҳанд. Аз давлатҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз имконияти додани ҳуљљати сафар тибқи Конвентсия ба шахсони бешаҳрванде, ки дар ҳудуди онҳо қарор доранд ва имконияти гирифтани ҳуљљати сафар аз давлати истиқомати қонунии худро надоранд, истифода баранд. Боназардошти он, ки бисёри шахсони бешаҳрванд давлати истиқомати қонунї надоранд, ин муқарарот хусусан аҳамияти калон дорад. Ҳуљљати сафар ҳам барои муайян кардани шахсияти шахси бешаҳрванд ва ҳам барои ворид шудан ба давлати муносиб мусоидат хоҳад кард.

Ҳуљљати сафар барои шахсони бешаҳрванд барои сафар ба дигар кишварҳо барои таҳсил, љои кор, гирифтани ёрии тиббї ва ё сукунат хеле муҳим аст. Тибқи қоидаҳои ба ин Конвентсия замимагардида ҳуљљатҳои сафари аз љониби як давлати аҳдкунанда дода шуда аз љониби ҳамаи давлатҳои дигари аҳдкунанда эътиборнок ҳисобида мешавад. КОСММГ метавонад ба давлатҳо оид ба додани чунин намуди ҳуљљатҳо машварати техникї пешкаш намояд. Аз давлатҳои аъзои Конвентсияи соли 1954 талаб карда мешавад, ки ба шахсони бешаҳрванд ҳуљљатҳои сафари ба воситаи мошинаҳои техникї эътирофшаванда (тибқи Конвентсия) мутобиқи меъёрҳои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданї / *Раҳнамои КОСММГ оид ба додани ҳуљљатҳои сафари ба воситаи мошинаҳои техники эътирофшаванда ба гурезагон ва шахсони бешаҳрванд* таъмин намоянд.

## **Оё давлат метавонад шахси бешаҳрванд эътирофшударо аз қаламрави худ хориљ кунад?**

Тибқи муқарароти Конвентсияи соли 1954 ба ғайр аз ҳолатҳои бо сабабҳои марбут ба амнияти миллї ва тартиботи љамъиятї асоснокшуда, шахсони бешаҳрванде, ки дар кишвар ба таври қонунї

истиқомат мекунанд, набояд аз қаламрави он ронда шаванд. Ронда нашудани чунин шахсон дар асоси чаҳорчӯбаи ҳуқуқии мусоид кафолат дода мешавад, агар барои он сабабҳои асосноки марбут ба амнияти миллӣ вуҷуд надошта бошанд. Бинобар ин кафолатҳои мурофиавӣ бояд ба шахсони бешаҳрванд таъмин гарданд, то ин ки онҳо имконияти ҷавоб гардонидан ва пешниҳод кардани далел ба муқобили айбдокуниҳои гуногун, аз тарафи вакили дифоъ намояндагӣ шудан ва ҳуқуқи аз болои қарор шикоят оварданро доштa бошанд.

Дар санади ниҳоии Конвентсия соли 1954 манъи бозгардонидан ба кишваре, ки шахс аз он ҷо омадааст, ҳамчун принсипи умумии эътирофгардида зикр мешавад. Манъи бознагардонидан, ҳамчун принсипи базнагардонидани шахс ба қаламрави кишваре, ки ба ӯ таъқибот таҳдид мекунад, дар якчанд санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Моддаи 33 Конвентсия оид ба гурезагон, Моддаи 3 Конвентсияи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ва Моддаи 7 ПБҲГС ва якчанд санадҳои минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудааст.

Азбаски манъи бозгардонӣ ҳамчун припсипи ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шудааст, муаллифони Конвентсияи соли 1954 ворид кардани онро ба моддаҳои муқарраркунандаи мақоми шахсони бешаҳрванд зарур нашуморидаанд.

Дар мавридҳои қабул гардидани қарори ниҳоӣ оид ба рондани шахси бешаҳрванд Конвентсияи соли 1954 аз давлатҳои даъват ба амал меорад, ки ба шахси дахлдор вақти кофӣ барои гирифтани ҳуқуқи ворид шудан ба қаламрави дигар кишварро таъмин намоянд.

**Кадом тартиботи ҷойгиркунонӣ бояд барои шахсони бешаҳрванд эътирофгардида дастрас бошад?**

Давлатҳои аъзои Конвентсияи соли 1954 барои то ҳадди имкон мусоидат кардан ба сабукгардонии ассимилятсия ва ҷойгиркунонии (тобеият ёфтани) шахсони бешаҳрванд даъват карда мешаванд (калимаи ассимлятсия инҷо ба маънои гум кардани ҳуввияти шахсии инсон набуда, ба маънои яғҷоякунии ӯ ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари иқомат истифода шудааст). Аз ҷумла, онҳо бояд тамоми тадбирҳоро баҳри суръатбахшии коргузорӣ оид ба ҷойгиркунонӣ, инчунин ба қадри имкон кам кардани боҷу пардохтҳо ба шахсони бешаҳрванди дахлдор андешанд.

> Дар Шоҳигарии Британия шахсони бешаҳрванд ба тартиботи сабуккардашудаи ҷойгиркунонӣ дастрасӣ доранд. Аз нигоҳи амалӣ ин маънои онро дорад, ки нисбат ба онҳо талаботи кам кардашуда барои гирифтани иҷозати истиқомат (се сол бар ивази панҷ сол, ки талабот барои шаҳрвандони хориҷӣ мебошад) татбиқ мешавад ва онҳо аз санҷиши дониши забон ва санҷиши марбут ба шаҳрвандӣ озод карда шудаанд.

Баъзе кишварҳо шартҳои сабуккардашудаи истиқомати қонуниро барои гурезагон ва шахсони бешаҳрванде, ки барои ҷойгиркунонӣ муроҷиат мекунанд, ба қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ ворид намудаанд.

КАШ ин тавсияро боз ҳам васеътар мекунад ва муқаррар менамояд, ки қонунҳои миллӣ қоидаҳоеро бояд дар бар гиранд, ки барои ҷойгиркунонии шахсони хориҷии ба таври қонунӣ ва доимӣ дар қаламрави онҳо истиқоматкунанда иҷозат диҳанд. Ба ғайр аз ин, КАШ талаботҳои барои истиқомат муайяншударо ба 10 соли ҳадди аксар пеш аз пайдо намудани ҳуқуқ барои ба ҷойгиркунонӣ ҳуҷҷат супоридан, маҳдуд мекунад. Инчунин КАШ давлатҳоро барои татбиқи

тартиботи сабукшудаи љойгиркунонї нисбат ба шахсони бешаҳрванд ва гурезагони эътирофгардида даъват мекунад.

### Роҳҳои беҳтарини ҳимояи шахсони бешаҳрванд кадомҳоянд?

Аз ҳама роҳи таъсирбахш барои ҳимояи шахсони бешаҳрванд таҳияи ќонунгузорие, ки пеш аз ҳама барои пайдо шудани ҳолати бешаҳрвандї иљозат намедиҳад, мебошад (барои шарҳи даќиќи Конвенсияи соли 1961 ва чораҳои дахлдоре, ки давлатҳо метавонанд барои коҳиш ё барҳам додани ҳолатҳои бешаҳрвандї ќабул кунанд, ба Боби «Пешгирии бешаҳрвандї» нигаред).

Аммо то лаҳзаи бартарафкунии мушкилоти бешаҳрвандї шахсони бешаҳрванд эътирофшуда бояд ҳимоя шаванд. Тасдиќ ва татбиќ кардани Конвенсияи соли 1954 ва мутобиќи он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ќонунгузорї барои таъмини риояи ҳуќуќ ва ўҳдадориҳои шахсони бешаҳрванд мусоидат хоҳанд кард.

Чи тавре дар боло зикр гардид, Конвенсияи соли 1954 шаҳрвандии инсонро иваз намекунад ва давлатҳоро барои ба шахсони бешаҳрванди гурезанашуда додани ҳуќуќи ворид шудан ба ҳудуди худ ўҳдадор немесозад.  Татбиќи муќаррароти Конвенсияи соли 1954 ивазкунандаи додани шаҳрвандї нест. Ба ќадри имкон давлатҳо бояд барои ассимилятсия ва љойгиркунонии (тобеияти) шахсони бешаҳрванде, ки дар ҳудуди онҳо истиќомат мекунанд, тавассути ќонунгузории миллї ва татбиќи амалии он мусоидат кунанд. Дар ҳолатҳои сершумори бешаҳрвандї ќоидаҳои додани шаҳрвандї метавонанд бо принсипи ќабул кардани ҳамаи сокинони ќаламрав ҳамчун шаҳрвандон аз сабаби макони таваллуди (ё зисти) онҳо будани он то санаи муайян ё аз оилаҳои дар ин давра онљо таваллуд ёфта будани ин шахсон, иваз гарданд.

> Соли 2007 Ќирғизистон ислоҳоти фарогир дар ин соҳа гузаронид, ки ба ҳазорҳо шахсони бешаҳрванд имконияти гирифтани шаҳрвандї фароҳам овард. Таќрибан 40.000 нафар дар ҳудуди Ќирғизистон бидуни ягон шаҳрвандї дар давоми даҳ сол баъд аз истиќлолияти он ҳаёт ба сар мебурданд. Аксари онҳо аќалиятҳои миллие буданд, ки аз дигар минтаќаҳои Иттиҳоди Шўравї ба Ќирғизостон муҳољират карданд ва шаҳрвандии Ќирғизистон ё ягон кишвари дигари собиќ шўравиро гирифта натавонистанд. Ќонуни соли 2007 ҳамаи шаҳрвандҳои собиќ шўравиро, ки шахсони бешаҳрванд буданд ва дар ҳудуди Ќирғизистон дар давоми панљ сол ё бештар аз он истиќомат доштанд, ба ҳайси шаҳрванд эътироф намуд.

Дар баъзе ҳолатҳои истисної шахсони бешаҳрванд имконияти мўътадил кардани вазъи ҳуќуќии худ дар кишваре, ки он љо истиќомат мекунанд, надоранд. Сукунат ба дигар кишвар барои чунин шахсон метавонад роҳи муносиби ҳалли масъала гардад. Гарчанде меъёрҳои давлатҳо оид ба сукунат одатан ҳолатҳои бешаҳрвандиро дар бар намегирад (сукунат бештар нисбат ба гурезагон истифода мешавад), Кумитаи иљроияи КОСММГ аз давлатҳо даъват ба амал овард, ки доираи амали меъёрҳои мазкурро васеътар кунанд, то ин ки шахсони бешаҳрванд низ ба ин чоҳорчуба дохил шаванд. Дар Хулосаи № 95 (2003) Кумитаи иљроия –

> *«давлатҳоро барои ҳамкорї бо КОСММГ дар самти пайдо намудани роҳҳои баррасии ҳолатҳои бешаҳрвандї ва људо кардани љойҳо барои аҳолии муҳољиршаванда дар мавриди ҳалли худро наёфтани ҳолати шахси бешаҳрванд дар кишвари кунунии*

*истиќомат ё дигар кишавари истиќомати пештара ва беэътиомд боќї мондани он, дават кард»*

КОСММГ метавонад ба давлатњо барои якљоякунї ва сукунати шахсони бешаҳрванд машварат диҳад ва кўмак расонад.

# Пешгирии њолатњои бешањрвандї



Аксари кўдакон дар дар *батей* (киштзори дурдаст) шахсони бешањрванд буда, ба њуќуќњои асосии худ дастрасї надоранд. Њазорњо доминиканњо, ки аксарашон аслан аз Њаитї мебошанд, баъд аз њукми суди конститутсионии соли 2013 аз шањрвандї мањрум гардиданд.

© КОСММГ / Грег Константин, 2010

Бешањрвандї метавонад дар натиљаи вазъиятњои гуногун ба вуќўъ ояд. Баъзе аз сабабњои асосии бешањрвандї ва тадбирњои амалие, ки давлатњо метавонанд барои пешгирии чунин вазъият, хусусан њангоми таљдиди назар кардани ќонунгузорї андешанд, дар поён шарњ дода мешаванд.

## Сабабњои марбут ба табъиз ё худсарона мањрум кардани шањрвандї

### Табъиз шудан

Яке аз мањдудиятњои асосии ваколати давлатњо барои додан ё рад кардани шањрвандї ѓайриќонунї дониста шудани табъизи нажодї мебошад. Ин меъёр дар КБТН ва як ќатор дигар санадњои

байналмилалї пешбинї шудааст. Кумитаи СММ оид ба барњам додани табъизи нажодї дар Тавсияњои умумии худ оид ба табъизи шахсони дорои шањрвандї набуда аз 1 октябри соли 2004 муќаррар мекунад:

> *«Мањрум кардани шањрвандї дар асоси нажод, ранги пўст, асли миллї ва ё этникї риояи нагардидани ўњдадории давлатњо барои таъмини њуќуќ ба шањрвандї бадуни ягон табъиз мебошад.»*

Аммо баъзан одамон новобаста аз доштани робитаи зич бо давлат наметавонанд шањрвандии он давлатњоро соњиб гарданд, њарчанд доштани чунин робита барои додани шањварндї ба нафари дигар метавонад кифоя бошад. Аксари шахсони бешањрванд дар саросари дунё ба аќалиятњои миллї, динї ва забонї дохил мешаванд. Табъиз дар асоси нажод, ранги пўст, асли миллї, дин, љинсият, аќидаи сиёсї ё дигар омилњо метавонад баръало бошад, ё ки тасодуфан дар муќаррароти ќонун ё тарзи татбиќи он метавонад сурат гирад. Ќонунњо метавонанд табъизомез номида шаванд, агар тарзи баён дар матни онњо коста бошад, ё ки татбиќи онњо бо табъиз кардан анљом ёбад.

Барои пешгирї кардани ин мушкилот тавсияњои зерин пешнињод мегардад:

- Принсипи табъиз нашудан дар робита бо шањрвандї бояд дар сарќонун ва ќонунњои марбут ба шањрвандї дарљ ёбад ва татбиќи ин принсип дар амал тавассути ќарорњои маќомоти судї ва маъмурї таъмин карда шавад.
- Давлатњо бояд њамаи тадбирњои муносибро, њам дар сатњи миллї ва њам дар њамкорї бо дигар давлатњо, бањри таъмин намудани шањрвандї ба њар як кўдак аз марњилаи таваллуд оѓоз карда андешанд. Бинобар ин, тибќи њуќуќи байналмилалї кўдакони боникоњ таваллудёфта, кўдакони бе аќди никоњ ба дунё омада ва кўдакони аз волидайни бешањрванд таваллудшуда њама њуќуќи якхела ба шањрвандї доранд.
- КРТНЗ таъмини занон бо њуќуќњои якхела бо мардон дар дарёфт, нигоњ доштан ва аз нав барќароркунии шањрвандиро пешбинї мекунад. Тибќи меъёрњое, ки дар ин Конвентсия муќаррар шудаанд, вазъи шањрвандии шавњар набояд худ аз худ шањрвандии занро таѓйир дињад ё ўро ба њолати бешањрвандї орад ва гирифтани шањрвандии шавњар барои зан набояд њатмї дониста шавад.

## Мањрумшавї аз шањрвандї ва рад кардани шањрвандї

ЭУЊБ муќаррар мекунад, ки њељ кас худсарона аз шањрвандї мањрум карда намешавад. Конвентсияи соли 1961 ва КАШ имкониятњои давлатњоро барои мањрум кардани шахс аз шањрвандї мањдуд мекунанд. Њамаи њолатњои мањрум кардани шањрвандї бояд бо кафолатњои мурофиавї илова гарданд ва боиси бешањрвандї нашаванд.

Мањрум кардан аз шањрвандї дар сурати мањрум кардани шахси алоњида ё гурўњи шањрвандон аз љониби давлат ба вуќўъ меояд ва одатан боиси кирдори табъизомези давлат мегардад. Аксари шахсони бешањрванди дунё аз шањрвандї худсарона мањрум гаштаанд.

Барои пешгирї кардани ин мушкилот тавсияњои зерин пешнињод мегардад:

- Тибќи принсипи умумии њуќуќи байналмилалї њељ кас набояд аз шањрвандї мањрум шавад, агар чунин мањрумкунї боиси бешањрвандї гардад.
- Конвентсияи соли 1961 њолатњои истиснои зеринро нисбат ба ин меъёр муќаррар мекунад:
  - шањрвандие, ки дар асоси тафсири нодуруст ё фиреб ба даст омадааст;
  - мањрум кардани шањрвандї аз сабаби истиќомат дар хориљ (ба боло нигаред);

- кирдорњо бар хилофи ўњдадории садоќат ба ватан бо содир кардани амалњои манъшуда ба воситаи хизматрасонї ба дигар давлат ё ин, ки бо содир кардани кирдори шахсие, ки ба манфиатњои муњими давлат зараровар аст (танњо агар ин дар ќонун дар давраи ба имзо расонидани Конвентсияи ифода ёфта бошад);

- ќасам ё изњороти расмии садоќат ба дигар давлат ё инкор кардани садоќат ба давлат (танњо агар ин дар ќонун дар давраи ба имзо расонидани Конвентсияи соли 1961 муќаррар гардида бошад).

Соли 1980 бо фармони Саддам Њусейн курдњои файлї – бештар аќалиятњои шиае, ки дар баъзе вилоятњои Ироќ зиндагонї мекарданд аз шањрвандии Ироќ мањрум карда шуданд. Моликияти онњо мусодира карда шуд ва ќисми зиёди онњо ба Эрон ронда шуданд ва он љо дар ќароргоњњо барои гурезагон зиндагї карданд. Сарќонуни соли 2005 ва Ќонуни Ироќ дар бораи шањрвандї аз соли 2006 фармони ќаблие, ки курдњои файлиро аз шањрвандї мањрум карда буд бекор карданд ва муќаррар намуданд, ки њамаи шахсоне, ки шањрвандии онњо аз тарафи роњбарияти пешинаи давлат мањрум карда шуд, метавонанд шањрвандии худро барќарор кунанд. Аз он давра ин љониб ќариб 100.000 нафар аз нав ба шањрвандии Ироќро соњиб гардиданд.

Давлати аъзои Конвентсияи соли 1961 танњо дар њолатњои зикргардида метавонад шахсро аз шањрвандї мањрум кунад, агар ин њолатњо ба таври мушаххас дар ќонунгузории миллї дар давраи ба имзо расонидан, тасвиб кардани Конвентсия ё њамроњ шудан ба Конвентсия ифода ёфта бошанд, мувофиќи ќонун сурат гиранд ва бо кафолатњои мурофиавї, ба мисли њуќуќ ба суди одилона, пешбинї гарданд. Давлати ањдкунанда наметавонад ягон шахсро дар асоси нажод, асли миллї, дин ё заминаи сиёсї аз шањрвандї мањрум созад.

- КАШ аз ин њам бештар ќобилияти давлатњоро барои мањрум кардани шањрвандї мањдуд мекунад, агар ин мањрумкунї боиси бешањрвандї гардад. Тибќи КАШ мањрум кардан аз шањрвандї танњо дар њолатњои ба даст омадани шањрвандї дар асоси тафсири нодуруст ё фиреб асоснок дониста мешавад. Лекин агар мањрум кардан аз шањрвандї боиси бешањрвандї нагардад, давлат метавонад шањрвандро аз шањрвандї дар њолатњои зерин мањрум созад:
  - гирифтани шањрвандии дигар давлат ба таври ихтиёрї;
  - хизмати ихтиёрї дар сафи њарбии давлати дигар;
  - содир кардани кирдори љиддие, ки ба зарари манфиатњои воњиби давлат аст;
  - набудани робитаи аслї бо давлат ва шањрванде, ки доимї дар хориља истиќомат мекунад;
  - иљро нашудани шартњое, ки барои гирифтани бевоситаи шањрвандии давлат тибќи ќонунгузории миллї зароранд (ин танњо ба наврасон тааллуќ дорад); ё
  - гирифтани шањрвандии падар ё модар аз љониби кўдаки писархонд ё духтархонд шуда.

## Муќаррароти асосии Конвентсияи соли 1961 оид ба коњиши њолатњои бешањрвандї

### Дар бобати додани шањрвандї (Моддањои 1, 2, 3 ва 4)

Шањрвандї ба шахсоне дода мешавад, ки бе он метавонанд ба шахсони бешањрванд табдил ёбанд ва робитаи асоснок бо давлат тавассути макони таваллуд (принсипи хокї) ё мансубияти авлодї (принсипи хунї) доранд. Шањрвандї дар њолатњои зерин дода мешавад:

- Дар асоси эътибори ќонун, аз таваллуд ба шахсоне, ки дар ќаламрави давлат ба дунё омадаанд;
- Дар асоси эътибори ќонун, дар синну соли муайян ба шахсе, ки дар ќаламрави давлат ба дунё омадааст ва ба талаботњои ќонунгузории миллї љавобгў аст;
- Дар њолати љавобгў будан ба талабот ба шахсоне, ки дар ќаламрави давлат ба дунё омадаанд (чунин ариза метавонад як ё якчанд талаботњои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шањрвандї метавонад супорида шавад; талаботњои махсуси истиќомат; надоштани доѓи судї барои содир кардани љинояти мушаххасшуда; ва ё њамеша дар њолати бешањрвандї ќарор доштани шахс);
- Аз таваллуд ба кўдаки ќонуние, ки модараш шањрванди давлати таваллуди он мебошад;
- Дар асоси мансубияти авлодї ба шахсе, ки имконияти гирифтани шањрвандии давлати ањдкунандаеро, ки дар ќаламрави он ба дунё омадааст, бо сабаби синну сол ё љои истиќомат гирифта наметавонад (чунин ариза метавонад як ё якчанд талаботњои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шањрвандї метавонад супорида шавад; талаботњои махсуси истиќомат; ва ё њамеша дар њолати бешањрвандї ќарор доштани шахс);
- Ба кўдаки партофташудае, ки дар ќаламрави давлати ањдкунанда ёфт шудааст;
- Дар асоси эътибори ќонун аз таваллуд ба шахсе, ки дар ќаламрави дигар кишвар ба дунё омадааст, агар падар ё модари ў дар давраи таваллуд шањрванди давлати ањдкунанда бошанд;
- Дар њолати љавобгў будан ба талабот ва тибќи муќарроти ќонунгузории миллї ба шахсе, ки дар ќаламрави дигар кишвар ба дунё омадааст, агар падар ё модари ў дар давраи таваллуд шањрванди давлати ањдкунанда бошанд (чунин ариза метавонад як ё якчанд талаботњои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шањрвандї метавонад супорида шавад; талаботњои махсуси истиќомат; надоштани доѓи судї барои содир кардани љиноят нисбати амнияти миллї; ва ё њамеша дар њолати бешањрвандї ќарор доштани шахс).

## Дар бобати мањрумшавї аз шањрвандї ва рад кардани шањрвандї (Моддањои 5, 6 ва 7)

Мањрумшавї аз (аз даст додани кардани) шањрвандї ва рад кардани шањрвандї бояд ба шарти ќаблан доштани шањрвандї ё кафолат оид ба гирифтани шањрвандии дигар сурат гирад. Истисно ба ќазияи шахсони љойгиркунонидашудае (тобеиятёфтае), ки бар хилофи огоњї оид ба расмият ва муддати муќарраршуда, дар давоми якчанд сол паињам дар хориља истиќомат мекунанд ва хоњиши нигоњ доштани шањрвандї изњор намекунанд, тааллуќ дорад. Шахси љойгиркунонидашуда (тобеиятёфта) дар ин њолат шахсе мебошад, ки тавассути ариза ба давлати дахлдори ањдкунанда ба шањрвандии он ќабул шудааст, гарчанде ки ин давлат метавонист аризаи ўро рад кунад. Мањрумшавї аз шањрвандї танњо мувофиќи ќонун сурат мегирад ва бояд бо кафолатњои мурофиавї, ба мисли њуќуќ ба мурофиаи одилона аз љониби суд ё дигар маќомоти мустаќил, пешбинї гардад.

## Дар бобати мањрум кардани шахс аз шањрвандї (Моддањои 8 ва 9)

Ба ѓайр аз њолатњои зерин, њељ кас наметавонад аз шањрвандї мањрум карда шавад, агар чунин мањрумкунї боиси бешањрвандї шудани ў гардад:

- шаҳрвандие, ки дар асоси тафсири нодуруст ё фиреб ба даст омадааст;
- шахсе, ки кирдори бар хилофи қарзи садоқат ба ватан амалҳои баръало манъшуда, ё кирдори ҷиддие, ки бар зарари манфиатҳои воҷиби давлат аст, содир кардааст;
- шахсе, ки савганд оид ба садоқат ба дигар давлат ёд кардааст ё дар борои ин изҳороти расмӣ намудааст ва ё аз садоқат ба давлати аҳдкунанда даст кашидааст;
- шаҳрванди ҷойгиркунонидашудае, ки робитаи таъсирноки худро бо давлати аҳдкунанда аз даст додааст ва хоҳиш оид ба нигоҳ доштани шаҳрвандӣ изҳор наменамояд.

Давлати аҳдкунанда танҳо дар ҳолатҳои зикргардида метавонад шахсро аз шаҳрвандӣ маҳрум кунад, агар ин ҳолатҳо ба таври мушаххас дар қонунгузории миллӣ дар давраи ба имзо расонидан, тасвиб кардани Конвентсия ё ҳамроҳ шудан ба Конвентсия ифода ёфта бошанд, мувофиқи қонун сурат гиранд ва бо кафолатҳои мурофиавӣ, ба мисли ҳуқуқ ба суди одилона, пешбинӣ гарданд. Давлати аҳдкунанда наметавонад ягон шахсро дар асоси нажод, асли миллӣ, дин ё заминаи сиёсӣ аз шаҳрвандӣ маҳрум созад.

### Дар бобати аз як давлат ба дигар давлат гузаштани ҳудуд (Моддат 10)

Аҳдномаҳо онро таъмин мекунанд, ки аз як давлат ба дигар давлат гузаштани ҳудуд боиси ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ нагардад. Дар ҳолати ба имзо нарасидани ягон шартнома, давлати (ё давлатҳои) дахлдор шахсонеро, ки дар акси ҳол метавонанд дар натиҷаи гузаштани ҳудуд шахсони бешаҳрванд шаванд, ба шаҳрвандӣ қабул мекунад.

### Дар бобати ташкилоти байналмилалӣ (Моддаи 11)

Конвентсия таъсиси мақоми байналмилалиеро дар доираи низоми Созмони Милали Муттаҳид пешбинӣ менамояд, ки шахсони манфиатгирандаи Конвентсия метавонанд ба он барои азназаргузаронии аризаи худ муроҷиат кунанд ва дар супоридани аризаи худ ба мақомоти дахлдор дастгирӣ ёбанд. Маҷмааи умумии СММ аз КОСММГ хоҳиш кард, ки ин вазифаро иҷро намояд.

### Дар бобати ҳалли ихтилофҳо (Моддаи 14)

Давлатҳои аҳдкунанда дар асоси аризаи яке аз тарафҳо метавонанд оид ба ихтилофҳо дар бобати тафсир ва татбиқи муқаррароти Конвентсия ба Суди байналмилалии СММ муроҷиат кунанд, агар ин ихтилофҳо бо дигар воситаҳо ҳалли худро наёбанд.

### Санади ниҳоӣ

Санади ниҳоӣ тавсия медиҳад, ки шахсони воқеан бешаҳрванд ба қадри имкон ҳамчун шахсони расман бешаҳрванд ҳисобида шаванд, то ин ки онҳо барои гирифтани шаҳрвандии мусоид имконият пайдо кунанд.

# Сабабҳои техникӣ

### Ихтилоф дар қонунҳо

Дар ҳолати дар ихтилоф будани қонунгузории як давлат оид ба шаҳрвандӣ бо қонунгузории давлати дигар дар бораи шаҳрвандӣ, ки метавонад худ боиси бидуни шаҳрвандии ҳардуи ин

давлатҳо мондани шахс гардад, мушкилӣ метавонад ба миён ояд. Конунгузорӣ дар ҳардуи ин давлатҳо метавонанд дуруст ва саҳеҳ таҳия шуда бошанд, аммо мушкилот дар марҳилаи татбиқи якҷояи онҳо ба вуқӯъ меояд. Масалан давлати А, ки дар ҳудуди он шахси марбут ба дунё омадааст, танҳо дар асоси мансубияти авлодӣ шаҳрвандӣ медиҳад, вале волидайни шахси марбут шаҳрванди давлати Б ҳастанд. Давлати Б аз тарафи дигар танҳо дар асоси макони таваллуд шаҳрвандӣ медиҳад ва тибқи қонунгузории он дар бораи шаҳрвандӣ кӯдакони шаҳрвандони давлате, ки дар хориҷа таваллуд шудаанд, на дар ҳамаи ҳолатҳо метавонанд шаҳрвандии онро гиранд. Ҳамин тариқ, шахси марбут бе шаҳрвандӣ боқи мемонад.

## Таклифҳо оид ба пешгирӣ кардани чунин мушкилиҳо:

- Чи тавре, ки дар Конвентсияи Гаага аз соли 1930 муқаррар шудааст, ҳар як давлат шаҳрвандони худро дар доираи қонуни худ муайян мекунад. Ин қонун, ки аз ҷониби дигар давлатҳо эътироф мегардад, бояд бо конвентсияҳои байналмилалӣ, анъанаҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ мутобиқат кунад. Бинобар ин, давлатҳо бояд оид ба маълумӯи нави қонунҳои миллӣ дар бораи шаҳрвандӣ ва татбиқи онҳо хабардор бошанд, то ин ки роҳҳои рафъи ихтилофҳои қонунии марбут ба масъалаи шаҳрвандиро донанд ва истифода кунанд. КОСММГ маълмӯаи қонунҳои миллӣ дар бораи шаҳрвандиро зери суроғаи зерин тартиб додааст: http://www.refworld.org/statelessness.html.
- Тибқи муқарраroти Конвентсияи соли 1961 шаҳрвандӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин дода шавад:
  - Аз таваллуд, дар асоси эътибори қонун ба шахсоне, ки дар ҳудуди давлат ба дунё омадаанд;
  - Дар асоси эътибори қонун, дар синну соли муайян ба шахсе, ки дар қаламрави давлат ба дунё омадааст ва ба талаботҳои қонунгузории миллӣ ҷавобгӯ аст;
  - Дар ҳолати ҷавобгӯ будан ба талабот, ба шахсоне, ки дар қаламрави давлат ба дунё омадаанд (чунин ариза метавонад як ё якчанд шартҳои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шаҳрвандӣ метавонад супорида шавад; талаботҳои махсуси истиқомат; надоштани доғи судӣ барои содир кардани ҷинояти мушаххасшуда; ва ё ҳамеша дар ҳолати бешаҳрвандӣ қарор доштани шахс);
  - Дар асоси мансубияти авлодӣ (нажод), ба шахсе, ки имконияти гирифтани шаҳрвандии давлати аҳдкунандаеро, ки дар қаламрави он ба дунё омадааст, бо сабаби синну сол ё ҷои истиқомат гирифта наметавонад (чунин ариза метавонад як ё якчанд шартҳои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шаҳрвандӣ метавонад супорида шавад; талаботҳои махсуси истиқомат; ва ё ҳамеша дар ҳолати бешаҳрвандӣ қарор доштани шахс);
  - Ба кӯдаки партофташудае, ки дар қаламрави давлати аҳдкунанда ёфт шудааст;
  - Аз таваллуд, дар асоси эътибори қонун ба шахсе, ки дар қаламрави дигар кишвар ба дунё омадааст, агар падар ё модари ӯ дар давраи таваллуд шаҳрванди давлати аҳдкунанда бошад;
  - Дар ҳолати ҷавобгӯ будан ба талаботҳо ва тибқи муқарроти қонунгузории миллӣ ба шахсе, ки дар қаламрави дигар кишвар ба дунё омадааст, агар падар ё модари ӯ дар давраи таваллуд шаҳрванди давлати аҳдкунанда бошад (чунин ариза метавонанд як ё якчанд шартҳои зеринро дар бар гирад: давраи мушаххасшудае, ки дар давоми он ариза барои гирифтани шаҳрвандӣ метавонад супорида шавад;

талаботњои махсуси истиќомат; надоштани доѓи судї барои содир кардани љиноят нисбати амнияти миллї; ва ё њамеша дар њолати бешањрвандї ќарор доштани шахс).

- Давлатњо њам љињатњои њуќуќ ба шањрвандї дар асоси мансубияти авлодї (принсипи хунї - *jus sanguinus*) ва њам њуќуќ ба шањрвандї дар асоси макони таваллудро (принсипи хокї - *jus soli*) дар ќонунгузории худ дар бораи шањрвандї барои муайян намудани гурўњи асосии шањрвандон ва додани шањрвандї аз таваллуд истифода мекунанд. Он давлатњое, ки шањрвандии мутаќобиларо эътироф намекунанд, бояд ба инсон барои интихоб кардани як шањрвандї аз љониби худи ў дар синни муайян, ё аз љониби падару модари ў имконият фароњам оранд.

## Ихтилоф дар ќонунњо дар робита ба масъалаи баромадан аз шањрвандї

Ќонунњои баъзе давлатњо дар бораи шањрвандї барои баромадан аз шањрвандии ин давлатњо бидуни ќаблан гирифтани шањрвандии дигар давлат ё пайдо намудани кафолат барои гирифтани он иљозат медињанд. Ин аксари ваќт боиси њолатњои бешањрвандї мегардад. Ихтилофи ќонунї метавонад дар њолате сар занад, ки як давлат барои баромадан аз шањрвандии он бидуни сараввал гирифтани шањрвандии дигар иљозат намедињад, ва давлати дигари дахлдор бошад ин шахсро то лањзаи баромадан аз шањрвандии аслиаш ба шањрвандии худ ќабул намекунад. Баъзан талаб карда мешавад, ки шахс аз шањрвандии давлат пеш аз супоридани ариза барои ќабул шудан ба шањрвандии давлати истиќомати худ барояд ва дар ин њолат ў то лањзаи ќабуд шудан ба шањрвандии дигар шахси бешањрванд мегардад.

### Таклифњо оид ба пешгирї кардани чунин мушкилї:

- Тибќи Конвентсияи соли 1961 мањрумшавї ва баромадан аз шањрвандї бояд ба шарти ќабул шудан ба шањрвандии дигар ё мављуд будани кафолат барои ќабул шудан ба шањрвандии дигар давлат сурат гирад.
- Ќонунгузорї дар бораи шањрвандї бояд муќаррар кунад, ки ягон шањрванд наметавонад пеш аз ќабул шудан ба шањрвандии дигар давлат ё гирифтани кафолати расмї ва хаттї аз маќомоти дахлдор оид ба ќабул шудани ў ба шањрвандии дигар давлат аз шањрвандии давлати аслии худ барояд.
- Конвентсияи соли 1961 њолати истисноиро барои мањрумшавї ва баромадан аз шањрвандї, ки боиси шахси бешањрванд шудан мегардад дар робита бо ќазияи шахсони љойгиркунонидашудае (тобеиятёфтае), ки бар хилофи огоњї оид ба расмият ва муддати муќарраршуда, дар давоми якчанд сол паињам дар хориља истиќомат мекунанд ва хоњиши нигоњ доштани шањрвандї иброз намекунанд, пешбинї мекунад. Шахси љойгиркунонидашуда (тобеиятёфта) дар ин њолат шахсе мебошад, ки тавассути ариза ба давлати дахлдори ањдкунанда ба шањрвандии он ќабул шудааст, гарчанде, ки ин давлат метавонист аризаи ўро рад кунад. Мањрумшавї аз шањрвандї танњо мувофиќи ќонун сурат мегирад ва бояд бо кафолатњои мурофиавї, ба мисли њуќуќ ба мурофиаи одилона аз љониби суд ё дигар маќомоти мустаќил, пешбинї гардад.

- Баъзе давлатҳо муқарроте пешбинӣ кардаанд, ки барои барқарор кардани мансубият ба шаҳрвандии онҳо дар ҳолати маҳрумшавии шахси марбут аз шаҳрвандии дигар давлат ё қабул нашудани ӯ ба шаҳрвандии дигар иҷозат медиҳад.
- Қонунгузории давлатҳое, ки шаҳрвандии мутақобила ва бисёршаҳрвандиро эътироф намекунанд, бояд дар ҳолатҳои имконнопазир будани он талаботи аз шаҳрвандии дигар давлат баромаданро, ки ҳамчун шарти асосӣ барои қабул шудан ба шаҳрвандӣ ё нигоҳ доштани мансубияти шаҳрванди ин давлат муқаррар шудааст, истисно кунанд. Масалан, гурезоҳо набояд талаб карда шаванд, ки барои баромадан аз шаҳрвандии давлати аслии худ ба онҷо баргарданд ё ба мақомоти он муроҷиат кунанд.

### Таҷрибаи беҳтарин: Федератсияи Россия

Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ боиси шахсони бешаҳрванд гардидани миллионҳо нафар одамон шуд. Дар Федератсияи Россия қоидаҳои дар асоси Қонуни федералии соли 1991 дар бораи шаҳрвандӣ таҳия гардида мӯҳлати муайянеро муқаррар карданд, ки дар давоми он шахсони ба таври доимӣ дар қаламрави Федератсияи Россия истиқоматкунанда тавонистанд ба шаҳрвандии Россия қабул шаванд. Тибқи ин дастур шахсоне, ки истиқомати доимии худро дар Федератсияи Россия исбот карда натавонистанд барои қабул шудан ба шаҳрвандии Россия ҳуқуқ пайдо накарданд.

То охири даҳаи солҳои 1990-ум қисми зиёди шаҳрвандони собиқ Шӯравӣ дар Федератсияи Россия барои муайян намудани вазъи шаҳрвандии худ дар он ҷо ё дар дигар давлатҳое, ки онҳо робита доштанд, тадбирҳо наандешиданд. Баъзеи онҳо худ аз худ шаҳрванди давлатҳои нав мустақилшуда гардиданд, баъзан бе хабардор кардани худи шахсони марбут, ва қисми дигар аз сабаби ҷавобгӯ набудани вазъи шахсии худ барои шаҳрвандии ягон давлат ҳамчун шахси бешаҳрванд боқӣ монданд.

Боназардошти он, ки вазъи ҳуқуқии бисёре аз шаҳрвандони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Федератсияи Россия муайян нагардида буд, ҳукумати Россия ислоҳоти қонуни соли 1991 дар бораи шаҳрвандиро гузаронид. Қонуни нави Федератсияи Россия дар бораи шаҳрвандӣ 1 июли соли 2002 (минбаъд Қонуни соли 2002 бар бораи шаҳрвандӣ) мавриди амал қарор дода шуд ва тағйиру иловаҳои минбаъдаи ба он барои осонкунии қабул шудани шаҳрвандони собиқ шӯравӣ, ки дар ҳудуди ин кишвар истиқомат мекунанд ба шаҳрвандии Федератсияи Россия соли 2003 қабул гардиданд.

Муқаррароти асосие, ки боиси коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ гардид чораи муваққатӣ барои осонкунии қабул шудан ба шаҳрвандии Россия тавассути ҷойгиркунонии (тобеият ёфтани) шаҳрвандони собиқ шӯравӣ дар асоси иҷозати истиқомати доимӣ ё муваққатии онҳо буд. Ин тартибот талаботҳоеро, ки ба онҳо шаҳрвандони собиқ шуравие, ки бо вазъи номаълуми шаҳрвандӣ дар Федератсияи Россия истиқомат мекарданд, наметавонистанд ҷавобгӯ бошанд, аз ҷумла исботи истиқомати пайдарҳам дар давоми 5 соли охир, далел оид ба воситаҳои даромад ва дониши хуби забони русӣ, аз байн бардошт. Аризасупорандагон инчунин аз пардохти ҷойгиркунонӣ (тобеият ёфтан) озод карда шуданд. Дар давоми шаш соле, ки ин тартибот мавриди амал қарор гирифт,дар маҷмӯъ 2,679,225 нафар одамон ба шаҳрвандии Россия ба воситаи ҷойгиркунонӣ (тобеият ёфтан) қабул гардиданд ва аз байни онҳо 575,044 шахсони бешаҳрванд буданд. Ин яке аз таҷрибаҳои беҳтарин дар самти коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ дар даҳаи гузашта ба ҳисоб меравад.

Дар идомаи ин ислоњот соли 2012 њукумати Россия таѓйиру иловањои нав барои осон кунии љойгиркунонии (тобеият ёфтани) шахсоне, ки новобаста аз ислоњотњои ќаблї дар њолати бешањрвандї боќї монданд, ќабул кард. Ин иловањо талаботи пешнињод намудани исботи ќайди сукунати доимиро истисно кард. Ба ѓайр аз ин, љойгиркунонии (тобеият ёфтани) осонкардашуда тибќи таѓйиру иловањои соли 2012 инчунин шањрвандони собиќ шўравиеро, ки сохиби шиносномаи Федератсияи Россия гардиданд, вале баъдан шиносномаи онњо бо муайян шудани он, ки шиноснома аз сабаби хатогии маъмурии дода шудааст, аз эътибор соќит карда шуд, дар бар гирифт.

## Ќонуњо ва амалњое, ки хусусан ба кўдакон дахл доранд

Чи тавре дар ПБЊГС ва КЊК омадааст, њар як кўдак новобаста аз љои таваллуд ва вазъи њуќуќи падару модари ў бояд аз лањзаи таваллуд бетаъхир аз љониби маќомоти кишвари таваллуд ба ќайд гирифта шавад. Њар як кўдак ба гирифтани шањрвандї њуќуќ дорад. Шањрвандии кўдак тибќи ќонунњои давлати дахлдор муќаррар мегардад ва њама давлатњо маълумот оид ба дар куљо ва аз кї таваллуд шудани кўдак талаб мекунанд. Бидуни исботи таваллуд, яъне бе ќайди эътирофшудаи таваллуд, муайян кардани шахсияти кўдак (аз љумла дар куљо таваллуд шудан ва кї будани падару модари ў) ва ба ин тариќ сохиб шудан ба шањрвандї метавонад мушкил гардад.

### Барои пешгирии ин мушкилот:

- Давлатњо бояд маќомоти дахлдори мањаллиро бо воситањои лозимї таъмин кунанд, то ин ки баќайдгирии таваллуд ба таври муттасил ва тибќи Моддаи 7 КЊК ва Моддаи 24 ПБЊГС сурат гирад. Дастгирии љомеаи љањонї, хусусан тавассути Хазинаи кўдакони СММ (минбаъд ХКСММ) вобаста аз зарурат метавонад дархост карда шавад.
- Дар рафти баќайдгирии таваллуд давлатњо бояд њолатњои шањрвандии ихтилофнокро муайян кунанд ва дар њолати вуљуд доштани эњтимолияти бешањрванд шудани кўдак ўро ба шањрвандии худ ќабул намоянд. Муќарраротї дахлдори Конвентсияи соли 1961 бояд ба ќонунгузории миллї ворид карда шавад. Ин муќаррарот бояд њатто ба ќонунгузории миллии давлатњое, ки ба Конвентсияи соли 1961 њамроњ нашудаанд, ворид карда шаванд.
- Хусусан, давлатњо бояд дар ќонунгузории худ меъёр барои сохиб шудан ба шањрвандї барои кўдаконе, ки дар њудуди онњо ба дунё омадаанд ва дар акси њол метавонанд шахси бешањрванд шаванд, пешбинї кунанд. Дар њолатњои набудани имконият (барои кўдак) барои гирифтани шањрвандии волидайни хориљї, чунин муќаррарот метавонад пешгирии њолатњои бешањрвандиро таъмин намояд.

Дар бисёри давлатњо занњо њуќуќи ба фарзандон додани шањрвандии худро надоранд. Дар њолатњои шахси бешањрванд ё номаълум будани падар ва ё имконияти ба фарзанд додани шањрвандии худро надоштани ў, ин метавонад боиси њолатњои бешањрвандї гардад.

### Таклифњо оид ба пешгирї кардани ин мушкилот:

- Тибќи Конвентсияи соли 1957 оид ба шањрвандии занони издивољкарда ( минбаъд КШЗИ) ва КБТНЗ, занон њуќуќњои баробар бо мардњо дар масъалаи шањрвандии кўдакони онњо доранд. Бо татбиќи ин принсипњо ќонунгузории миллї дар бораи шањрвандї метавонад табъиз нисбати занон ва эњтимоли бешањрванд шудани кўдаконро пешгирї намояд.

- Давлатҳо бояд принсипи табъиз нашудан дар асоси ҷинсиятро дар қонунҳои миллӣ дар бораи шаҳрвандӣ пешбинӣ кунанд.

Соли 2010 Кения Сарқонуни нав қабул кард, ки он ба доираи васеи соҳаҳо, аз ҷумла масъалаҳои шаҳрвандӣ ислоҳот ворид намуд. Сарқонуни нав ва Қонун дар бораи шаҳрвандӣ ва муҳоҷират як қатор кафолатҳои муҳимро барои пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандӣ, аз ҷумла муқаррарот оид ба додани шаҳрвандӣ ба кӯдакони партофташуда, пешбинӣ менамоянд. Инчунин, ин санадҳои ҳуқуқӣ баробарии зану мардро дар робита ба ҳамаи масъалаҳои шаҳрвандӣ таъмин менамоянд.

Кӯдакони ятиммонда ва бепарастор аксари вақт шаҳрвандии тасдиқгардида надоранд. Кӯдакони бе никоҳ ба дунёомада инчунин метавонанд аз соҳиб шудан ба шаҳрвандӣ маҳрум гарданд.

Барои пешгирӣ намудани ин мушкилот:

- Кӯдакони партофташудае, ки дар ҳудуди давлат ёфт мешаванд бояд соҳиби шаҳрвандии ҳамон давлат шаванд. Ин меъёр дар қонунгузории бисёр давлатҳо оид ба шаҳрвандӣ ва санадҳои байналмилалии марбут ба масъалаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла Конвентсияи соли 1961, пешбинӣ шудааст.
- Меъёрҳое, ки дар аҳдномаҳои ҳуқуқи инсон оид ба табъиз накардани кӯдакони боникоҳ ва беникоҳ ба дунё омада, муқаррар гардидаанд бояд мавриди татбиқ карор дода шаванд (ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад дар баъзе ҳолатҳо муносибати гуногунро нисбат ба онҳо пешбинӣ намояд).
- Дар муайян намудани шаҳрвандии кӯдак манфиати беҳтарини ӯ бояд ҳамеша дар мадди аввал истад.

Таҷрибаи фарзандхонӣ дар баъзе кишварҳо метавонад боиси бешаҳрвандӣ гардад, масалан, агар кӯдакон имконияти гирифтани шаҳрвандии падархонд ё модархонди худро надошта бошанд.

Барои пешгирӣ намудани ин мушкилот:

- Давлатҳо бояд дар қонунгузории худ эътироф шудани фарзандхонии дар хориҷа тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ сурат гирифтаро дар доираи қонунҳои миллӣ пешбинӣ намоянд. Конвентсияи аврупоии соли 1967 оид ба фарзандхонӣ аз давлатҳо даъват ба амал меорад, ки барои ба шаҳрвандии худ қабул шудани фарзандҳои хондаи шаҳрвандони худ мусоидат намоянд.

### Тартиботи маъмурӣ

Масъалаҳои зиёди маъмурӣ ва коргузорӣ дар робита бо соҳиб шудан, барқарор кардан, маҳрум гардидан ва маҳрумшавӣ аз шаҳрвандӣ ба чашм мерасанд. Ҳатто агар шахс барои супоридани ариза барои қабул шудан ба шаҳрвандии давлат ҳуқуқ дошта бошад, пардохтҳои барзиёди маъмурӣ, муайян намудани мӯҳлати беасос кӯтоҳ барои супоридани ҳуҷҷатҳо, ва ё надоштани имконияти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дархостшуда аз сабаби дар давлати шаҳрвандии қаблӣ воқеъ будани онҳо ва дигар ҳолатҳои маъмурии ба инҳо монанд метавонанд барои қабул шудани аризасупоранда ба шаҳрвандии давлат монеа эҷод кунанд. Чунин монеаҳо метавонанд ҳамчунин

дар гирифтани њуљљатњои тасдиќкунандаи шахсият, ба монанда шањодатномаи шахсї, шањодатнома оид ба шањрвандї ё шиноснома, барои шахсоне, ки худ ба худ соњиби шањрвандї гардидаанд ва ин њуљљатњо барои исбот кардани шањрвандии онњо заруранд, мушкилї эљод кунанд.

Таклифњо оид ба пешгирї намудани ин мушкилот:

- Аризањо оид ба ќабул шудан ба шањрвандии давлат, нигоњ доштани шањрвандї, мањрумшавї аз шањрвандї, барќароркунии шањрвандї ё гирифтани шањодатномаи шањрвандї бояд дар муддати асоснокшуда ва ќобили ќабул баррасї шаванд. Тартиботи коргузорї бояд ба ќадри имкон содда ва ба њамагон маълум бошад.
- Ба ќайд гирифтани соњиб шудан ва ё мањрумшавии худ ба худ (*ex lege*) аз шањрвандї, аз љумла дар мавриди ташаккулёбии давлатњои вориси њуќуќї нисбат ба сокинони доимї, набояд гувоњии хаттиро талаб кунад, гарчанде ба давлатњо дар маљмўъ тавсия дода мешавад, ки сабти хаттии њамаи ќарорњои худро оид ба шањрвандї нигоњ доранд.
- Пардохтњо барои ќабул шудан ба шањрвандии давлат, нигоњ доштани шањрвандї, мањрумшавї аз шањрвандї, барќароркунии шањрвандї ё гирифтани шањодатномаи шањрвандї, ва азназаргузаронињои маъмурї ва судї, ба мисли талаботњо барои њуљљатњо,бояд ба дараљаи ќобили ќабул бошанд.

## Ќонунњо ва амалњое, ки хусусан ба занон дахл доранд

Дар баъзе давлатњо маќоми шањрвандии зан дар њолати бо шањрванди дигар давлат издивољ кардани ў худ аз худ таѓйир меёбад. Агар зан худ ба худ ба шањрвандии давлати шавњари худ ќабул нагардад ё шавњари ў шахси бешањрванд бошад, дар ин њолат зан метавонад худ шахси бешањрванд шавад.

Дар њолати гирифтани шањрвандии шавњари худ ва вайрон шудани оила пас аз он, ки дар натиља боиси аз даст додани шањрвандии соњибшудаи зан мегардад ва њамзамон шањрвандии аслии ў дар ин маврид худ аз худ барќарор намешавад, зан метавонад инчунин ба шахси бешањрванд тадбил ёбад.

Таклифњо оид ба пешгирї намудани ин мушкилот:

- КБТНЗ ба занон ҳуқуқи баробар бо мардонро нисбати гирифтан, таѓйир додан ё нигоҳ доштани шаҳрвандии онҳо пешбинї мекунад. Тибќи принсипњои дар ин Конвентсия муќарраршуда вазъи шањрвандии шавњар боиси худ аз худ таѓйир ёфтани шаҳрвандии зан намегардад, ӯро ба шахси бешаҳрванд табдил намедиҳад ва наметавонад ӯро маҷбур созад, ки шаҳрвандии шаҳвари худро қабул кунад.
- Давлатњое, ки дар њудуди онњо занњо њуќуќи баробар бо мардон надоранд ва бо бастани аќди никоњ занњо метавонанд аз шањрвандї худ аз худ мањрум шаванд, ё ин ки занњо баробари аќди никоњ бояд аз шањрвандии давлати аслии худ бароянд, бояд дар ќонунгузории худ оид ба шањрвандї имконияти худ аз худ ќабул шудани занњое, ки никоњашон вайрон шудааст, ба шањрвандии давлати ќаблї тавассути як изњороти оддиро пешбинї намоянд.

## Худ ба худ мањрумшавї аз шањрвандї

Баъзе давлатҳо шаҳрвандии шахсеро, ки ҳудуди онҳоро тарк мекунад ё дар хориҷа истиқомат мекунад худ ба худ аз эътибор соқит мекунанд. Бекор кардани шаҳрвандӣ, ки метавонад танҳо якчанд моҳ пас аз тарк кардани давлат сурат гирад, аксари вақт натиҷаи коргузории нодурусти маъмурие мегардад, ки дар доираи он шахси марбут оид ба хавфи маҳрумшавӣ аз шаҳрвандӣ дар ҳолати мунтазам дар мақомоти давлатӣ сабти ном нашудан хабардор карда нашудааст. Агар шахси марбут шаҳрванди ҷойгиркунонидашуда (тобеиятёфта) бошад ва дар ҳудуди давлат таваллуд наёфта ё ин ки дар асоси мансубияти авлодӣ соҳиби ин шаҳрвандӣ нагардида бошад, ҳатто бақайдгирии мунтазам барои бекор карда нашудани шаҳрвандии ӯ кифоя буда наметавонад. Ҳолати бешаҳрвандӣ аксари вақт натиҷаи бевоситаи чунин коргузориҳо мегардад.

Таклифҳо оид ба пешгирӣ намудани ин мушкилот:

- Моддаи 7(3) Конвенсияи соли 1961 муқаррар мекунад, ки шахс наметавонад аз шаҳрвандии худ бо сабабҳои сафар, истиқомат дар хориҷа, худро сабти ном карда натавонистан ва дигар сабабҳои ба инҳо монанд маҳрум шавад ва ҳамин тариқ ба шахси бешаҳрванд табдил ёбад. Конвенсияи мазкур ҳолатҳои истисноиро дар татбиқи ин принсип нисбат ба шаҳрвандони ҷойгиркунонидашудае (тобеиятёфтае), ки берун аз кишвар дар давоми ҳафт соли пайдарҳам истиқомат мекунанд, пешбинӣ менамояд. Чунин шахсон бояд хоҳиши нигоҳ доштани шаҳрвандии худро, масалан ба воситаи нав кардани шиносномаи худ, ба мақомоти дахлдор изҳор намоянд. Ҳамин тариқ, давлатҳо шаҳрвандони ҷойгиркунонидашударо (тобеиятёфтаро) оид ба ин сиёсат ҳам дар дохили марзи худ ва ҳам дар хориҷа тавассути намояндагиҳои консулии худ бояд хабардор кунанд.
- Санадҳои нисбатан нави байналмилалӣ, ба монанди КАШ, ба давлатҳо иҷозат намедиҳанд, ки дар заминаи истиқомати доимӣ дар хориҷа шахсро аз шаҳрвандӣ маҳрум созанд, агар чунин маҳрумсозӣ боиси табдил ёфтани ӯ ба шахси башаҳрванд гардад.

## Сабабҳои марбут ба ташаккулёбии ворисии ҳуқуқии давлатҳо

### Тағйири марз ё истиқлолият

Гарчанде ин масъала танҳо қисман дар санадҳо ва меъёрҳои алоҳидаи байналмилалӣ баррасӣ мешавад, аз як давлат ба дигар давлат гузаштани ҳудуд ё ба даст омадани истиқлолият сабаби деринаи ҳолатҳои бешаҳрвандӣ мебошад. Дар ҳолати ба вуқӯъ омадани тағйироти ҷиддии марзӣ ё тағйирот дар самти амалкарди истиқлолият, масалан ҳангоми ба даст овардани истиқлолият аз давлати мустамликавӣ, баъд аз барҳам хӯрдани давлат агар давлат (ё давлатҳои) нав ворисӣ ҳуқуқии давлати барҳамхӯрда бошад, ё ҷудо шудани як қисми давлат баҳри таъсиси давлати дигар қонунҳои миллӣ ва татбиқи онҳо ҳатман тағйир меёбанд. Ҳар яки ин ҳодисаҳо метавонанд боиси қабули қонуни нав дар бораи шаҳрвандӣ ва ё қоидаҳои маъмурии нав дар ин соҳа гардад. Шахсоне, ки тибқи қонунгузории нав ва ё дар заминаи қоидаҳои нави маъмурӣ шаҳрвандӣ гирифта наметавонанд ё қабули онҳо ба шаҳрвандӣ дар асоси тафсири нави қонунҳо ва қоидаҳои қаблан амалкунанда рад карда мешаванд, метавонанд дар ин ҳолатҳо ба шахси бешаҳрванд табдил ёбанд.

Таклифҳо оид ба пешгирӣ намудани ин мушкилот:

- Моддаи 10 Конвенсияи соли 1961 муқаррар мекунад, ки давлатҳои аъзо бояд тадбирҳои заруриро барои пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандӣ дар натиҷаи тағйири марз андешанд. Давлатҳо бояд шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибае ба имзо расонанд, ки ба вуқӯъ

наомадани њолатњои шањрвандиро дар натиљаи чунин таѓйирот пешбинї менамоянд. Дар мавриди баста нашудани ягон шартнома, давлати (давлатњои) дахлдор бояд онњоеро, ки дар акси њол ба шахси бешањрванд табдил мегарданд, ба шањрвандї ќабул намоянд.

- Дар амал ањолї умуман бо њудуд пайваста аст; аммо баъзе шартномањои байналмилалї, муќаррароти конститутсионї ва ќонунгузории миллї инчунин њуќуќи интихоби шањрвандиро аз байни давлатњои ворис пешбинї мекунанд.
- Шартномањои њуќуќи марос метавонанд муќаррарот дар бораи оќибатњои барњамхўрї ё људошавии давлатњо барои шањрвандиро низ дар бар гиранд.
- Дар љавоби худ оид ба зарурати тањия ва ба низом даровардани њуќуќи байналмилалї оид ба шањрвандї дар робита ба ташаккулёбии давлатњои ворисии њуќуќї, КЊБ-и СММ моддањоеро дар ин бобат тањия намуд, ки њамчун замима ба Ќатъномаи Маљмааи Умумии СММ 55/153 аз соли 2001 омадаанд. Ин моддањо муќаррар мекунанд, ки:

  - њамаи давлатњо бояд тадбирњои заруриро бањри дар натиљаи ворисии њуќуќї будани давлат ба шахсони бешањрванд табдил нагардидани њамаи шахсони дар рўзи ташаккулёбии маросии давлат шањрванди давлати собиќ буда, андешанд;

  - шахсе, ки љои зисти доимии ў дар њудуде, ки ба ташаккулёбии меросии давлат дар бар гирифта шудааст, љойгир шуда буд, бояд ба шањрвандии давлати ворисии њуќуќї аз рўзи ташаккулёбии он ќабул гардад;

  - давлати ворис набояд шахсонеро, љои зисти доимии онњо дар марзи дигар давлат ќарор дошт бар хилофи хоњиши онњо ба шањрвандии худ ќабул кунад, агар дар акси њол шахсони марбут ба шахсони бешањрванд табдил нагарданд;

  - дар њолати имконияти ба шањрвандии ду ё зиёда давлатњо ќабул шудан доштани шахсони дахлдор, давлатњои марбут бояд хоњиши онњоро ба инобат гиранд.

  Њар як давлати дахлдор ба шахсоне, ки бо он робитаи муносиб дорад њуќуќи интихоб кардани шањрвандии ин давлатро таъмин менамояд, агар дар акси њол ин шахсон ба шахсони бешањрванд табдил нагарданд; ва

  - давлатњои дахлдор набояд њуќуќи шахсони марбутро ба нигоњ доштан ё ќабул гардидан ба шахрвандї ва ё њуќуќи онњо ба интихоби шањрвандиро дар асоси ягон шакли табъиз рад кунанд.
- Ба КАШ ва Конвентсияи Шўрои Аврупо оид ба пешгирии њолатњои бешањрвандї аз соли 2006 (Конвентсияи ША) бархе аз муќаррароти Конвентсияи соли 1961 ва аксари меъёрњое, ки дар моддањои КЊБ омадаанд, ворид карда шудаанд. Дар КАШ як боби алоњида ба масъалаи ташаккулёбии ворисии њуќуќии давлатњо бахшида шудааст, ки дар он чор принсипи асоси пешбинї мешавад:

  - робита байни шахси дахлдор ва давлат;
  - љои зисти доимии шахси дахлдор дар давраи ташаккулёбии ворисии њуќуќии давлатњо;
  - хоњиши шахси дахлдор; ва
  - мансубияти њудудии шахси дахлдор.

Ба ѓайр аз ин КАШ муќаррар мекунад, ки шахсоне ки шањрванди давлати собиќ нестанд, вале дар њудуде, ки ба давлати ворисии њуќуќї гузаштааст љои зисти доимї доранд ва ба шањрвандии давлати ворисии њуќуќї ќабул нагардидаанд, бояд њуќуќи дар њудуди ин давлат истоданро дошта бошанд ва аз њуќуќњои иљтимої ва иќтисодии якхела бо њуќуќњои шањрвандони ин давлат истифода кунанд.

- Конвентсияи Шӯрои Аврупо қоидаҳои алоҳидаро дар бораи овардани далел (тасдиқнома) дар робита ба ҷараёни қабул ба шаҳрвандӣ (Моддаи 8) барои ҳолатҳои ташаккулёбии вориси ҳуқуқии давлатҳо пешбинӣ мекунад:

  *«Давлати ворис талаботҳои стандартии худро оид ба пешниҳод намудани далели (тасдиқномаи) ҳолатҳое, ки барои қабул кардан ба шаҳрвандӣ заруранд, нисбат ба шахсоне, ки дар акси ҳол аз сабаби ташаккулёбии меросии давлат ба шахси бешаҳрванд табдил ёфтаанд ва дар ҳолатҳое, ки ҷавобгӯ будан ба ин талаботҳо барои чунин шахсон асос надорад, истифода намекунад.*

  *Давлати ворис далел оид ба надоштани шаҳрвандии дигар давлатро пеш аз қабул шудани шахсоне, ки дар давраи ташаккулёбии меросии он ҷои зисти доимиашон дар ҳудуди ин давлат ҷойгир буд ва шахсоне, ки дар натиҷаи ташаккулёбии меросӣ ба шахси бешаҳрванд табдил гардиданд ё метавонанд табдил гарданд, ба шаҳрвандии он талаб намекунад».*

Банди якуми Моддаи 8 ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки дар онҳо қонеъ гардонидани талаботҳои стандартӣ оид ба пешниҳод намудани далелҳо барои иҷро кардани шартҳои қабул шудан ба шаҳрвандӣ имконнопазир ё хеле душвор аст. Дар баъзе ҳолатҳо, масалан ҳангоми нобуд шудани бойгонии мақомоти қайди ақди никоҳ, пешниҳод кардани далели ҳуҷҷатӣ оид ба мансубияти авлодӣ барои шахс метавонад имконнопазир бошад. Ё нисбати ба қайд гирифтани нашудани ҷои зист овардани далели ҳуҷҷатӣ оид ба ҷои зист метавонад имконпазир набошад. Ин муқаррарот инчунин он ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки пешкаш намудани далел имконпазир аст, вале метавонад ба манфиати кор набошад, масалан, агар пешкаш намудани далели ҳуҷҷатӣ шахсро зери хатар қарор диҳад. Ҳолатҳое, ки барои овардани далел мушкилӣ эҷод мекунанад на ҳама вақт бо вориси ҳуқуқӣ гаштани давлатҳо алоқамананд. Чунин ҳолатҳо метавонанд натиҷаи вазъе, ки пеш ё баъд аз вориси ҳуқуқӣ гаштани давлатҳо ба вуҷуд меояд, масалан дар ҳолати нобуд карда шудани бойгонии мақомоти қайди ақди никоҳ ё надодани ҳуҷҷатҳои муҳим ба қишри муайяни аҳолӣ дар давраи ҳукмронии ҳукумати/давлати қаблӣ, ба вуқӯъ пайванданд. Дар ҳамаи чунин ҳолатҳо, эҳтимолияти баланди исботшавӣ ва ё додани гувоҳии беғараз барои ба шартҳои қабул шудан ба шаҳрвандии давлати вориси ҳуқуқӣ ҷавобгӯ будан бояд кифоя бошанд.

Банди дуюми Моддаи 8 танҳо ба он ҳолатҳое таааллуқ дорад, ки ҳама шаҳрвандони давлати собиқ дар натиҷаи аз байн рафтан ва барҳам хӯрдан ин давлат аз шаҳрвандӣ маҳрум мешаванд. Агар давлати вориси ҳуқуқӣ тадбирҳо баҳри пешгирӣ ва коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ андешад, он метавонад аз шахси дахлдор оид ба шаҳрвандии дигар давлат қабул нашудан ва ё шахси бешаҳрванд будани ӯ далел талаб кунад. Талаботи исбот кардани ба шаҳрвандии дигар давлат қабул нашудан ва ё шахси бешаҳрванд будан аз сатҳи ҳамкории дигар давлатҳо дар ин сатм вобастагӣ дорад ва аз ин сабаб аксари вақт имконнопазир аст. Агар эҳтимолияти шахси бешаҳрванд шудани шахси дахлдор дар натиҷаи вориси ҳуқуқӣ гаштани давлатҳо вуҷуд дошта бошад, давлати вориси ҳуқуқӣ набояд далел оид ба қабул нашудани ӯ ба шаҳрвандии дигар давлат ва ё шахси бешаҳрванд будан ӯ талаб кунад. Ин меъёр ба фикри аксар оид ба он, ки пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандӣ масъалаи аввалиндараҷа барои ҷомеаи ҷаҳонист ва, ҳамзамон, қабул ё рад кардани бисёршаҳрвандӣ дар ихтиёри ҳар як давлат мебошад, асос меёбад.

Ин муқаррарот барои ҳамкории давлате, ки хоҳиши коҳиш додани шумораи шахсони бисёршаҳрванд дар ҳудуди худ аст бо дигар давлатҳо ва мубодилаи маълумот оид ба қабул шудан ба шаҳрвандӣ ва маҳрумшавӣ аз шаҳрвандӣ монеа эҷод намекунад. Ҳолатҳои бисёршаҳрвандӣ метавонанд бо татбиқ намудани муқаррароти Конвентсияи Гаага оид ба баъзе ҷиҳатҳои ихтилоф

дар ќонунњои шањрвандї (соли 1930) дар бораи эътироф нашудани шањрвандии дигар давлат ва муќаррароти Моддаи 7.1. КАШ, ки имконияти мањрумшавии худ ба худ аз шањрвандї дар њолати ихтиёран ќабул шудани шахс ба шањрвандии дигар давлатро пешбинї мекунад, пешгирї карда шаванд. Давлат инчунин метавонад аз шахси дахлдор оид ба надоштани шањрвандии дигар давлат ва ќабул нашудан ба шањрвандии дигар давлат изњороти хаттї талаб кунад. Чунин изњорот ба давлат имконият медињад, ки њангоми дертар муайян гардидани бардурўѓ будани он, шахси марбутро аз шањрвандии худ мањрум созад.

# Наќши Комиссари Олии Созмони Милали Муттањид оид ба гурезагон



Гарчанде ин марди миллаташ кореягии бешањрванде, ки соли 1993 аз Узбекистон ба Украина кўч кардааст бо зани украинї беш аз дањ сол њаёт ба сар мебарад, ў то њол аќди никоњи онњоро ба ќайд гирифта наметавонад.

© КОСММГ/ Грег Константин, 2010

КОСММГ аз оғози фаъолияти худ соли 1950 инљониб бо масъалањои бешањрвандї ва шахсони бешањрванд кор мегирад. Ин ташкилот барои њимояи гурезагон ва мусоидат ба њалли вазъи онњо аз љониби Созмони Милали Муттањид ваколатдор шудааст. Бисёри гурезагоне, ки аз тарафи ин ташкилот дар давоми солњо дастгирї ёфтаанд шахсони бешањрванд буданд. Воќеан дар давоми якчанд дањсолаи гузашта робита байни мањрумшавї аз њимояи давлатї ва рад гардидани он ва мањрумшавї аз шањрвандї ва рад гардидани ќабул ба шањрвандї тавассути чунин фаъолият хуб ташкил карда шуд. Имрўз дар маљмўъ эътироф шудааст, ки доштани шањрвандї ва имконияти истифода бурдани њуќуќњои барои шањрванд пешбинишуда барои пешгирї кардани кўчонидани ѓайриихтиёрї ва иљбории одамон мусоидат мекунад. Аз соли 1995 ин љониб ба ташкилоти мазкур ваколати бештар аз љониби Маљмааи Умумии СММ дода шуда, вазифањои марбут ба шахсони бешањрванди маќоми гуреза надошта ва пешгирї ва коњиши њолатњои бешањрвандї дар умум ба ваколати (мандати) ў илова гардиданд. Ќатъномањои дахлдори Маљмааи Умумї хусусияти умумї дошта, фаъолияти КОСММГ-ро танњо дар њудуди давлатњои аъзо ба конвентсияњо оид ба бешањрвандї мањдуд намекунанд.

### Чї тавр КОСММГ ба самти масъалањои бешањрвандї љалб гардид?

Бо мурури солњо наќши КОСММГ дар муносибат ба коњиши њолатњои бешањрвандї ва дастгирии шахсони бешањрванд меафзояд. Барои фаъолият дар ин соња он тибќи ќатъномањои Маљмааи Умумии СММ ва тавсияњои маќоми иљроияи худи ташкилот, Кумитаи иљроияи Барномаи Комиссари Олї (минбаъд КИКом.) ваколатдор шудааст. КИКом аз намояндагони давлатњое (87 давлат дар моњи январи соли 2014) иборат аст, ки дар асоси хоњиши онњо барои њал кардани масъалањои гурезагон аз тарафи ШИИ интихоб гардидаанд.

Моддаи 11 Конвентсияи соли 1961 таъсиси «маќомеро пешбинї менамояд, ки шахсони манфиатгирандаи Конвентсия метавонанд ба он барои азназаргузаронии аризаи худ мурољиат кунанд ва дар супоридани аризаи худ ба маќомоти дахлдор дасгирї ёбанд». Ваќте ин Конвентсияи соли 1975 мавриди амал ќарор дода шуд, Маљмааи Умумии СММ аз КОСММГ хоњиш намуд, ки наќши чунин маќомро иљро кунад. Бо назардошти ин ва эњтиром ба Конвентсияи соли 1954 Хулосањои КИКом №106 аз соли 2006, ки аз тарафи Маљмааи Умумии СММ дастгирї ёфтанд, аз КОСММГ даъват ба амал меорад, ки он «бо маќсади татбиќи муттасили муќаррароти Конвентсияи соли 1954 ба давлатњои аъзо машварати техникї оид ба он таъмин намояд».

Соли 1995 КИКом доираи фарогири ќоидањо оид ба масъалаи бешањрвандї ќабул намуд, ки дар Хулосањо оид ба пешгирї ва коњиши њолатњои бешањрвандї ва њимояи шахсони бешањрванд (минбаъд Хулосањои № 78) ифода гардиданд. Хулосањои мазкури КИКом оид ба њолатњои бешањрвандї «аз номи шахсони бешањрванд аз КОСММГ даъват ба амал овард, ки он фаъолияти худро идома дињад» ва њамзамон «аз КОСММГ талаб кард, ки њамроњшавї ба Конвентсияи соли 1954 оид ба маќоми шахсони бешањрванд ва Конвентсияи соли 1961 оид ба коњиши њолатњои бешањрвандиро фаъолона ташвиќу тарѓиб намояд». Хулосањои мазкури КИКом инчунин КОСММГ-ро бо «мусоидат ба пешгирї ва коњиши њолатњои бешањрвандї тавассути пањн кардани маълумот ва омўзонидани кормандон ва мансабдорони давлатї ва рушди њамкорї бо дигар ташкилотњои манфиатдор» вазифадор менамояд.

Соли 1996 Маљмааи Умумии СММ Ќатъномаеро (A/RES/50/152) ќабул намуд, ки инчунин Комиссари Олиро аз номи шахсони бешањрванд барои идома додани фаъолияти худ ва мусоидат ба татбиќи Конвентсияњои солњои 1954 ва 1961 даъват намуд.

Ќатъномаи мазкур КОСММ-ро бо «таъмини кўмаки техникї ва машваратии дахлдор дар самти таҳия ва татбиқи қонунгузорї дар бораи шаҳрвандї барои давлатҳои хоҳишманд» вазифадор кард.

Дар ҳамин Қатънома Маҷмааи Умумї «аз давлатҳо даъват ба амал овард, ки қонунгузории миллї оид ба шаҳрвандї боназардошти коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандї, мутобиқи меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналмилалї, хусусан бо пешгирии худсарона маҳрум кардан аз шаҳрвандї ва аз байн бардоштани муқаррароте, ки барои аз шаҳрвандї бидуни соҳибї ё қабул шудан ба шаҳрвандии дигар давлат баромадан иҷозат медиҳад, ва ҳамзамон ҳуқуқи давлатро ба таҳияи қонунҳо оид ба қабул шудан ба шаҳрвандї, баромадан аз шаҳрвандї ё маҳрумшавї аз шаҳрвандї эътироф мекунад, қабул намоянд».

Дар Барнома барои Ҳимоя, ки соли 2002 аз ҷониби Кумитаи иҷроияи КОСММГ (Хулосаҳои № 92 [LIII] a) қабул гардид ва аз тарафи Маҷмааи Умумии СММ пазируфта шуд, бешаҳрвандї ҳамчун яке аз сабабҳои асосии кўчонидашудан ва афзоиши гурезагон эътироф гардид.

Боназардошти шумораи бениҳоят зиёди шахсони бешаҳрванде, ки вазъашон тўли солҳои зиёд бетағйир боқї мондааст, соли 2004 КИКом аз КОСММГ даъват ба амал овард, ки дар пайдо намудани ҳалли чунин ҳолатҳо дар хамкорї бо давлатҳои дахлдор он нақши фаъолтар бозад. Соли 2006 Маҷмааи Умумии СММ Хулосаҳои № 106 КИКом-ро оид ба муайян кардан, пешгирї ва коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандї ва ҳимояи шахсони бешаҳрванд, ки дар қатори дигар масъалаҳо зарурати фаъолияти КОСММГ-ро дар самтҳои зерин тасдиқ намуд, дастгирї кард:

- кор бо ҳукуматҳо дар самти муайян кардани аҳолии бешаҳрванд ва дорои шаҳрвандии номуайян;
- таъмин намудани дастгирии техникї ва амалї ба давлатҳо дар робита ба қабул ва татбиқи кафолатҳо бар зидди ҳолатҳои бешаҳрвандї ва пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандие, ки дар натиҷаи беасос рад кардани қабул ба шаҳрвандї ва худсарона маҳрум кардан аз шаҳрвандї ба вуқўъ меоянд;
- ҳамкорї бо дигар ташкилотҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти дастгирии давлатҳо дар коҳиши бешаҳрвандї, хусусан дар ҳолатҳои тўлонии бешаҳрвандї; ва
- омўзонидани шарикони ҳукуматї оид ба тартиботи муайян кардан, ба қайдгирї ва додани мақоми ҳуқуқї ба шахсони бешаҳрванд.

Аз соли 2006 инҷониб дар Қатъномаҳои Маҷмааи Умумии СММ чор ҷиҳати ваколати (мандати) КОССМГ таъкид мегарданд: муайян кардан, пешгирї ва коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандї ва ҳимояи шахсони бешаҳрванд.

### Кадом фаъолиятро КОСММГ дар самти ҳалли масъалаи бешаҳрвандї иҷро мекунад?

КОСММГ ба ҳукуматҳо дар таҳия ва татбиқи қонунгузорї дар бораи шаҳрвандї кўмак мерасонад, барои хизматчиёни давлатї омўзишҳо мегузаронад, шарҳу мулоҳизоти худро оид ба муқаррароти конститутсионї ва қонунгузорї дар бораи шаҳрвандї барои давлатҳое, ки дар онҳо гурўҳҳои калони аҳолї бешаҳрванд ё дорои шаҳрвандии номуайян ҳастанд, пешкаш менамояд. Дар давраи солҳои 2011 ва 2012 КОСММГ ба ислоҳоти қонунҳо дар бораи шаҳрвандї дар 71 давлат муосидат намуда, ба 41 давлат оид ба ин масъала машваратҳои техникї расонидааст.

КОСММГ бо вакилони парлумон дар самти андешидани тадбирҳо оид ба қабул намудани қонунгузорие, ки боиси кўчонидани аҳолї ва пайдоиши ҳолатҳои бешаҳрвандї намегардад, бевосита кор мебарад. *Қоидаҳои КОСММГ оид ба таъмини ҳуқуқи ҳар як кўдак ба шаҳрвандї*

*тавассути Моддаҳои 1-4 Конвентсияи соли 1961 оид ба коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ* тавсияҳои бештар дар ин самт пешниҳод мекунад.

Якумин назарсанҷиши сатҳи ҷаҳониро оид ба тадбирҳои давлатҳои аъзои СММ дар самти коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва қонеъ гардонидани ниёзи шахсони бешаҳрванд ба ҳимоя бо ташаббуси КОСММГ гузаронида шуд. Ин назарсанҷиш муайян намуд, ки ягон минтақаи ҷаҳон бе шахсони бешаҳрванд нест ва норасоиҳои ҷиддӣ дар ҷодаи қонунгузорӣ ва сиёсати соҳавӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ҳануз ҷой доранд.

КОСММГ маъракаҳои шаҳрвандкунониро, ки дар доираи онҳо давлатҳо ба шахсони бешаҳрванд имконияти қабул шудан ба шаҳрвандии давлате, ки онҳо дар ҳудуди он ҷои зисти доимӣ доранд, пешкаш кардаанд, дастгирӣ намуд.

КОСММГ инчунин тавассути машварат бо давлатҳои дахлдор оид ба ҳалли қазияи шахсон ва гурӯҳҳои бешаҳрванд ба шахсони бешаҳрванд бевосита кӯмак мерасонад. Он аз давлатҳо даъват ба амал меорад, ки ба вазъи ҳуқуқии шахсони дахлдор шарҳ диҳанд, ва ба эътироф гардидани робитаи қонунӣ байни шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон ва давлат дар мавриди дар акси ҳол бешаҳрванд шудани шахси (шахсони) дахлдор, муосидат кунад.

То лаҳзаи муайян гардидани вазъи ҳуқуқии (ё мақоми шаҳрвандии) онҳо, шахсони бешаҳрванд метавонад аз ҳуқуқҳои ҳадди ақал дар давлати истиқомати худ истифода кунанд. КОСММГ татбиқи Конвентсияи соли 1954, ки як қатор ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳадди ақалро барои шахсони бешаҳрванд пешбинӣ мекунад, ташвиқ менамояд ва, вобаста аз зарурат ва захираҳо, ба давлатҳо дар ҳимоя ва дастгирии шахсони бешаҳрванд мусоидат мекунад. *Раҳнамои КОСММГ оид ба ҳимояи шахсони бешаҳрванд* тавсияҳо бештар дар ин самт пешниҳод менамояд.

## Кадом ташкилотҳои дигар ба ғайр аз КОСММГ дар самти масъалаҳои марбут ба бешаҳрвандӣ фаъолият мекунанд?

Ташкилотҳои асосии СММ, ки дар якҷоягӣ бо КОСММГ дар самти ҳалли масъалаҳои бешаҳрвандӣ кор мекунанд, Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ХКСММ ва СММ Занон мебошанд. Барои баррасии ҳолатҳои дунболадори бешаҳрвандӣ КОСММГ ҳар вақт бо Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ), Барномаи Рушди СММ (БРСММ) ва Созмони Ҷаҳонии Озуқаворӣ (СҶО) ҳамкорӣ менамояд ва дар самти татбиқи барномаҳои таъмини манзил, барномаҳои таҳсилотӣ ва пайдо кунонидани даромад бо мақсади ҳамроҳ кардани ҷамъиятҳои ҷудокардашуда ба ҷомеаи сатҳи миллӣ якҷоя фаъолият мебарад.

Бар иловаи ташкилотҳои СММ зикршуда КОСММГ бо мақомотҳои шартномавии СММ, ки ҳуқуқ ба шаҳрвандиро таъмин мекунанд ҳамкории зич дорад. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Кумита оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ, Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон, Шӯрои ҳуқуқӣ инсон ва дигар механизмҳои махсуси СММ аз ҷумлаи онҳоянд.

КОСММГ инчунин бо ташкилотҳои минтақавӣ, ба монанди Шӯрои Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Давлатҳои Америка, Иттиҳоди Африқо, Иттиҳоди Давлатҳои Араб, Созмони Конфронси Исломӣ ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Ба ғайр аз ин, КОСММГ дар кори Кумитаи Шӯрои Аврупо оид ба шаҳрвандӣ, ки Конвентсияи Аврупоӣ оид ба шаҳрвандӣ ва протокол оид ба пешгирии бешаҳрвандӣ дар мавриди ташаккулёбии ворисии ҳуқуқии давлатҳо таҳия намуд, ширкат варзидааст.

Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бо КОСММГ дар самти пешбарии барномаҳои КОСММГ ва дастгирии фаъолияти он ҳамкорӣ мекунанд.

Дар самти баланд бардоштани огоҳинокии вакилони парлумон дар бораи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба бешаҳрвандӣ ва ба таваҷҷӯҳи онҳо расонидани тавсияҳои бешумор ва таҷрибаҳои беҳтарин дар ҷодаи пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандӣ КОСММГ бо Иттиҳоди Байнипарлумонӣ (ИБП) ҳамкорӣ мекунад. ИБП вакилони парлумонро барои қонунгузории шаҳрвандие, ки ба рафъи бешаҳрвандӣ ва таъмини ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ барои онҳое, ки аз он маҳрум гаштаанд, даъват мекунад ва баҳри пешгирии оқибатҳои тасодуфан ба бешаҳрвандӣ расонандани шартномаҳои байнидавлатӣ оид ба шаҳрвандии мутақобила ва бисёршаҳрвандӣ тадбирҳо меандешад.

### Таҷрибаи беҳтарин: Шриланка

Аксари қувваи корие, ки дар Шриланка чойи дар ҷаҳон номдори онро истеҳсол мекунанд, асалан миллаташон ҳинду аст. Ин мардикорон, ки расман ҳамчун «Тамилҳои нави миллаташон ҳинду» ва дар ҷамъият ҳамчун «Тамилҳои кӯҳистонӣ» маъмуланд, аз насли онҳое мебошанд, ки дар давраи ҳукмронии Британияҳо байни солҳои 1815-1948 ба Сейлон, номи он давраинаи нимҷазира, оварда шуда буданд. Соли 1948 Шриланка истиқлолият ба даст овард ва то соли 1984 шартномаҳои гуногун байни Ҳиндустон ва Шриланка вазъи ҳуқуқии ин мардикоронро муайян мекарданд. Баъзе аз мардикорон ба шаҳрвандии яке аз давлатҳо дар асоси тағйироти қонунгузорӣ ё шартномаҳо қабул гардидаанд. Аммо қисми зиёди онҳо бешаҳрванд ва бе ҳуқуқҳои асосии инсон боқӣ монданд. Баъзеи онҳо ҳатто ба раванди қабул шудан ба шаҳрвандии Шриланка ё Ҳиндустон дастрасӣ надоштанд.

Соли 1982 ҳукумати Ҳиндустон ба ҳукумати Шриланка хабар дод, ки он ҳамаи шартномаҳои қаблиро дар бораи Тамилҳои кӯҳистонӣ аз сабаби ба охир расидани мӯҳлати эътибори онҳо аз эътибор соқит медонад. Аз ҳамон рӯз шурӯъ карда Тамилҳои кӯҳистоние, ки бешаҳрванд буданд имконияти ба шаҳрвандии Ҳиндустон ё шаҳрвандии Шриланка қабул шуданро гум карданд.

Конгреси Коргарони Сейлон, ки иттифоқи касаба ва ҳамзамон ҳизби сиёсӣ мебошад, дар тӯли солҳо ҳуқуқҳои Тамилҳои кӯҳистониро пешбарӣ мекард. Дар ҷавоб ба ин парлумони Шриланка моҳи октябри соли 2003 «Санад дар бораи ба шаҳрвандӣ қабул кардани шахсони ҳиндунажод» таҳия кард ва якдилона қабул намуд. Тибқи ин санад шахсони ҳиндунажоде, ки –

- аз моҳи октябри соли 1964 инҷониб ҷои зисти доимиашон дар Шриланка аст; ё
- аз насли шахсе, ки аз моҳи октябри соли 1964 инҷониб ҷои зисти доимӣ дар Шриланка дорад, ё худ сокини Шриланка мебошанд,

худ ба худ ба шаҳрвандии Шриланка қабул карда шуданд.

Баъд аз қабул шудани ин санад, Раёсати Комиссари кулл, КОСММГ ва Конгреси Коргарони Сейлон дар бораи ин қонун маълумот паҳн намуданд. Дар матбуоти забонҳои тамилӣ, англисӣ ва синҳолӣ мақолаҳо оид ба ин қонун чоп гардиданд ва барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ оид ба он ва маълумот оид ба чӣ тавр ва ба куҷо бо ариза барои ба шаҳрвандӣ муроҷиат кардан сабт ва намоиш дода шуданд.

Ќоидањо ва тартиби ќабул шудан ба шањрвандї, ки аз љониби Вазорати корњои дохилї ва нозири Райсати муњољират тањия гардида буданд, содда, кўтоњ ва одилона буданд. Ду тартиби гуногун барои шахсони бешањрванд пешнињод гардид:

- Талабот барои дорандагони шиносномаи Њиндустоние, ки баъд аз изњороти соли 1982 аз љониби Њиндустон мўњлати эътиборнокиаш ба охир расид, изњорот оид ба хоњиши ихтиёран ба шањрвандии Шриланка ќабул гардидан буд. Чунин изњорот одатан аз тарафи сардори хонавода карда мешуд. Њуљљате, ки дар он чунин хоњиш изњор мегардид, бояд аз љониби маќомоти муњољират имзо карда мешуд ва баъд аз тасдиќ гардидани он њамаи аъзоёни хонавода соњиби шањрвандї мегардиданд.
- Аз онњое, ки њуљљате надоштанд супоридани изњороте махсус талаб намегардид. Онњо мебоист изњороти махсусеро ба имзо мерасониданд, ки он дар њолати аз љониби мансабдори давлатї имзо гардиданаш, гирифтани њуљљатњои тасдиќкунандаи шахсиро осон мекард.

Њардуи ин тартиби ќабул шудан ба шањрвандї ройгон буд ва мўњлати муайян барои њуљљатсупорї надошт. Мохи декабри соли 2003 КОСММГ ва Конгреси Коргарони Сейлон омўзиши якрўза барои 500 нафар ихтиёриён ташкил намуданд. Онњо дар бораи падидаи бешањрвандї, ќонунњои гуногуне, ки марбут ба ин мавзўъ аз соли 1948 инљониб ќабул шуданд, ќонуни нав ва шартњои он барои аризасупорандагон омўзиш гирифтанд. Ин ихтиёриён баъд аз омўзиш дар 50 марказњои мобилие, ки дар саросари минтаќаи киштзори чой љойгиршуда буданд, кор карданд ва онљо шахсони бешањрванд тавонистанд ариза барои ќабул шудан ба шањрвандї супоранд.

Моњи декабри соли 2003 кормандони ин марказњо дар давоми дањ рўз аризањоро барои гирифтани шањрвандї ќабул карданд. КОСММГ ин маъракаро маблаѓгузорї кард ва њамзамон љараёни ўро зери назорат гирифт, то ин ки интихоби дониста ва ихтиёрии аризасупорандагон таъмин гардад. То охири њамон моњ таќрибан 190,000 сардорони хонавода ба шањрвандии Шриланка ќабул шуданд.

Моњњои июль ва августи соли 2004 маъракаи аз ин хурдтар барои ањолии минтаќаи шимолу-шарќии кишвар ташкил гардид. Дар натиљаи он беш аз 2000 нафар ариза супориданд ва соњиби шањрвандї шуданд. Аз ин давра инљониб шумораи хурди Тамилњои кўњистонї барои гирифтани шањрвандї тавассути маќомоти мањаллї ва ё шуъбаи оид ба шањрвандии Вазорати амнияти љамъиятї, ќонун ва тартибот дар пойтахти давлат, Коломбо, ариза супориданд ва муваффаќ гардиданд.

## Кї фаъолияти КОСММГ-ро маблаѓгузорї мекунад?

КОСММГ яке аз якчанд ташкилотњои СММ мебошад, ки маблаѓгузории фаъолияти он ќариб пурра аз пардохтњои ихтиёрї вобаста аст. Таќрибаи панљ фоизи буљаи солонаи КОСММГ аз њисоби буљаи солонаи СММ, ки аз њаќќи аъзогии давлатњо ташкил меёбад, сарчашма мегирад. Боќимондаи он аз њисоби пардохтњои ихтиёрии њукуматњо, шахсони алоњида ва сектори хусусї ташкил меёбад.

Аввали соли 2013 35.8 миллион нафар одамони ба фаъолияти КОСММГ дахлдор ба ќайд гирифта шудаанд. Буљаи КОСММГ барои соли 2012 4.3 триллион доллари ИМА ташкил медод, ки 62 миллиони он ба фаъолият оид ба масъалањои бешањрвандї људо гардида буд.

Соли 2012 77 фоизи маблаѓњои КОСММГ аз њисоби дањ давлати донор љамъоварї карда шуд. Њамзамон КОСММГ 130 миллион доллари ИМА аз њисоби сектори хусусї, пеш аз њама аз Аврупо, Австралия, Љопон, Ќатар ва Иёлоти Муттањидаи Амрико ќабул намуд. Созмонњои љомеаи шањрвандї (минбаъд СЉШ) низ тавассути ба љо овардани даъватњо дар сатњи љомеа аз номи КОСММГ ба буљаи солонаи КОСММГ сањм мегузоранд. Тўли солњои охир дар натиљаи тадбирњои пайдарњам барои баланд бардоштани огоњинокї тавассути радио, телевизион, матбуот ва дигар воситањои ахбори омма сањми сектори хусусї ва СЉШ дар фаъолияти КОСММГ афзун гардид.

# Чӣ тавр вакилони парлумон метавонанд муфид бошанд?



Соли 2008 қарори суди марњилаи болої шањрванди Бангладеш будани урдузабононро, ба монанди ин писарбачагони ноњияи Муњаммадпури ш. Дака, тасдиќ намуд. Суд ба њукумати Бангладеш тавсия дод, ки њуќуќњои урдузабононро барќарор кунад, ба онњо шањодатномаи шахсї дињад ва онњоро њамчун овоздињанда ба сабт гирад.

©КОСММГ / S. L. Њусайн, 2013

Вакилони Парлумон барои мусоидат ба коњиши њолатњои бешањрвандї ва андешидани тадбирњо барои таъмини шахсони бешањрванд бо њуќуќу ўњдадорињои дар доираи њуќуќи байналмилалї муќарраршуда, мавќеи беназир доранд. Онњо метавонанд ба якчанд воситањо ба ин мусоидат намоянд, аз љумла: бо тањлил ва бознигарии ќонунгузорї дар бораи шањрвандї ва ба мутобиќат бо њуќуќи байналмилалї оварданаи он; бо мусоидат ба њамроњшавии давлат ба Конвентсияи соли 1954 ва Конвентсияи соли 1961; ва бо ташвиќи барњам додани бешањрвандї ва бартараф кардани њолатњои дахлдор ба шахсони бешањрванд.

## Дар арзёбии ќонунгузории миллии марбут ба бешањрвандї ба кадом љињатњо бояд вакилони парлумони таваљљўњи хоса зоњир кунанд?

- Шартномањои байналмилалї ва минтаќивии марбутеро, ки ба онњо давлати дахлдор њамроњ шудааст ва инчунин ањдномањо, конвентсияњо ва изњоротњое, ки ба онњо дар ќонунгузории миллї иќтибосњо оварда шудаанд, бояд аз назар гузаронида шаванд. Чунин тањлил барои маънидод кардани доираи њуќуќи миллї кўмак мерасонад.
- Боназардошти он, ки муќаррарот марбут ба шањрвандї одатан дар якчанд санадњои њуќуќї дарљ меёбад, сарќонун, ќонунњо дар бораи шањрвандї, фармонњо ва дигар сарчашмањои ќонунгузории миллие, ки метавонанд барои муайян намудан ва маънидод кардани ќонунгузории миллї муфид бошанд, бояд аз назар гузаронида шаванд.
- Дар њолатњои вориси њуќуќї гаштани давлат бояд шартномањои дуљониба ва бисёрљониба бознигарї шаванд.
- Њангоми арзёбии доираи њуќуќи миллї бояд муайян карда шавад, ки оё давлат таъин намудан ва ба таври муттассил истифода бурдани кафолатњо бар зидди њолатњои бешањрвандие, ки дар натиљаи мањрум кардан аз шањрвандї, баромадан аз шањвандї ва мањрумшавї аз шањрвандї ба вуќўъ меоянд, пешбинї мекунад ё не.

Њангоми бознигарии доираи њуќуќи миллї ба саволњои зерин бояд посух дода шавад:

### Дар бобати **ќабул шудан** ба шањрвандї

- Оё кўдак метавонад шањрвандии модари худро соњиб шавад, хусусан агар падар шахси бешањрванд бошад, њузур надошта бошад ё имконияти ба кўдак додани шањрвандии худро надошта бошад?
- Оё ќонунгузории миллї оид ба шањрвандї имконияти ба шањрвандии давлат ќабуд шудани шахсоне, ки дар њудуди он ба дунё омадаанд ва дар акси њол метавонанд ба шахси бешањрванд табдил гарданд, пешбинї мекунад?
- Оё меъёри табъиз нашудан нисбат ба ќоидањои марбут ба шањрвандї истифода шудааст?
- Њангоми њамчун вориси њуќуќї ташаккулёбии давлат оё дар муайян кардани ќабул шудан ё нашудани шањрванди давлати собиќ ба шањрвандии давлат њадди аќал љои зисти доимии шахси дахлдор дар давраи ташаккулёбии давлати ворис, хоњиши шахси дахлдор ва мансубияти њудудии шахси дахлдор ба инобат гирифта мешаванд?

### Дар бобати **мањрумшавї аз шањрвандї ва мањрум кардани** шањрвандї

- Оё муќаррарот оид ба иваз шудани вазъи оиладорї ё дигар вазъи иљтимоъї пешгирии њолатњои бешањрвандиро пешбинї мекунад?
- Чї тавр шахс метавонад аз шањрвандї мањрум шавад (шањрвандиро аз даст дињад)? Оё пешгирии бешањрвандї дар ин њолатњо пешбинї шудааст?

- Оё қабул шудан ба шаҳрвандии дигар давлат ё кафолати қабул шудан ба шаҳрвандии дигар давлат ҳамчун шарти баромадан аз шаҳрвандӣ муқаррар шудааст?
- Оё супоридани ариза барои ҷойгиркунонӣ дар кишвари хориҷӣ дар ҳолати нагирифтани ягон кафолат барои қабул шудан ба шаҳрвандии дигар метавонад мақоми шаҳрвандии шахси далхдорро тағйир диҳад?
- Оё дар ҳолатҳое, ки барои онҳо маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст, сабабҳои маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ ба таври мушаххас муайян карда шудаанд? Оё маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ боиси ҳолати бешаҳрвандӣ шуда метавонад? Оё кафолатҳои мурофиавӣ барои чунин ҳолатҳо пешбинӣ шудаанд?

### Дар бобати **барқарор шудан** ба шаҳрвандӣ

- Оё барқароршавӣ ба шаҳрвандӣ барои шаҳрвандони собиқе, ки дар ҳудуди давлат ба таври қонунӣ ва доимӣ истиқомат мекунанд, пешбинӣ шудааст?
- Оё шахси қаблан ба шаҳрвандӣ соҳиббуда, ки аз шаҳрвандии нави ба он қабул шудааш аз сабаби иваз шудани вазъи оилавӣ ё вазъи ҳуқуқии дигар маҳрум мегардад, метавонад ба шаҳрвандии қаблиаш барқарор карда шавад? Агар ҳа, оё барқароршавӣ ба шаҳрвандӣ худ ба худ сурат мегирад ё шахси мазкур баъд аз шахси бешаҳрванд шуданаш, бояд ариза супорад? Оё кафолатҳои мурофиавӣ барои чунин ҳолатҳо пешбинӣ шудаанд?

### Дар бобати **ҷойгиркунонӣ** (тобеият ёфтан)

- Дар ҳолати супоридани ариза ба ҷойгиркунонӣ аз ҷониби шахси хориҷӣ оё аз ӯ исботи расман баромадан аз шаҳрвандии пештара талаб карда мешавад? Ё ки кафолати он, ки ӯ ҳангоми ба шаҳрвандии нав қабул гардиданаш аз шаҳрвандии қаблиаш озод мегардад кифоя аст?
- Оё ҷараёни ҷойгиркунонӣ ва талаботҳо барои ҷойгиркунонӣ ба таври мушаххас муқаррар шудаанд?
- Оё тартиботе - ба монанди ҷараёни дурудароз, пардохтҳои аз ҳад зиёд, талабот барои ҳуҷҷатҳое, ки аризасупоранда дастрас карда наметавонад, ва ё мӯҳлати баниҳоят кӯтоҳ барои баррасии қазия, ки барои аризасупорандагон мувофиқ нест – вуҷуд дорад, ки боиси бешаҳрвандӣ шуда тавонад?

### Дар бобати **гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва шаҳрвандӣ**

- Тартиботи бақайдгирии таваллуд чи гуна аст? Оё ин тартибот дар амал истифода мешавад? Агар бақайдгирии таваллуд танҳо дар давоми мӯҳлати муайян пешбинӣ шуда бошад, оё метавонад таваллуд баъд аз ба охир расидани ин мӯҳлат ба қайд гирифта шавад?
- Оё тартиботе - ба монанди ҷараёни дурудароз, пардохтҳои аз ҳад зиёд, ва ё мӯҳлати баниҳоят кӯтоҳ барои баррасии қазия, ки барои аризасупорандагон мувофиқ нест – вуҷуд дорад, ки боиси мушкилот дар гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шаҳрвандӣ шуда тавонад?

## Барои чӣ давлатҳо бояд ба Конвентсияи соли 1954 ва Конвентсияи соли 1961 ҳамроҳ шаванд?

Дар сатҳи миллӣ ҳамроҳ шудан ба Конвентсияҳои солҳои 1954 ва 1961:

- як роњи нишон додани њаводории давлат ба таъмини муносибат бо шахсони бешањрванд тибќи меъёрњои эътирофгардидаи башардўстї ва њуќуќи инсон, аз љумла њуќуќ ба шањрвандї, мебошад;
- ба андешидани тадбирњо барои дастрасии шахсони бешањрванд ба њимояи давлатї ва бо ин таъмини њаёти бехатар ва бо шаъну шараф мусоидат мекунад;
- барои дарёфт намудани шахсони бешањрванд дар њудуди худ ва фароњам овардани њуќуќњои онњо, аз љумла ба воситаи додани шањодатномаи шахсї ва њуљљатњои сафар чањорчўбаи муайян таъмин менамояд;
- ба давлатњо имконият медињад, ки камбудињои бархурдњои гуногуни ба шањрвандї ќабул шуданро, ки саросари дунё истифода мешаванд, тавассути эътироф кардани кафолатњои умумї барои пешгирии бешањрвандї бидуни мањдуд кардани ваколати давлат барои идораи масъалањои шањрвандї дар таљрибаи худ баратараф кунанд.
- амният ва оромиро ба воситаи пешгирии истисно ва људокунии шахсони бешањрванд ќавитар мегардонад.

Њамроњ шудан ба Конвентсияњои солњои 1954 ва 1961 дар сатњи байнмилалї:

- аз хоњиши давлат барои њамкорї бо љомеаи љањонї дар самти коњиш ва барњам додани њолатњои бешањрвандї шањодат медињад;
- ба эътироф гардидани вазъи њуќуќии «шахси бешањрванд» дар сатњи байналмилалї ва чањорчўбаи умумии байналмилалї оид ба њимояи чунин шахсон, ва ба ин восита ба шаффофияти ќонунї ва мунтазамии амалњои давлат нисбат ба њолатњои бешањрвандї мусоидат мекунад.
- ба рушди муносибатњои байналмилалї ва сулњу субот мусоидат мекунад;
- бо бартараф кардани сабабњои кўчонидани одамон ба пешгирии он сањм мегузорад;
- ба КОСММГ дар пайдо намудани дастгирии байналмилалї дар риоя намудани меъёрњои Конвентсияњо кўмак мерасонад;
- барои њалли масъалањои марбут ба шањрвандї шароит фароњам меорад.

### Чи тавр давлатњо ба ин Конвентсияњо њамроњ мешаванд?

Давлатњо метавонанд ба воситаи фиристодани аризаи дархост ба њамроњ шавї ба Конвентсияи соли 1954 ва ё 1961 ба Дабири кулли СММ ба ин Конвентсияњо њамроњ шаванд. Аризаи дархости њамроњшавї бояд аз љониби роњбари давлат ё њукумат ё Вазири корњои хориљии давлат имзо гардад ва тавассути намояндагии он дар СММ ба сардафтари он дар Ню Йорк фиристода шавад. (Намунаи ин ариза дар Замимаи 3 пешкаш мегардад)

### Оё давлатњо њуќуќ худро нисбати бо шартњои алоњида татбиќ кардани муќаррароти муайяни Конвентсия нигоњ дошта метавонанд?

Боназардошти шартњои махсусе, ки дар давраи њамроњшавї ба Конвентсия ё ба тасвиб расонидани он ба давлати њамроњшаванда тааллуќ доранд, Конвентсия ба давлати ањдкнанда иљозат медињад, ки нисбат ба баъзе муќаррароти Конвентсия њуќуќи худро оид ба муайян кардани њолатњои татбиќшавии он нигоњ дорад. Чунин њуќуќи давлат наметавонад нисбат ба он муќаррароти Конвентсия, ки муќаррароти асосї њисобида мешавад, татбиќ гардад:

- Конвентсияи соли 1954: Бо нигоњ доштани њуќуќи давлат оид ба муайян кардани эътиборнокии муќаррароти Конвентсия ба ѓайр аз Моддањои: 1 (мафњумњо/муќаррарот оид

ба хориљ кардан), 3 (припсипи табъиз нашудан), 4 (озодии дин), 16 (1) (дастрасї ба судњо) ва Моддањои 33-42 (муќаррароти хотимавї) иљозат дода мешавад.

- Конвентсияи соли 1961: Бо нигоњ доштани њуќуќи давлат ба муайян кардани эътибornокии муќаррароти Конвентсия танњо нисбат ба Моддањои 11 (намояндагї), 14 (равона кардани ќазия ба Суди байналмилалии СММ) ё 15 (њудуде, ки ба доираи њуќуќи давлат дохил мешавад).

**Давлатҳои аъзои Конвенсияи соли 1954 ва Конвенсияи соли 1961**
(дар давраи 1 майи соли 2014)



**Афзоиш дар шумораи давлатњои њамроњшаванда ба Конвенсияњои соли 1954 ва 1961**




## Чї тавр вакилони парлумон метавонанд татбиќи самараноки конвенсияњо оид ба бешањрвандиро таъмин кунанд?

Дар аксари давлатњо барои татбиќи самараноки муќаррароти конвенсияњо дар бораи бешањрвандї бояд санадњои ќонунии дахлдор ќабул карда шаванд ё ба ќонунгузории мављуда таѓйиру иловањо ворид гардад. КОСММГ метавонад ба давлатњо барои овардани низоми њуќуќї ва ќонунгузории њар давлат дар мутобиќат бо ўњдадорињои байналмилии он машваратњои касбї пешнињод кунад.

## Барои баланд бардоштани таваљљўњи њукумати худ ба њамроњшавї ба ин Конвенсияњо кадом тадбирњо амалиро метавонанд вакилони парлумон андешанд?

- Муайян намоед, ки оё давлати шумо ба њарду ё яке аз конвенсияњо аъзо мебошад ё не.
- Агар давлати шумо то њол ба ин санадњои байналмилалї њамроњ шуданї набошад, имконияти пешнињоди дархости хаттї ё шифоњї ба њукумат ва ё истифода аз њуќуќи ташаббуси ќонунгузории худро амалї намоед.
- Агар дархост дар бораи ба тасвиб расонидани конвенсияњо ба парлумон фиристода шуда бошад, баъд аз омўзиши њуљљатњои лозимї дар мўњлати муносиб ба тарафдории он овоз дињед.
- Агар њукумат дар давоми мўњлати мувофиќ ин масъаларо ба баррасии вакилони парлумон фиристода натавонад, бо истифода аз тартиби фаъолияти парлумонї ба њукумат барои оѓоз кардани раванди ба тасвиб расонидани конвенсияњо ё њамроњ шудан ба конвенсияњо дархост фиристонед.
- Агар давлати шумо яке аз давлатњое бошад, ки яке ё њардуи конвенсияњоро ба имзо расонидааст, вале љараёни ба тасвиб расонидани онро ба таъхир андохтааст, бо истифода аз тартиботи фаъолияти парлумонї аз њукумат шарњи сабаби ба таъхир гузошта шудани љараёни ба тасвибрасониро дархост кунед ва њукуматро барои тезонидани ин раванд даъват

намоед. Ҳуқуқи худ оид ба ташаббуси қонунгузориро барои пешниҳоди лоиҳаи қонун дар робита ба ин масъала истифода намоед.

- Агар ҳукумат ба тасвиб расонидани Конвентсия ва ё ҳамроҳ шудан ба онро рад кунад, кӯшиш намоед, ки шарҳи муфассали сабаби қабул карда шудани чунин қарорро пайдо кунед. Агар зарурояд, барои возеҳ кардани норавшаниҳо ва бартараф намудани нофаҳмиҳо мусоидат кунед ва барои тезонидани раванди кор ва алоқаҳои (шабакаи) сиёсии худ истифода намоед. Масъалаи ба тасвиб расонидан/ҳамроҳ шудан ба Конвентсияро дар байни интихобкунандагони худ пешбарӣ намоед ва бо ин роҳ зарурати ба тасвиб расонидан/ҳамроҳ шудан ба Конвентсияро ташвиқу тарғиб кунед.
- Агар шумо вакили парлумони давлате бошед, ки тавассути тақсим шудан ё барҳам хӯрдани дигар давлатҳо ҳамчун ворисӣ ҳуқуқӣ ташаккул ёфта бошад, шартномаҳое, ки давлати собиқ ба онҳо ҳамроҳ шудааст, худ аз худ барои ворисӣ ҳуқуқӣ эътиборнок дониста намешаванд. Давлатҳои навтаъсисёфта метавонанд ба аҳдномаҳои байналмилалии аз ҷониби давлати собиқ эътирофгардидаро ҳамчун ворисӣ ҳуқуқӣ қабул кунанд, ба онҳо ҳамчун давлати навтаъсис ҳамроҳ гарданд, ё хоҳиши худро оид ба қабул накардани ӯҳдадориҳои давлати собиқ дар доираи ин аҳдномаҳо иброз намоянд.
- Баъд аз ба тасвиб расонидани/ҳамроҳ шудан ба конвентсияҳо дар бораи бешаҳрвандӣ, барои қабул намудани қонунҳое, ки бо муқаррароти конвентсияҳои мазкур мутобиқат мекунанд, тадбирҳо андешед. Бо истифода аз тартиботи кори парлумонӣ баҳри таъмини сариваќт фиристода шудани лоиҳаи қонун ё тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мавҷуда аз ҷониби ҳукумат тадбирҳо андешед.
- Агар ҳукумат ба парлумон дархост дар бораи ба тасвиб расонидан / ҳамроҳ шудан ба конвентсия фиристонад ва он бо талаботи нигоҳ доштани ҳуқуқи давлат оид ба муайян намудани ҳолатҳои эътибornокии муқаррароти конвентсия, ки доираи татбиқи конвентсияро маҳдуд мекунанд, эътироз ё мувофиқатнома илова гардида бошад, ва шумо бар он ақида бошед, ки чунин маҳдудиятҳо беасосанд, баҳри пешбарии манфиатҳои умумие, ки аз Конвентсия бармеоянд сарфи назар аз манфиатҳои маҳдуд ва дуюмдараҷа тадбирҳо андешед.
- Агар талаботи ҳукумат оид ба нигоҳ доштани ҳуқуқи давлат ба муайян намудани ҳолатҳои эътиборнокии муқаррароти конвентсия, ки доираи татбиқи конвентсияро маҳдуд мекунанд, эътироз ё мувофиқатномаи он дар робита ба конвентсия дигар эътиборнок набошанд, бо истифода аз тартиботи кори парлумонӣ ба ҳукумат дархост фиристонед ва барои бартараф кардани ин маҳдудиятҳо тадбирҳо андешед.
- Агар ба шумо машварат ва кӯмак дар ин робита оиди ба тасвиб расонидан / ҳамроҳ шудан ба конвентсия ва ё таҳияи қонунгузории миллӣ дар мутобиқат бо меъёрҳои конвентсияҳо дар бораи бешаҳрвандӣ лозим гардад, ба Раёсати КОСММГ дар кишвари худ муроҷиат кунед.

### Чӣ тавр вакилони парлумон метавонанд огоҳинокӣ дар бораи масъалаи бешаҳрвандиро баланд бардоранд?

Вакилони парлумон, ҳамчун нафароне, ки барои таҳия намудани қонунҳои миллӣ ӯҳдадоранд, метавонанд дар коҳиш ва барҳам додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқи шахсони бешаҳрванд нақши муҳим бозанд. Вакилони парлумон набояд танҳо давлати худро барои қабули қонунҳо дар мутобиқат бо меъёрҳои байналмилалӣ даъват намоянд, балки инчунин дастгирии ҳавзаи худро барои чунин тадбирҳо ба даст оранд. Танҳо вақте ҷомеаи шаҳрвандӣ

мушкилоти марбут ба бешаҳрвандиро дарк мекунад, он метавонад ташаббусҳои вакилони парлумонро, ки ба ҳалли ин мушкилот равона гардидаанд, дастгирӣ намояд.

Вакилони парлумон ба воситаи баромадҳо оид ба масъалаи бешаҳрвандӣ ва аҳамияти қонунҳои фарогир оид ба шаҳрвандӣ, бо навиштани мақолаҳо оид ба зарурати барҳам додани падидаи бешаҳрвандӣ, тавассути кор бо СҶШ ва дигар доираҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки ба шахсони бешаҳрванд кӯмак мерасонанд, ва дар ҳолатҳои муносиб мусоидат ба ҳалли қазияҳои алоҳидаи шахсони бешаҳрванд метавонанд огоҳинокӣ оид ба масъалаи бешаҳрвандиро баланд бардоранд.

Вакилони парлумон метавонанд барои ҳалли ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ба воситаи тарғиби ҳуқуқҳои ақалиятҳо ё дигар гурӯҳҳо ба қабул гардидан ба доираи шаҳрвандони давлат ва бо роҳи мусоидат ба муколама байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, ки метавонанд боиси қабул гардидани шахсони бешаҳрванд ба шаҳрвандӣ гарданд, мусоидат кунанд.

### Кадом тадбирҳоро метавонанд вакилони парлумон барои тақвият бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт андешанд?

Ҳамкории байналмилалӣ барои коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ дар саросари дунё аҳамияти калон дорад. Вакилони парлумон бояд чораҳои заруриро барои таъмини иштироки фаъолонаи давлати худ дар тадбирҳои байналмилалӣ оид ба коҳиш ва рафъи ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва тамоми тадбирҳо баҳри ҳалли ҳолатҳои алоҳидаи бешаҳрвандӣ андешанд.

Вакилони парлумон инчунин метавонанд вакилони палумонҳои давлатҳои ҳамсояи худро даъват кунанд ва арзёбии минтақавии қонунҳои худ дар бораи шаҳрвандиро анҷом диҳанд. Ба мутобиқат овардани қонунҳо ба воситаи муколама байни давлатҳо роҳи хуби коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ мебошад.

## Замимаи 1: Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд

Таъхири мавриди эътибор ќарор гирифтан: 6 июни соли 1960
Шумораи умумии Давлатњои аъзо (аз 1 майи соли 2014): 80

| **Номи давлат** | **Санаи ба имзо расонидан** | **Санаи ба тасвиб расонидан (т), њамроњшавї (њ), тасдиќ њамчун вориси њуќуќї (в)** |
|---|---|---|
| Албания | | 23 июни соли 2003 њ |
| Алљазоир | | 15 июли соли 1964 њ |
| Антигуаю Барбуда | | 25 октябри соли 1988 в |
| Аргентина | | 1 июни соли 1972 њ |
| Арманистон | | 18 майи соли 1994 њ |
| Австралия | | 13 декабри соли 1973 њ |
| Австрия | | 8 феврали соли 2008 њ |
| Озарбойљон | | 16 августи соли 1996 њ |
| Барбадос | | 6 марти соли 1972 в |
| Белгия | 28 сентябри соли 1954 | 27 майи соли 1960 т |
| Белиз | | 14 сентябри соли 2006 њ |
| Бенин | | 8 декабри соли 2011 њ |
| Боливия | | 6 октябри соли 1983 њ |
| Босния ва Герсоговина | | 1 сентябри соли 1993 в |
| Ботсвана | | 25 феврали соли 1969 в |
| Бразилия | 28 сентябри соли 1954 | 13 августи соли 1996 т |
| Булѓористон | | 22 марти соли 2012 њ |
| Буркина Фасо | | 1 майи соли 2012 њ |
| Чад | | 12 августи соли 1999 њ |
| Хитой (дар робита бо Гонконг)[1] | | |
| Коста Рика | 28 сентябри соли 1954 | 2 ноябри соли 1977 т |
| Котд Ивуар | | 3 октябри соли 2013 њ |
| Хорватия | | 12 октябри соли 1992 в |
| Љумњурии Чех | | 19 июли соли 2004 њ |
| Дания | 28 сентябри соли 1954 | 17 январи соли 1956 т |
| Эквадор | 28 сентябри соли 1954 | 2 октябри соли 1970 т |
| Фиљи | | 12 июни соли 1972 в |
| Финляндия | | 10 октябри соли 1968 њ |
| Фаронса | 12 январи соли 1955 | 8 марти соли 1960 т |
| Гурљистон | | 23 декабри соли 2011 њ |
| Олмон | 28 сентябри соли 1954 | 26 октябри соли 1976 т |
| Юнон | | 4 ноябри соли 1975 њ |
| Гватемала | 28 сентябри соли 1954 | 28 ноябри соли 2000 т |
| Гвинея | | 21 марти соли 1962 њ |
| Гондурас | 28 сентябри соли 1954 | 1 октябри соли 2012 т |

[1] Баъд аз бар дўш гирифтани њуќуќњои мансуби истиќлолияти Гонконг Хитой Дабири куллро хабардор намуд, ки масъулият барои њуќуќњо ва ўњдадорињои байналмилалии Гонконг дар робита ба Конвентсия аз љониби Њукумати Љумњурии Халќии Хитой истифода ва татбиќ мегардад.

**Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд (идома)**

| Номи давлат | Санаи ба имзо расонидан | Санаи ба тасвиб расонидан (т), њамроњшавї (њ), тасдиќ њамчун вориси њуќуќї (в) |
|---|---|---|
| Венгрия | | 21 ноябри соли 2001 њ |
| Ирландия | | 17 декабри соли 1962 њ |
| Исроил | 1 октябри соли 1954 | 23 декабри соли 1958 т |
| Италия | 20 октябри соли 1954 | 3 декабри соли 1962 т |
| Кирибатї | | 29 ноябри соли 1983 |
| Љумњурии Корея | | 22 августи соли 1962 њ |
| Латвия | | 5 ноябри соли 1999 њ |
| Лесото | | 4 ноябри соли 1974 в |
| Либерия | | 11 сентябри соли 1964 њ |
| Либия | | 16 майи соли 1989 њ |
| Лихтенштейн | 28 сентябри соли 1954 | 25 сентябри соли 2009 т |
| Литва | | 7 феврали соли 2000 њ |
| Люксембург | 28 октябри соли 1955 | 27 июни соли 1960 т |
| Македония | | 18 январи соли 1994 в |
| Малави | | 7 октябри соли 2009 њ |
| Мексика | | 7 июни соли 2000 њ |
| Љумњурии Молдова | | 19 апрели соли 2012 њ |
| Монтенегро | | 23 октябри соли 2006 в |
| Нидерланд | 28 сентябри соли 1954 | 12 апрели соли 1962 т |
| Никарагуа | | 15 июли соли 2013 њ |
| Нигерия | | 20 сентябри соли 2011 њ |
| Норвегия | 28 сентябри соли 1954 | 19 ноябри соли 1956 т |
| Панама | | 2 июни соли 2011 њ |
| Перу | | 23 январи соли 2014 њ |
| Филиппин | 22 июни соли 1955 | 22 сентябри соли 2011 т |
| Порлугалия | | 1 октябри соли 2012 њ |
| Руминия | | 27 январи соли 2006 њ |
| Руанда | | 4 октябри соли 2006 њ |
| Сенегал | | 21 сентябри соли 2005 њ |
| Сербия | | 12 марти соли 2001 в |
| Словакия | | 3 апрели соли 2000 њ |
| Словения | | 6 июли соли 1992 в |
| Испания | | 12 майи соли 1997 њ |
| Сент-Винсент ва Гренадинї | | 27 апрели соли 1999 в |
| Свазиланд | | 16 ноябри соли 1999 њ |
| Шветсия | 28 сентябри соли 1954 | 2 апрели соли 1965 т |
| Швейтсария | 28 сентябри соли 1954 | 3 июли соли 1972 т |
| Тринидад ва Тобаго | | 11 апрели соли 1966 в |
| Тунис | | 29 июли соли 1969 њ |
| Туркманистон | | 7 декабри соли 2011 њ |
| Уганда | | 15 апрели соли 1965 њ |
| Украина | | 25 марти соли 2013 њ |

**Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд (идома)**

| Номи давлат | Санаи ба имзо расонидан | Санаи ба тасвиб расонидан (т), њамроњшавї (њ), тасдиќ њамчун вориси њуќуќї (в) |
|---|---|---|
| Британия Кабир | 28 сетябри соли 1954 | 16 апрели соли 1959 т |
| Уругвай | | 2 апрели соли 2004 њ |
| Замбия | | 1 ноябри соли 1974 в |
| Зимбабве | | 1 декабри соли 1998 в |

**Давлатњое ки Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрвандро ба имзо расониданд, вале онро ба тасвиб нарасониданд**

| Номи давлат | Санаи ба имзо расонидан |
|---|---|
| Коломбия | 30 декабри соли 1954 |
| Эл Салвадор | 28 сентябри соли 1954 |
| Сарири маќдум | 28 сентябри соли 1954 |

## Замимаи 2: Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешаҳрвандї

Таъхири мавриди эътибор ќарор гирифтан: 13 декабри соли 1975
Шумораи умумии Давлатњои аъзо (аз 1 майи соли 2014): 55

| **Номи давлат** | **Санаи ба имзо расонидан** | **Санаи ба тасвиб расонидан (т), њамроњшавї (њ), тасдиќ њамчун ворисиҳуќуќї (в)** |
|---|---|---|
| Албания | | 9 июли соли 2003 њ |
| Арманистон | | 18 майи соли 1994 њ |
| Австралия | | 13 декабри соли 1973 њ |
| Австрия | | 22 сентябри соли 1972 њ |
| Озарбойљон | | 16 августи соли 1996 њ |
| Бенин | | 8 декабри соли 2011 њ |
| Боливия | | 6 октябри соли 1983 њ |
| Босния ва Герсоговина | | 13 декабри соли 1996 њ |
| Бразилия | | 26 октябри соли 2007 њ |
| Булѓористон | | 22 марти соли 2012 њ |
| Канада | | 17 июли соли 1978 њ |
| Чад | | 12 августи соли 1999 њ |
| Коста Рика | | 2 ноябри соли 1977 њ |
| Котд Ивуар | | 3 октябри соли 2013 њ |
| Хорватия | | 22 сентябри соли 2011 њ |
| Љумњурии Чех | | 19 декабри соли 2001 њ |
| Дания | | 11 июли соли 1977 њ |
| Эквадор | | 24 сентябри соли 2012 т |
| Финляндия | | 7 августи соли 2008 њ |
| Олмон | | 31 августи соли 1977 њ |
| Гватемала | | 19 июли соли 2001 њ |
| Гондурас | | 18 декабри соли 2012 њ |
| Венгрия | | 12 майи соли 2009 њ |
| Ирландия | | 18 январи соли 1973 њ |
| Ямайка | | 9 январи соли 2013 њ |
| Кирибатї | | 29 ноябри соли 1983 в |
| Латвия | | 14 апрели соли 1992 њ |
| Лесото | | 24 сентябри соли 2004 њ |
| Либерия | | 22 сентябри соли 2004 њ |
| Либия | | 16 майи соли 1989 њ |
| Лихтенштейн | | 25 сентябри соли 2009 њ |
| Литва | | 22 июли соли 2013 њ |
| Љумњурии Молдова | | 19 апрели соли 2012 њ |
| Мотенегро | | 5 декабри соли 2013 њ |
| Нидерланд | 30 августи соли 1961 | 13 майи соли 1985 т |
| Зеландияи Нав | | 20 сентябри соли 2006 њ |
| Никарагуа | | 29 июли соли 2013 њ |
| Нижер | | 17 июни соли 1985 њ |

**Давлатњои аъзои Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандї (идома)**

| **Номи давлат** | **Санаи ба имзо расонидан** | **Санаи ба тасвиб расонидан (т), њамроњшавї (њ), тасдиќ њамчун вориси њуќуќї (в)** |
|---|---|---|
| Нигерия | | 20 сентябри соли 2011 њ |
| Норвегия | | 11 августи соли 1971 њ |
| Панама | | 2 июни соли 2011 њ |
| Парагвай | | 6 июни соли 2012 њ |
| Порлугалия | | 1 октябри соли 2012 њ |
| Руминия | | 27 январи соли 2006 њ |
| Руанда | | 4 октябри соли 2006 њ |
| Сенегал | | 21 сентябри соли 2005њ |
| Сербия | | 7 декабри соли 2011 њ |
| Словакия | | 3 апрели соли 2000 њ |
| Свазиланд | | 16 ноябри соли 1999 њ |
| Шветсия | | 19 феврали соли 1969 њ |
| Тунис | | 12 майи соли 2000 њ |
| Туркманистон | | 29 августи соли 2012 њ |
| Украина | | 25 марти соли 2013 њ |
| Братанияи Кабир | 30 августи соли 1961 | 29 марти соли 1966 т |
| Уругвай | | 21 сентябри соли 2001 њ |

**Давлатњое ки Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандиро ба имзо расониданд, вале онро ба тасвиб нарасониданд**

| **Номи давлат** | **Санаи ба имзо расонидан** |
|---|---|
| Љумњурии Доминикан | 5 декабри соли 1961 |
| Фаронса | 31 майи соли 1962 |
| Исроил | 30 августи соли 1961 |

## Замимаи 3: Санади намунавї барои њамроњ шудан ба Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд

БО НАЗАРДОШТИ ОН КИ Конвентсияи соли 1954 дар бораи маќоми шахсони бешањрванд дар Конфронси ваколатдорон таърихи бисту њаштуми снтябри соли як њазору нўњсаду панљоњу чор ќабул гардидааст ва тибќи Моддаи 35 он барои тасдиќ ва њамроњшавї боз аст;

ВА БО НАЗАРДОШТИ ОН КИ тибќи банди 4 Моддаи 35 тасдиќ ва њамроњшавї ба он тавассути пешнињод намудани санад ба Дабири кулли Созмони Милали Муттањид сурат мегирад;

БА ИН ВОСИТА, имзокунанда, [номи Роњбари давлат, Роњбари њукумат ё Вазири корњои хориљї] бо ин нома оид ба њамроњшавии [номи давлат] хабардор мекунад;

ПЕШНИЊОД МЕГАРДАД бо имзои дасти худ дар__________________ мазкур______________

рўзи____________________________________ дуњазору ____________________________________

[Мўњри давлатї ва мўњри амонатдор вобаста аз зарурат ]

[мўњри Роњбари давлат, Роњбари њукумат ё Вазири корњои хориљї]

## Санади намунавї барои њамроњ шудан ба Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандї

БО НАЗАРДОШТИ ОН КИ Конвентсияи соли 1961 дар бораи коњиши њолатњои бешањрвандї дар Конфронси ваколатдорон таърихи сиюми августи соли як њазору нўњсаду шасту як ќабул гардидааст ва тибќи Моддаи 16 он барои тасдиќ ва њамроњшавї боз аст;

ВА БО НАЗАРДОШТИ ОН КИ тибќї банди 4 Моддаи 16 тасдиќ ва њамроњшавї ба он тавассути пешнињод намудани санад ба Дабири кулли Созмони Милали Муттањид сурат мегирад;

БА ИН ВОСИТА, имзокунанда, [номи Роњбари давлат, Роњбари њукумат ё Вазири корњои хориљї] бо ин нома оид ба њамроњшавии [номи давлат] хабардор мекунад;

ПЕШНИЊОД МЕГАРДАД бо имзои дасти худ дар__________________ мазкур______________

рўзи____________________________________ дуњазору ____________________________________

[Мўњри давлатї ва мўњри амонатдор вобаста аз зарурат ]

[мўњри Роњбари давлат, Роњбари њукумат ё Вазири корњои хориљї]

# Маълумоти мухтасар оид ба ИБП ва КОСММГ

## ИБП

ИПБ ташкилоти љањонии парлумонњои миллї мебошад. Мо дар самти таъмини сулњ ва пешбурди дигаргунии мусбии демократї ба воситаи муколамаи сиёсї ва тадбирњои амалї фаъолият мебарем. Њамчун ташкилоти ягонаи байналмилалие, ки парлумонњои давлатњои љањонро муттањид месозад, мо тавассути шабакаи ягонаи парлумонии худ ба рушди демократия ва сулњ муосидат мекунем.

Фаъолияти мо љињати баланд бардоштани иќтидори парлумонњо дар самти амалигардонии ваколатњои демократии худ, намояндагї ва шаффовият, масъулиятшиносї ва самаранокии кори парлумонї ба таваљљўњи хосаи мо ба баробарии гендарї, њуќуќи инсон, рушд ва сулњ ва амнияти байналмилалї
асос меёбад.

Мо аксари ваќт бо шарикони худ, аз љумла Созмони Милали Муттањид ва ташкилотњои махсуси он, дар самти таъмин намудани парлумонњо бо маълумоти замонавї ва амалї оид ба масъалањое, ки мавриди таваљљўњи онњо дар сатњи миллї ќарор доранд, кор мебарем.

Таъсиси иттињоди доимоивазшавандаи вакилони парлумон аз саросари љањон, иборат аз 47,000 нафар, барои њамаи тадбирњо љињати дигаргунї дар сиёсат ва ќонунгузорї наќши беназир дорад. ИБП созмони мустаќил ва худидорае мебошад, ки асосан аз љониби аъзоёни мо маблаѓгузорї мешавад. Њамчун иттињоде, ки соли 1889 таъсис ёфта, имрўз, дар соли 2014, 164 парлумонњои миллиро ба њайси Аъзо ва 10 созмонњои минтаќавии парлумониро ба њайси Аъзоёни шарик дар бар мегирад, ИБП боз њам таќвият меёбад ва бо ин талаботи сатњи љањонї ба демократияро ифода мекунад.

## КОСММГ

КОСММГ бо роњбарї ва њамоњангсозї намудани фаъолияти сатњи байналмилалї оид ба њимояи гурезагон ва њалли мушкилоти онњо дар саросари дунё ваколатдор гардидааст. КОСММГ њамаи тадбирњоро љињати таъмин намудани њуќуќи њар як инсон ба љустани паноњгоњ ва ёфтани паноњгоњи бехатар дар дигар давлат ва бозгашти ихтиёрї ба ватани худ меандешад. Ба воситаи дастгирии гурезагон дар бозгашт ба ватани худ ё дар давлати нав маскан гирифтан КОСММГ барои таъмини татбиќи давомдори њуќуќњои онњо мусоидат мекунад.

Кумитаи иљроияи КОСММГва Маљмааи Умумии СММ КОСММГ-ро инчунин бо дастгирии шахсони бешањрванд ваколатдор намуда, ин ташкилотро барои расонидани кўмак ба оворагони дарунмарзї вазифдор карданд.

КОСММГ љињати коњиши њолатњои рондашавии иљборї ба воситаи љалб намудани давлатњо ва муассисањо барои фароњам овардани шароити мувофиќ бањри њимояи њуќуќи инсон ва њалли низоњо бо роњи осоишта тадбирњо меандешад.

Ташкилоти мазкур ба гурезагон ва дигар ашхос ба таври беѓаразона ва дар асоси эњтиёљоти онњо, новобаста аз нажод, ранги пўст, дин, аќидаи сиёсї ва љинсият кўмак ва њимоя пешнињод мекунад. КОСММГ принсипи иштироки фаъолонаро дар фаъолияти худ пайравї мекунад ва ба гурезагон оид ба тамоми ќарорњое, ки ба њаёти онњо дахл доранд, машварат медињад. КОСММГ дар њамкорї бо њукуматњо, созмонњои минтаќавї ва ташкилотњои байналмилаливу ѓайридавлатї фаъолияти худро пеш мебарад.

© Иттињоди Байнипарлумонї 2014

Рањнамои мазкур аз љониби Иттињоди Байнипарлумонї ва Комиссари Олии Созмони Милали Муттањид оид ба гурезагон нашр гардидааст.

Њамаи њуќуќњои муњофиз аст. Ягон ќисми ин нашрия наметавонад бидуни иљозати пешакї аз љониби Иттињоди Байнипарлумонї ва Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон мунташир шавад, дар системаи бозёбї сабт гардад ё дар ягон шакл ва ба ягон восита – воситаи электронї, шакли чопи пурра, тавассути нусхабардорї, сабт ё дигар - интиќол ёбад.

Нашрия мазкур ба шарте пањн мегардад, ки он ба воситаи тиљорат ё дигар роњњо кироя карда намешавад, ба фўруш монда намешавад ва ё бо дигар восита бе иљозати пешакии ношир дар ягон шакли дигари сањњофї ба ѓайр аз шакле, ки он нашр гардидааст, ва бидуни шартњои ба ин монанд, аз љумла шартњое, ки ба нашри минбаъда гузошта мешаванд, пањн карда шавад.

ISBN 078-92-9142-599-0 (IPU)

**Акси муќова**

Њамроњшавии тозаи Кот-д Ивуар ба конвентсияњо дар бораи бешањрвандї барои њазорон нафар шахсони бешањрванд, аз љумла кўдакони ин дења, маънои фароњам омадани имконият барои ќабул шудан ба шањрвандии ин давлат ва бањраманд шудан аз манфиатњои онро дорад.

© КОСММГ/ Грег Константин, 2010